ДТ “ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР Ш. ХУҶАНД”

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД 332 (575.3)

БОБОЕВА ШАҲЛО ҒАНИЕВНА

МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР НИЗОМИ РУШДИ ИНДУСТРИАЛӢ - ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. — Иқтисодиёти ҳудудӣ

Роҳбари илмӣ:

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Самадова Заррина Акрамҷонова

Хуҷанд – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ 3

МУҚАДДИМА 5

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР 16

1.1. Моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гуруҳбандии минтақаи озоди иқтисодӣ дар шароити муосир 16

1.2. Асосҳои институтсионалии ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва рушди индустриалии инноватсионӣ 32

1.3. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди минтақаи озоди иқтисодӣ 54

БОБИ II. МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ “СУҒД” ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТ: ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛОТ **69**

2.1. Тавсифи умумии вазъи муосири Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”: муаммоҳо ва равандҳо 69

2.2. Минтақаҳои иқтисодӣ дар татбиқи стратегияи саноатикунонӣ дар вилояти Суғд 87

2.3. Омилҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” ва амсиларонии онҳо 103

БОБИ III. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ “СУҒД” ДАР НИЗОМИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА **122**

3.1. Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми таҷдиди иқтидори истеҳсолии вилояти Суғд 122

3.2. Такмили танзими фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ 142

ХУЛОСАҲО **161**

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ **164**

РУЙХАТИ АДАБИЁТ **166**

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ **179**

Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

МДТ – Муассисаи давлатии таълимӣ

ДИС ДДТТ – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

МИ – Минтақаи иқтисодӣ

МОИ – Минтақаи озоди иқтисодӣ

ММИ – Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ

ММ – Минтақаҳои махсус

КК – Конвенсияи Киото

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

БК – Британияи Кабир

ИА - Иттиҳоди Аврупо

ҚҶТ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ААИ – Арзиши андози иловашуда

ИШ - Иттиҳоди Шуравӣ

ҶҚ - Ҷумҳурии Қазоқистон

FTA – Free Trade Area (Минтақаи Озоди Савдо)

МММ – Маҷмуи маҳсулоти минтақа

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ОМ – Осиёи Марказӣ

ВМКБ - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҶСК - Ҷамъияти саҳҳомии кушод

ҶСП - Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида

КМ – Корхонаи муштарак

КТ – Корхонаи тиҷоратӣ

КФ – Корхонаи фарҳӣ

ТТ – Технологияи таълимӣ

SWOT – Аз ҳарфҳои нахустини англисии Strengths (ҷанбаҳои қавӣ), weaknesses (ҷанбаҳои суст), opportunnitus (имкониятҳо), treats (хавфҳо, таҳдидҳо)

смн. – сомонӣ

ҳаз. – ҳазор

млн. – миллион

ниг. – нигаред

мар. – маротиба

– маълумот мавҷуд нест

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосир дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳо ва механизмҳои низоми хоҷагидории бозорӣ васеъ гардида дар сиёсати давлатӣ «дарҳои боз» амал мекунад, ки баҳри ташаккул ва рушди минтақаҳои иқтисодӣ мусоидаткунанда аст, зеро баҳри расидан ба ҳадафу вазифаҳои стратегияи миллии инкишоф, истифодабарии кулли самтҳои имконпазири таъмини рушд ба мақсад мувофиқ аст. Дар давраҳои аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар иқтисодиёти ватанӣ пастшавии фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, коҳишёбии истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ ва зарарҳои моддӣ-техникии гароне, ки бо ҷанги шаҳрвандӣ алоқаманд буданд, мушоҳида карда мешуд. Вале аз соли 2000 инҷониб ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисодиёт раванди созандагиву ободкорӣ бо суръати баланд амалӣ гардида истодааст.

Дар ин радиф, истифодабарии кулли фишангу воситаҳое, ки рушди иқтисодиётро таъмин менамоянд, ба яке аз стратегияҳои иқтисодии давлатӣ мубаддал гардид.

Дар таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар ин раванд ташаккули минтақаҳои иқтисодӣ нақши ҳалкунандаро доро мебошад, зеро ба воситаи он заминаи мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам таъмин мегардад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои иқтисодӣ асосан дар шакли минтақаи озоди иқтисодӣ, минтақаҳои саноатӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои алоҳида ташкил карда шудаанд. Вазъи корхонаҳои саноатӣ дар ин минтақаҳо аз ҷиҳати амалӣ фаъол гардида бошад ҳам, ҳоло қонеъкунанда нест. Дар фаъолияти онҳо баҳри ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташуда то ҳоло маҳдудияти сармоягузорӣ эҳсос карда мешавад.

Ҳоло дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар минтақаҳои он, аз ҷумла дар вилояти Суғд, чор ҳадафи стратегии давлати

бомуваффақият амалӣ шуда истодааст. Новобаста аз он дар масъалаҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ, баланд бардоштани иқтидории истеҳсолии минтақаҳо, афзоиши коркарди ашёи хоми ватанӣ, таъсиси корхонаҳои нав, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ мушкилот мавҷуданд. Аз ин лиҳоз, баҳри таъмини иҷрои ҳадафҳои стратегӣ дар кулли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тавассути ташаккули шаклҳои гуногуни минтақаҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла паркҳои индустриалӣ, паркҳои технологӣ, минтақаҳои саноатӣ, соҳибкории озод, минтақаи озоди иқтисодӣ яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои номбаршуда мебошад. Бо ин ҳадаф дар шаҳру ноҳияҳо нуктаҳои асосии рушд таъсис ёфта, дигар соҳаҳоро барои инкишоф ёфтан вусъат диҳанд.

Дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала чунин зикр гардидааст: “...таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, сармоягузорон, шарикони рушд ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои муосири каммасраф ва дар ин замина ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар диққати аввалиндараҷа дода шавад...” [1]. Мақсади ноил гардидан ба меъёрҳои ҷаҳонӣ доир ба истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди бозори инноватсионӣ ва барпо намудани инфрасохтори иҷтимоӣ бо ташаккули минтақаҳои махсуси иқтисодии гуногун имконпазир мегардад, ки аз нуктаи назари илми иқтисодӣ мубрам ва саривақтӣ будани таҳқиқи онро тасдиқ менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Ба коркарди назарияҳои минтақаи иқтисодӣ омӯзиши ҷабҳаҳои мусбат ва манфии он асарҳои як қатор олимон, ба монанди Б. Олин [15], Я. Тиберг [26] , Х. Уоллис [29], Я. Вайнер [8], А. Киреев [11], Е. Авдокушин [4], З. Раҷабова [22] ва дигарон бахшида шудааст. Ҳамчунин, дар омӯзиши муаммоҳои ташкили нуктаҳои рушди

иқтисодӣ дар Тоҷикистон олимони ватанӣ, ба монанди: М. Маҳмадназарбеков [13], М. Шоидарвозова [33], Т. Назаров [14], Л. Саидмуродов [23], Х. Умаров [28] ва дигарон ҳиссаи назарраси худро гузоштаанд.

Ба минтақаҳои махсус дар қаринаи таъмини рушди иқтисод ҳанӯз солҳои 90-уми асри гузашта асарҳои илмӣ бахшида шуда буданд. Абдусамадов Г. С. [3] хусусиятҳои асосии минтақаи иқтисодиро дар қаламрави вилояти Суғд баррасӣ намудааст. А. А. Бойматов [7] асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодиро таҳқиқ намудааст. Ҳакимзода Абдураҳмон [31] низ дар ин самт корҳои муайяни илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронида, онро аз нуктаи назари алоҳидаи иқтисодӣ баррасӣ намудааст. М. С. Шоидарвозова [35] минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамчун шакли ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Вале новобаста аз мавҷудияти асарҳои илмӣ, хусусиятҳои хоси минтақаи иқтисодӣ дар радифи рушди индустриалии инноватсионӣ, алалхусус минтақаи озоди иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалии аграрӣ дар қаламрави ҳудудҳои алоҳидаи маъмурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Дар асоси суханҳои қайдгардида гуфтан мумкин аст, ки дар асарҳои илмӣ минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун такондиҳандаи рушди иқтисоди вилоят ва шаҳру ноҳияҳо аз нуктаи назари илмӣ, методологӣ ва амалӣ нашудааст, бинобар ин рисолаи диссертатсионии мазкур мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва (ё) мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо банди 3.2. “Рушди минтақаҳо” ва банди 5 “Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт”, инчунин бо Барномаи рушди

иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025, банди 2 “Беҳтар намудани шароит барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ” алоқаманд аст.

Кори илмӣ, инчунин ба мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии нақшавии кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот дар таҷдиди муқаррароти илмӣ оид ба густариши фаъолияти минтақаҳои иқтисодӣ дар амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии давлатӣ дар ҳудудҳои маъмурии кишвар, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати ташаккул ва такмили ин раванд ифода мегардад.

Барои дастрасии мақсади мазкур иҷроиши **вазифаҳои зерини таҳқиқотӣ** муайян карда шудаанд:

- таҳқиқи моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои иқтисодӣ ва омӯзиши алгоритми ташаккули минтақаи иқтисодӣ;
- муайян намудани вазъи рушд ва муаммоҳо дар фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии «Суғд», омӯзиши омилҳои мусоидаткунанда ва боздорандаи рушди он;
- таҳлили мақому аҳамият ва афзалиятҳои МОИ «Суғд» дар раванди рушди иқтидори истеҳсолии вилоят дар замони муосир;
- тақвияти самтҳои калиди рушди фаъолияти инноватсионӣ дар МОИ «Суғд».

Объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташаккул ва рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар ҳудудҳои муайяни маъмурӣ алоқаманд мебошад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот – раванди таҷдиди фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти индустриалии инноватсионии вилояти Суғд мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Минтақаи озоди иқтисодӣ дорои нерӯи азими рушди иқтисодиёти ҳудудҳои маъмурӣ буда, дар натиҷаи таъмини муносиби рушди он барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Давраи иҷрои кори илмӣ солҳои 2020-2026-ро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳқиқоти олимони намоёни ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои ташаккул ва рушди минтақаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Инчунин дастовардҳои нави иқтисодӣ, барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳои давлатӣ дар самти густариши минтақаҳои иқтисодӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ мебошад. Санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ, қонунҳо, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини рушди устувор дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот якчанд усулҳои муосири таҳлили илмӣ, дар баробари усули мантиқӣ ва абстрактӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, тарзи муқоисавии арзёбӣ, методи таҳлили сохторӣ ва ҳамчунин таҳлили анъанавии пажӯҳишӣ истифода шудаанд. Ин методологияи гуногунҷабҳа имконият дод, ки равандҳо ва ҳодисаҳои иқтисодӣ бо диди фарогир ва амиқ мавриди омӯзиш қарор гиранд ва таҳлилҳои мушаххас ва асоснок пешниҳод шаванд. Илова бар он истифодабарии таҳлилҳои регрессионии бисёромила, усулҳои математикии иқтисодӣ низ асоси методологии таҳқиқотро инъикос менамояд.

Сарчашмаи маълумот. Манбаи асосии иттилооти истифодашуда маълумотҳои расмии пешниҳоднамудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати саноат ва

технологияҳои нав, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, сохторҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатии маҳаллии вилояти Суғд ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, монографияҳо ва асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, маводи шабакаи Интернетӣ, сомонаҳои расмии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил доданд.

Пойгоҳи таҳқиқот кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар рушди назарияи минтақаҳои иқтисодӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба ташкилдиҳии фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми таъмини рушди индустриалии инноватсионии вилояти Суғд мебошад.

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми илмие, ки мундариҷаи навгониро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

- муқарраротҳои илмии минтақаҳои иқтисодӣ низомбандӣ карда шуда, тибқи он ба мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст: “Минтақаи озоди иқтисодӣ ин ҳудуди муайяни бо тарзи мақсаднок ҷудокардашудаи давлати соҳибистиқлол дар самти дастрасии ҳадафҳои аниқи аҳамияти стратегидошта оид ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот, инноватсиякунонӣ, интегратсиякунонӣ ва вусъат бахшидани сармоягузорӣ мебошад, ки бо фишангҳои махсуси имтиёзӣ аз ҷониби давлат танзим карда мешаванд”. Алгоритми ташаккули МОИ асоснок карда шудааст, ки марҳилаҳои чунин аст: арзёбии вазъи макроиқтисодӣ, гузориши ҳадафҳо, коркарди таҳкурсии ҳуқуқӣ, дарёфт ва ташкили захираҳои зарурӣ, идоракунӣ, иҷроиши ҳадафҳо, мониторинг, муқоисаи натиҷаҳо, ислоҳи норасоиҳо ва коркарди стратегияи рушд;

- арзёбӣ карда шудааст, ки МОИ «Суғд» дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии инноватсионии вилоят нақши доминантӣ дошта тибқи

меъёрҳои: шумораи корхонаҳои фаъол, ҳаҷми истеҳсолот ва миқёси хизматрасонӣ байни дигар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ мавқеи аввалро дорад. Муайян карда шудааст, ки дар фаъолияти МОИ «Суғд» муаммоҳои зерин мавҷуданд: нокифояи техникаю технологияҳои муосир, рушди суст ва номукаммали инфрасохтори минтақа, норасоии кадрҳои баландихтисос, сатҳи сусти самаранокии фондҳои истеҳсолӣ, маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ва пурра истифода нашудани иқтидорҳои мавҷуда ва ғайра. Омилҳои мусоидаткунанда ва боздорандаи рушди МОИ «Суғд» муайян карда шудаанд;

- амсилаи математикию иқтисодӣ оид ба арзёбии таъсири омилҳои дохилӣ коркард карда шудааст, ки аз байни омилҳо ба рушди МОИ «Суғд» субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳаҷми сармоягузорӣ, сатҳи таъсиррасонии баланд дорад. Исбот карда шудааст, ки аз чор як ҳиссаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар шакли корхонаҳои муштарак дар ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷии дуру наздик фаъолият дошта, самаранокии нишондодҳои иқтисодӣ, алалхусус, ҳаҷми маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат, бозdеҳии фондҳо, даромаднокӣ, коэффитсиенти бафурӯшравии назаррас нисбат ба корхонаҳои ватанӣ баланд буда, бо роҳи интенсивӣ рушд дорад;

- асоснок карда шудаст, ки МОИ «Суғд» дар инкишофи иқтидори истеҳсолии вилоят дар самти воридотивазкунанда нақши пешбарро дорад. Амсила оид ба пайвастагии истеҳсолоти саноати вилоят ва иқтидори МОИ «Суғд» коркард ва пешниҳод гардидааст. Дар ин асос муайян гардид, ки рушди инноватсионии вилоят бештар аз зиёдшавии теъдоди корхонаҳо дар МОИ «Суғд», шумораи ҷойҳои корӣ дар ин минтақа вобаста мебошад. Самтҳои такмилдиҳии фаъолияти МОИ «Суғд» таҳия ва пешниҳод карда шуданд. Алалхусус, ташкили шарикии давлат бо бахши хусусӣ, таҷдиди сармоягузорӣ ба раванди инноватсионӣ, коркарди партовҳои саноатӣ, бехатарии экологӣ, низоми логистикӣ дар минтақа рушди тиҷорати байналмилалӣ дар МОИ «Суғд».

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунинанд:

- дар асоси низомбандии консепсияҳои минтақаи иқтисодӣ ба мафҳуми МОИ саҳеҳӣ ворид карда шудааст, инчунин алгоритми ташаккули МОИ асоснок карда шудааст;

- муаммоҳо дар фаъолияти МОИ «Суғд» муайян гардида, омилҳои мусоид ва боздорандаи рушди он арзёбӣ карда шудааст;

- амсилаи математикии иқтисодӣ таҳия гардида, тамоюлҳои рушди МОИ «Суғд» асоснок карда шудааст;

- амсилаи таъсиррасонии МОИ «Суғд» ба рушди иқтисодии вилоят коркард карда шуда, самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили фаъолияти МОИ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада барои мустаҳкам намудани заминаи иқтидори иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани самаранокии МОИ «Суғд» мусоидат менамояд. Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки бевосита ба фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобастаанд, барои такмили моделҳои идоракунии минтақавӣ ва таҳкими рушди индустриалии инноватсионӣ дар сатҳи вилояту ҷумҳурӣ заминаи воқеӣ фароҳам меоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи натиҷаҳо дар раванди банақшагирии стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисоди минтақавӣ низ ифода меёбад. Ҳамчунин тавсияҳои дар диссертатсия марбут ба таъмини рушди индустриалии инноватсионӣ пешниҳодшуда дар таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои минтақавии рушди иқтисодӣ барои истифодабарӣ равона мегардад.

Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз ҷониби Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд истифода гардидаанд (маълумотнома дар бораи татбиқ № 1-02/324 аз 30.12.2024).

Натиҷаҳои алоҳидаи илмии таҳқиқот дар ҷараёни таълими фанҳои асосҳои соҳибкорӣ ва нақшагирии бизнес, иқтисодиёти инноватсионӣ, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва соҳибкории инноватсионӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд (маълумотномаи МДТ ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд № 432 аз 30.05.2024).

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустии маълумот, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, тасниф, коркард ва таҳлили сарчашмаҳои иттилоотӣ дар соҳаи минтақаҳои иқтисодӣ дар низоми таъмини рушди индустриалии инноватсионии ҳудудҳо, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ватанӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси таҳлили амиқи таҳқиқоти назариявӣ ва натиҷаҳои таҷрибавӣ рӯйи кор омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқот ба шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, дар доираи ихтисоси 5.2.4. — Иқтисодиёти ҳудудӣ амалӣ гардида, ба бандҳои: 3. Ташкили ҳудудии иқтисодиёти миллӣ; ташаккулёбӣ, амалишавӣ ва навсозии кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои ҳудудию маҳаллии иқтисодӣ. 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; банди 9. Арзёбии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондиҳандаҳо, методҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои шаклдигаркунии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии онҳо мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар интихоби мавзуъ, пешбурди корҳои таҳқиқотӣ дар раванди навиштани

рисола, муайян намудани мақсад, объект, предмет, вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии заминаҳои илмӣ, муайянкунии муқаррароти асосии натиҷаҳои таҳқиқот ва интихоби усули таҳқиқот зоҳир гардидааст. Ҳамчунин, ширкати унвонҷӯ дар раванди таҳқиқот тариқи нашри мақолаҳои илмии вобаста ба мавзуи таҳқиқот, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявию минтақавӣ аз саҳми довталаб гувоҳӣ медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия рисолаи таҳқиқотӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърӯзаҳо ва баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишгоҳӣ нашр гардидаанд. Алалхусус дар конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни ДИС ДДТТ “Рушди иқтисодиёти инноватсионию индустриалӣ: назария, усулҳо, таҷриба (Хуҷанд, 2019); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот” (Хуҷанд, 2021); конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии “Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар” (Хуҷанд, 2022); конференсияи байналмилалии илмию амалии “Ҷанбаҳои молиявию иқтисодии тараққиёти сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Хуҷанд, 2023) ва конференсияи байналмилалии илмию назариявии “Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат” (Душанбе, 2024) пешниҳод ва нашр шуданд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда мебошад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се фасли асосӣ, хулоса ва тавсияҳо иборат буда, рӯйхати адабиёти истифодашуда дорои 139 сарчашмаҳои илмӣ мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 165 саҳифаи чопӣ, 26 ҷадвал, 7 расм ва 2 формуларо дарбар мегирад.

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

1.1. Моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гурӯҳбандии минтақаи озоди иқтисодӣ дар шароити муосир

Ҳанӯз дар замонҳои қадим ҷомеаи пешрафта ба масоили иқтисодӣ назар мекард. Аз ин ҷост, ки дар мероси файласуфони қадим андешаҳо оид ба иқтисоду иқтисодшиносӣ ба назар мерасанд. Махсусан, асари бузурги Афлотун бо номи «Сиёсат» шаҳодати ин гуфтаҳост. Дар мероси адабии халқи тоҷик ба ин мансуб китобҳои қадимтарини то замони мо расида, ба монанди «Авасто» [33], «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [32], «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус [64], «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [69] ва ғайраҳо мебошанд. Асосгузори илми назарияи иқтисод Арасту, ки файласуфи барҷастаи ҳама давру замон эътироф шудааст, доир ба иқтисодиёт чунин андеша дорад: “Иқтисод - илм оид ба рӯзгордории (хоҷагидории) оқилона мебошад”. Иқтисод, ба андешаи Арасту, ин бунёди “боигарии (сарвати) ҳақиқӣ”, андӯхти арзиши истеъмолӣ аст. Иқтисод, - мегӯяд Арасту, ин фаъолияти муҳимтарин ва пурифтихортарин аст, чунки он эҳтиёҷоти ҳаётан муҳими инсонро қонеъ мегардонад.

Таҳияи барномаҳо, стратегияю консепсияҳо оид ба рушди иқтисодӣ, дастгирии соҳаҳо, амалӣ намудани равандҳои мушаххас ва танзими амалишавии он аз ҷониби сохторҳои давлатӣ роҳандозӣ мегардад. Дар ин ҷо аз захираҳои иқтидорҳои мавҷуда дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба инобат гирифта мешавад. Боиси зикр аст, ки пеш аз амалӣ намудани онҳо нахуст таҳқурсии ҳуқуқии меъёрӣ бояд омода бошад. Дар ин асос дар ҷараёни коркарди сиёсати давлатӣ марбут ба соҳаҳои иқтисодиёт, ҳадафҳои стратегӣ масъалаи баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ нуктаи асосӣ ҳисобида мешавад. Давлат барои иҷрои ин вазифаҳои

муҳимтарин сиёсати муомилоти пул, қонунгузории андоз, дастгирӣ, тақсими маблағҳои буҷет, сиёсати берунӣ ва амсоли инҳоро моҳирона истифода мебарад. Барномаҳои аввалини ислоҳоти иқтисодии мамлакат бо номи “Барномаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1995-2000” (моҳи ноябр) таҳия ва баррасӣ гардид, ки баҳри иҷрои он чораҳои муайян андешида шуданд.

Дастгирии давлатии солҳои 1998-2000 барои бартараф кардани падидаҳои буҳрони иқтисодӣ ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ба барқарор намудани тараққиёти устувори тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ нигаронида шуда буданд. Раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ аз низоми нақшагирию тақсимот оғоз ёфт. Ҳукумати мамлакат роҳҳои нав ва асосии тараққиёти иқтисодию иҷтимоии хоҷагии халқро муқаррар кард. Вазифаҳое ба миён гузошта шуданд, ки иҷрои он барои бомуваффақият гузаронидани ислоҳот ва тақвияти тамоюли мусбат дар иқтисодиёти вилоят мусоидат мекард. Дар натиҷаи дигаргуниҳои иқтисодӣ, асосан, мақсади даври якуми ислоҳот муяссар гардид ва таҳкурсии иқтисоди бозорӣ гузошта шуд. Вазъи бунёди нави иқтисодӣ ба вуҷуд омад ва тафаккури нави иқтисодӣ ташаккул ёфт.

Гузариш ба бозор боиси бозсозии қитъаи алоқаҳои пешинаи хоҷагӣ ва тағйироти ҷиддии муносибатҳои истеҳсолӣ гардид. Дар соҳаҳои савдо, хизмати маишӣ ва нақлиёт раванди “хусусигардонии хурд” анҷом ёфт. Хусусигардонии корхонаҳои миёна ва калон бомуваффақият идома ёфтанд. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва маблағгузорӣ босуръат инкишоф ёфта, корхонаҳои муштарак бунёд гардиданд. Низоми савдои яклухт ва чакана босуръат пеш рафта, инфрасохтори муносибатҳои бозории молу ашёи хом ва биржаи ғайриманқул, палатаҳои савдо, хонаҳои савдо ва ғайра фаъолона ба шакли муайян даровардa шуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки солҳои охир дар саросари ҷумҳурӣ тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чор ҳадафи стратегӣ дар амал аст, ки ҳадафи асосӣ мустаҳкам намудани сатҳи рақобатии кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Онҳо чунинанд: таъмини амнияти энергетикӣ; раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ; саноатикунонии босуръати кишвар. [6, с.5-12]

Дар қаринаи саноатикунонии босуръати кишвар ташкили ҷойҳои нави корӣ яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ба шумор меравад, яъне бе ташаккули корхонаҳои хурду миёна ба пешравии иқтисодиёт ноил гаштан ғайриимкон аст. Дар натиҷаи иҷро кардани ҳадафҳои гузошташуда нақшаи гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба шакли индустриалӣ-аграрӣ татбиқи худро меёбад.

Боиси қайд аст, ки дар таҷрибаи фаъолияти кишварҳои хориҷа баҳри ташаккули шароитҳои мусоид барои иҷрои ҳадафҳои гузошташуда, хусусан дар самти рушди соҳибкории ин ё он соҳаҳои хоҷагии халқ ташкили минтақаҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Ташаккули минтақаҳои иқтисодии махсус дар аксар ҳолатҳо омили калидии таъмини иҷрои вазифаҳо ба ҳисоб меравад. Ба тавассути он истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда ва ё ба содиротнигаронидашуда ё ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, ҳавасмандкунии рушди сайёҳӣ, таҷдид ва такмили сохторҳои нақлиётии логистикӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти молҳои нави саноатӣ, ташаккули корхонаҳои рақобатпазир ва ғайра амалӣ мегардад. Дар ҳақиқат, ташаккули минтақаҳои иқтисодии махсус барои рушди соҳибкорӣ, соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ ва дар маҷмуъ, дар рушди иқтисодиёт саҳми назаррас дошта, барои такмили тараққиёти технологии иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Дар шароити имрӯзаи рушди хоҷагии ҷаҳонӣ шаклҳои хеле гуногуни минтақаҳои иқтисодиро аз ҳам ҷудо менамоянд ва дар амал қарор медиҳанд. Бо тарзи умум минтақаи иқтисодӣ (МИ) қисми таркибии комплекси хоҷагидории кишвар ба ҳисоб рафта, аз қаламрави умумӣ ҳамчун ҳудуди афзалиятнок муайян мегардад, ки барои расидан ба мақсади муайяни аниқ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Ба ақидаи мо, ҳамаи намудҳои шаклҳои гуногуни МИ ба чунин тавсиф мутобиқанд. Зеро бо кадом ном номгузорӣ гарданд, МИ барои ҳалли як ё якчанд вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар равона карда мешаванд. Илова бар ин, дар бештари ҳолатҳо МИ, новобаста аз номгузорӣ, шакл ва намуд, ҳадафҳои умумӣ низ доранд, ба монанди таҷдиди содироти мол, таҳияи шароит барои воридоти сармоя, ҷалби технологияҳои нав, ба роҳ мондани истеҳсолоти молҳои инноватсионӣ дар асоси истифодабарии технологияҳои баланд, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва ғайра мебошад.

Бо тавассути ташаккули МИ дар навбати аввал кӯшиш дода мешавад, ки шароити мусоид фароҳам оварда шавад, яъне новобаста аз он ки минтақаҳои иқтисодӣ дар шакли гуногун таҳия мегарданд, тибқи назария ва амалия имконпазир аст ва онҳо барои ҳамин мақсад ташкил карда мешаванд. Шароити мусоид дар самтҳои гуногун метавонад фароҳам оварда шавад. Масалан гирем:

- дар самти ташкили истеҳсолот;
- дар самти мубодилаи молу хизматрасониҳо, яъне дар соҳаи савдо;
- дар самти рушди муносибатҳои байналмилалӣ;
- дар самти тақсимоти молу хизматрасониҳо ва ғайра.

Новобаста аз он ки шакли МИ гуногун аст, як хусусияти хоси худро дорад, ки он маҳдудияти ҷуғрофӣ мебошад. Чунончӣ, ҷойгиршавии онҳо аз нуктаи назари ҷуғрофӣ маҳдуд карда мешавад, яъне сарҳади муайян

гузошта мешавад. Ин дуруст аст, зеро дар ҳамин сарҳади муайяни МИ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла тартиботи иқтисодӣ ё муносибатҳои хоси танзимот татбиқ карда мешавад. Боиси зикр аст, ки ҳамзамон инҷо ҳар гуна имтиёзҳо низ гузошта шуданаш мумкин аст.

Дар илми иқтисодӣ оид ба қадамҳои аввалин дар самти ташаккули минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) чунин омадааст: «...Аввалин МОИ дар Британияи Кабир (БК) оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ аз соли 1973 дида мешавад, ки дар он гуфта мешавад, ки минтақаи озод як қисми қаламрави тарафҳои аҳдкунанда буда, дар дохили он моли ҷойгиршуда ба ҳисоб меравад...» [110].

Ба назари мо, дар соли 1973 падидае, ки дар Британияи Кабир ба ҳайси намунаи аввалини МОИ зикр гардидааст, нишонаи он аст, ки зарурати содда ва равшан кардани муомилоти гумрукӣ кайҳо дарк шудааст. Имрӯзҳо МОИ яке аз воситаи муҳимест, ки барои ҷалби сармоягузорӣ ва соддагардонии муомилоти молҳо дар саросари ҷаҳон ба назар мерасад.

Н. Н. Шмонов - иқтисодшинос ва олим, ки дар соҳаи иқтисодиёт ва назарияи муносибатҳои иқтисодӣ фаъолият мекунад, ӯ "...Минтақаи махсуси иқтисодиро (ММИ) ҳамчун як ҷузъи қаламрави кишвар шарҳ медиҳад, ки "хусусияти фарққунандаи он низоми мустақили муносибатҳо ва робитаҳо буда, дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ имтиёзҳои махсус дорад. Мақсади ММИ ҳалли мушкилоти илмию иҷтимоӣ, техникӣ ва иқтисодӣ мебошад..." [103, с. 156-161].

Дар ташаккули минтақаҳои иқтисодӣ бо муайян намудани қаламравии ҷуғрофӣ механизмҳои идоракунӣ, танзим, ташкилӣ ва умуман самтҳои амалишавии сиёсати иқтисодӣ муайян хоҳад гардид. Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки ҳар як МИ тартиботи хоси худро дорад ва барои ҳалли муаммои муайян дар низомномааш ишора мегардад ва ба

назар гирифта мешавад. Аз ин лиҳоз, дар таҷриба дар таҳияи МИ ба хусусиятҳои он аҳамият медиҳанд.

Ба андешаи мо, минтақаҳо дар шароити муосири рушди кишварҳо нақши калидӣ мебозанд. Онҳо на танҳо имкони ҷалби сармояро бештар мекунанд, балки барои татбиқи ислоҳоти нав метавонанд чун майдони таҷрибавӣ бошанд. Дар ин минтақаҳо давлат метавонад роҳу усулҳои навро пеш аз татбиқи умумӣ бисанҷад ва агар муваффақ гардад, дар дигар қисматҳои кишвар низ татбиқ васеи онро ба роҳ монад.

Аз ин рӯ, мо минтақаҳои иқтисодиро на танҳо як воситаи иқтисодӣ, балки як платформаи ҳамаҷонибаи рушд ва навоварӣ медонем, ки метавонад ба тағйироти мусбат дар иқтисоди миллӣ ва ҳам иҷтимоии кишвар такони воқеӣ бахшад.

Дар назарияи иқтисодиёт ва амалия мавҷудияти намудҳои гуногуни МИ эътироф карда мешавад, вале ҳар яки онҳо аз мақсаду ҳадафҳои гузошташуда вобастаанд. Бинобар он, дар ин ҷо мехостем, пеш аз баррасӣ намудани моҳияти ин категорияи мураккаби иқтисодӣ, яъне МИ оид ба шаклҳои бештар паҳнёфтаи он дар илми иқтисодӣ истода гузарем.

МИ дар сатҳи ҷаҳонӣ асосан ба се гурӯҳ тақсим мешавад:

1. Минтақаҳои бандарҳои озод - чунин гуна МИ асосан дар самти тиҷорати байналмилалӣ ташкил карда шуда, ҳадафи беҳтар кардани муносибатҳои савдоро дар назар дорад. Дар ин ҷо гузориши ҳар гуна имтиёзҳо дар соҳаи гумрук, андоз, пешниҳоди молҳо низ ба назар гирифта мешавад.

2. Минтақаҳои воридотӣ ва содиротӣ - дар ин гуна МИ асосан пешниҳоди имтиёзҳои гуногун ба ҷараёни воридот ва содирот нигаронида шудааст, ки аз номаш маълум аст.

3. Минтақаҳои фаъолияти озод - дар ин гуна МИ фароҳам овардани шароити мусоид барои ягон гуна фаъолият мебошад. Масалан, барои

истеҳсоли молҳои инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои саноатӣ ё беҳгардонии ҳолати молиявӣ ва ғайра.

Бидуни он шаклҳои асосие, ки дар боло зикр карда шуд, дар шароити муосир шаклҳои нави он низ пайдо гардидааст, ки онҳоро ҳамчун минтақаҳои технологӣ меноманд. Чунин гуна минтақаҳо асосан барои рушд додани пешрафти илмӣ-техникӣ ва татбиқи амалии он равона мегардад. Ҳамчун мисол якчанде аз онҳоро бо тарзи умум номбар менамоем, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маълуму машҳуранд:

- «Водии Силикон» - дар штати Калифорнияи ИМА;
- «Роҳи 128» - дар штати Массачусетси ИМА;
- «Марказҳои Митон Кейнс ва Кембриҷ» - дар БК;
- «София Антополис» ва «Мелан Гренобол» - дар Фаронса;
- «Технополиси Дедук» - дар Кореяи Ҷанубӣ;
- «Технополиси Шенҷен», «Технополиси Гуандун» - дар Чин;
- «Технополиси Москва»- дар Русия ва ғайра.

Чунин гуна технополисҳо дар дигар кишварҳо низ зиёданд.

Боиси қайд аст, ки дар умум дар илми иқтисодии муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои хеле васеъ ва гуногуни МОИ мавҷуданд. Ҳар яки онҳо вобаста аз ташаккул, механизмҳои фаъолият, танзим, раванди ташкили истеҳсолот, ҳудуд, ҷойгиршавӣ ва ҳаҷми истеҳсолот аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки асоситарини онҳоро дида мебароем.

ММИ шаклҳои зерин доранд:

- минтақаҳои савдои хориҷӣ – бандарҳои озод, минтақаҳои транзитӣ.

Дар ҳақиқат чунин намуди ташкили минтақаҳои махсус (ММ) дар раванди густариши он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолияти худро оғоз кард ва моҳи майи соли 1974 аз тарафи Шурои байналмилалии гумрук ба таври расмӣ эълон карда шуд. Авлавияти чунин минтақаҳо дар он аст, ки берун аз гумруки кишвар ҷой гирифта, мақоми махсусро соҳиб мегарданд ва

таҳти назорати нисбатан камтари гумрукӣ қарор мегиранд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) «минтақаҳои савдои берунӣ» мавҷуданд, ки дар доираи онҳо нисбат ба фаъолияти иқтисодии иҷрошаванда, инчунин ба молҳои ба марзи онҳо воридшаванда имтиёзҳо низ дода мешаванд [109]; минтақаҳои саноатию истеҳсолӣ - содироту воридот, ивазкунандаи воридот, савдо, истеҳсолӣ ва илмию истеҳсолӣ. Дар доираи UNTCAD ин истилоҳ чун минтақаи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҷудошуда шарҳ дода мешавад, ки дар он давлатҳо фаъолияти саноатиро дар асоси ҳавасмандгардонии танзим ва андоз ва дастгирии инфрасохтори минтақа пешбарӣ мекунанд, ки чунинанд: [115, 118];

- марказҳои илмию техникӣ, техникию инноватсионӣ, илмию истеҳсолӣ, инноватсионӣ, технологӣ;

- минтақаҳои функсионалӣ ё хизматрасонӣӣ: сайёҳӣ, бонкӣ, суғуртавӣ;

- минтақаҳои маҷмуавӣ: минтақаҳои соҳибкории озод, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, минтақаҳои низоми махсус [62].

Дар ин қарина бояд қайд намоем, ки консепсияи таснифоти ММИ, ки аз тарафи олимони ватанӣ Ҳ. Абдураҳмонов ва Қ. Қ. Раҷабов пешниҳод гардидааст, чунин гурӯҳбандӣ шудааст:

- минтақаҳои саноатию истеҳсолӣ;

- минтақаҳои тиҷоратӣ;

- минтақаҳои хизматрасонӣ;

- минтақаҳои омехта [31].

Дар навбати худ Э.Ф. Авдокушин таснифоти зерини ММИ-ро дар фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод мекунад:

- минтақаҳои савдои озод;

- минтақаҳои пешбурди содирот ё минтақаҳои истеҳсолии содирот;

- минтақаҳои рушди техникӣ ва иқтисодӣ;

- минтақаҳои рушди технологияҳои нав ва баланд;

- минтақаҳои маҷмуавии мақсадноки иқтисодии серсоҳа;

- ММИ, ки ба рушди ҳама гуна соҳаи фаъолият (бонкӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва ғайра) нигаронида шудаанд; «минтақаҳои кушод», ки дар онҳо барои сармоягузории хориҷӣ низоми имтиёзнок муқаррар карда мешавад;

- минтақаҳои оффшорӣ;

- минтақаҳои байналхалқӣ бо иштироки як қатор мамлакатҳо [35, с. 145].

Дар маҷмуъ, дар илми муосир шаклҳои гуногуни минтақаҳои иқтисодӣ мавҷуданд, ки онҳоро бо тарзи зерин низомбандӣ кардан мумкин аст:

I. Тибқи меъёри функсионалӣ:

1) Минтақаҳои савдои анборӣ: минтақаи савдои беруна; минтақаи озоди гумрукӣ; минтақаи савдои бебоҷ; минтақаи портҳои озод.

2) Минтақаҳои истеҳсолӣ-содиротӣ: минтақаи соҳибкории озод; минтақаи соҳибкории муштарак; минтақаҳои соҳибкорӣ; минтақаҳои махсуси иқтисодӣ.

3) Минтақаҳои илмӣ-технологӣ: марказҳои инноватсионӣ; паркҳои илмӣ; паркҳои тадқиқотӣ.

II. Тибқи таъминоти фаъолият: минтақаи сайёҳӣ; минтақаи бонкӣ; минтақаи суғурта; минтақаи оффшорӣ.

III. Тибқи меъёри фарогирии соҳаҳои гуногун, ки дар он вазифаҳо ҳархела, яъне истеҳсолӣ, савдоӣ, гумрукӣ, тадқиқотӣ ва ғайра иҷро карда мешаванд:

а) МОИ-и пӯшида;

б) МОИ-и ҳамгиро (интегратсионӣ).

IV. Вобаста аз ҳамгироии кишварҳо ду намуди МОИ аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

а) МОИ-и мономиллӣ, ки дар қаламрави як давлат фаъолият дорад;

б) МОИ-и байналмилалӣ, ки дар қаламрави якчанд кишварҳои алоҳида фаъолият дорад [49].

Илова ба андешаҳои қайдгардида коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ хусусиятҳои зерини МОИ-ро таҳия кардаанд:

1. Маҳдудияти ҷуғрофии қаламрави минтақа.

2. Ягонагии маъмурият дар дохили минтақа.

3. Имконияти гирифтани имтиёзҳои махсус.

4. Минтақаи мустақили гумрукӣ.

5. Расмиёти содакардашудаи гумрукӣ” [114].

Консепсияи таснифоти ММИ дар расми 1.1 чунин гурӯҳбандӣ шудааст:



Расми 1.1. - Намудҳои минтақаҳои иқтисодӣ дар илм ва амалияи муосир

Манбаъ: *таҳияи муаллиф*

Барои кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (ИШ), аз он ҷумла барои Тоҷикистон, баҳри таъмини рушди иқтисодиёти минтақаҳо ташаккули минтақаҳои махсусгардонида нақши бузург дорад, зеро онҳо барои иҷро намудани ҳадафи чаҳоруми стратегии давлатӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул равона гардидаанд. Рушди устувор чунин намуди рушд аст, ки дар фаъолнокии иқтисодӣ имконияти хуб фароҳам оварда, барои тараққиёт наслҳои оянда мусоидат мекунад.

Маъмулан МИ "...дар аксари гӯшаҳои ҷаҳон бо намудҳои гуногун арзи ҳастӣ доранд ва чӣ тавре ки дар боло дида баромадем, онҳо бо вазифаҳояшон аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Ҳамчунин, таъсиси ҳар як МИ ҳадафҳои мушаххас дорад ва ҳадафҳо метавонанд аз ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, саноатӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар иборат бошанд. Бо назардошти ин, МИ одатан ба минтақаҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ тақсим мешаванд. ММИ дар зиёда аз 120 давлати дунё мавҷуданд, ки афзоиши содирот ва шуғли аҳолиро дар кишварҳои худ ҳавасманд мекунанд. Мувофиқи маълумоти мавриди таҳлили мо то соли 2025 ҳаҷми савдои молу маҳсулоти МИ аз 30 то 40 фоизи савдои ҷаҳонро ташкил хоҳад дод. Нақши МИ дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста афзуда, дурнамои захираҳои сармоягузориро пешбинӣ мекунад ва рушди устувори раванди истеҳсолиро дар саноат таъмин менамояд..." [80, с. 130-139].

Барои дарки амиқи моҳияти МОИ зарур мешуморем, ки мафҳуми онро дида бароем. Дар илми иқтисодиёт оид ба МОИ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд (ҷадвали 1.1).

Ҷадвали 1.1.– Тафсири мафҳуми “Минтақаи озоди иқтисодӣ”

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифодакунандаи рушди робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ дар давлатҳо буда, макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ ва такмили технологияҳои истеҳсолӣ мебошанд. (***Манбаъ***: *[68])*
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ институти мустақиле мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ташкил, амал ва қатъи фаъолияти ташкилотҳои махсуси ҳудудиро муттаҳид мекунад.*(**Манбаъ**: [53])*
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми ҷудонашавандаи ҳудуди давлат мебошад. Дилхоҳ минтақаҳои озоди иқтисодӣ новобаста аз макони ҷойгиршавӣ ва ҳадафҳои ташкилшавияшон қисми ҷудонашавандаи ҳудуди давлати муайян ба шумор мераванд. (***Манбаъ***: *[78])*
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми фазои миллии иқтисодӣ мебошанд, ки дар онҳо барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ имтиёзҳои махсуси реҷаи хоҷагидорӣ дода мешаванд, ки дар дигар қисмҳои он дида намешавад ва онҳо баҳри ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ мусоидат мекунанд. ***Манбаъ***: *[44])*
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми соҳибистиқлоли ҳудудест, ки дар онҳо реҷаи имтиёзноки гумрукӣ, андозӣ, арзию асъорӣ, меҳнатӣ ва иҷоравӣ мебошад ва ғайр аз ин дар ҳудудҳои мазкур шароити мусоиди ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам оварда мешавад. *(**Манбаъ**: [43])*
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин ҳудуди махсуси қаламрави хоҷагидорӣ буда, чун қоида, барои фаъолияти молиявӣ–хоҷагидории дилхоҳ мамлакат кушода буда, барои рушди иқтисодӣ, илмӣ–техникӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи ҳуқуқ ва ваколатҳои иловагӣ бо сарҳадҳо, қонунгузорӣ, низоми буҷавӣ, андозӣ ва мақомотҳои идоракунии муайян мусоидат мекунад. *(**Манбаъ**: [107])*
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки бо сарҳадҳои аниқ муайян шуда, дар он реҷаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ татбиқ мегардад. *(**Манбаъ**: [46])*

Манбаъ: *таҳияи муаллиф*

Дар асоси андешаҳои қайдгардида МОИ-ро чунин тавсиф намудан мумкин аст: «Минтақаи озоди иқтисодӣ ин ҳудуди муайяни бо тарзи мақсаднок ҷудокардашудаи давлати соҳибистиқлол дар самти дастрасии ҳадафҳои аниқи аҳамияти стратегӣ дошта оид ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот, инноватсиякунонӣ, интегратсиякунонӣ, вусъат бахшидани сармоягузорӣ мебошад, ки бо фишангҳои махсуси имтиёзӣ аз ҷониби давлат танзим карда мешавад».

Агар дар ИМА тибқи қонуни соли 1934 минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба хотири мусоидаткунӣ барои рушди савдои хориҷӣ бо роҳи озод

намудани молҳои хориҷӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ мавриди воридшавии онҳо ба ИМА таъсис дода шаванд, дар Британияи Кабир ин гуна минтақаҳо ноҳияҳоеро фаро гирифтаанд, ки аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодӣ ва саноатӣ қафомонда буданд. Бунёди минтақаҳои озодро дар шакли минтақаҳои соҳибкорӣ ва савдои озод дар қаламрави маҳал ва гузарҳои қафомондаи шаҳрҳо ташкил намуда, бо усули додани имтиёзҳо ва ёрии бебоздошт (грант) ба ҳудудҳои маъмурии (чунин воҳиди маъмурӣ дар БК бо номи графҳо маълум буд) ин кишварҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гаштанд. Дар ин кишвар аз соли 1981 сар карда, ба хотири ҷалб намудани технологияҳои хориҷӣ фурудгоҳҳои озод дар шаҳрҳои Ливерпул, Бермингем, Кардифф, Саусантон, Престрих, Белфаст сохта шуданд, ки барои суръатбахшии фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ мусоидат намуданд ва барои дигар кишварҳо намуна гардиданд.

Боиси зикр аст, ки дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон масъалаи ҳамгироӣ яке аз самтҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар шароити муосир дар зери таъсири ҷаҳонишавии шадид афзоиши рақобат, васеъшавии ҷараёни тақсимоти байналмилалии меҳнат зуҳуроти ҳамгироӣ характери объективӣ пайдо карда истодааст. Дар ин радиф ташаккул ва рушд додани МОИ дар ҳар як давлат метавонад як усули рушди ҳамгироӣ бошад. Бинобар ин дар бештари кишварҳо аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули МОИ таҳкурсии ҳуқуқӣ дар сатҳи умумидавлатӣ эҳё карда шудааст. Ғайр аз ташаккули МОИ дигар ҷанбаи институтсионалӣ ин қабули қонунҳо дар бораи сармояи мустақими хориҷӣ мебошад. Дар ин самт дар ҶТ қонунҳои махсус оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва идоракунии он дар қаламрави кишвар қабул ва амалӣ шуда истодааст. Масалан, дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» аз 14.05.2025 амал мекунад.

Дар ҳақиқат барои ташкил ва амалӣ намудани МОИ дар ҳудудҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ нақш ва аҳаммияти танзими муқарраротҳо оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Бо тавассути сармояи хориҷии мустақим дар навбати аввал техникаю технологияи ҳозиразамон ва ҷавобгӯ ба ҷараёни рақамикунонӣ ҷалб намудан имконпазир аст. Илова бар он бо ин ҳадаф иқтидори истеҳсолии корхонаҳо афзоиш дода мешавад. Дар бештари қонунҳое, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ равона гардидааст имтиёзҳои гуногун барои сармоягузорон ҷобаҷогузории онҳо пешбинӣ мегардад. Масалан, мундариҷаи имтиёзҳо аз зеринҳо иборат аст:

- имтиёзҳо нисбат ба андозу андозбандӣ;

- сабукиҳои гуногун дар самти низомҳои гумрукӣ;

- баъзе имтиёзҳо дар масъалаи истифодабарии захираҳои замин ё ин ки дигар сарчашмаҳои захираҳои табиӣ;

- пешниҳоди баъзе сабукиҳо, имтиёзҳо дар ҷараёни ворид гаридидани ба ҷумҳурӣ техникаву технологияҳои нав.

Умуман, пешбинӣ намудани имтиёзҳои муайян дар қонунҳо оид ба сармоягузорӣ барои афзоиши иқтидори истеҳсолии минтақа ва ҷумҳурӣ равона мегардад. Боиси зикр аст, ки дар ҷараёни ташкили МОИ низ ҳадафҳои гуногун барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии саноатӣ гузошта мешавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вақте ки МОИ ташкил карда шуданд, дар назди ҳар яки он чунин ҳадафҳо гузошта шуда буд:

- ворид намудани техника ва технологияи пешқадам барои истеҳсоли молҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва ғайра;

- таъмин намудани самаранок истифодабарии иқтидорҳои моддӣ, зеҳнӣ ва дигар иқтидорҳои дохилӣ;

- барои истеҳсолот ҷалб намудани сармоягузории ватанию хориҷӣ;

- ташкили истеҳсолот дар асоси ашёи хоми ватанӣ;

- эҳё намудани ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурмаҳсул;

- ташаккул додани инфрасохтори истеҳсолии муносиб;

- беҳтар намудан ва рушд додани инфрасохтори инноватсионӣ ва ғайра.

Умуман, дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳо афзоиши иқтидори содиротии корхонаҳои МОИ ҳиссаи бузург дорад. Вақте ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкили МОИ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, дар мазмуни мундариҷаи онҳо ҳадафи асосӣ баланд бардоштани иқтидори содиротии минтақаҳои алоҳида дар назар дошта шуд. Иқдоми мазкур хеле ҷолиби диққат буда, ба ин васила ашёи хоми ватанӣ бояд ба афзоиш додани истеҳсоли молҳои содиротшаванда равона карда шавад. Ин иқдом дуруст аст, чунки содироти худи ашёи хом барои ҳам минтақа ва ҳам ҷумҳурӣ аз нуктаи назари иқтисодӣ ғайрисамаранок аст. Танҳо бо воситаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар минтақаҳо ба рушди иқтисодиёт такони ҷиддӣ расонидан мумкин аст, ки пайваста ба он дар ҶТ як системаи мустаҳками нав оид ба дастгирии давлатӣ, ҳавасмандии маҳсулоти содиротӣ, барномаҳои тиҷоратӣ, ташкили ширкатҳои ҳуқуқӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар асоси тараққиёти техникаю технологияҳо бунёд гаштааст.

Хулоса, МИ минтақаҳое мебошанд, ки дар онҳо шароити имтиёзноки иқтисодӣ барои субъектони хоҷагидорӣ муҳайё карда мешавад. Асосан онҳо бо намуд ва номҳои хеле гуногун, ба монанди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, минтақаҳои муштараки соҳибкорӣ, минтақаҳои савдои озоди ё тиҷоратӣ, бандарҳои озод, минтақаҳои транзитӣ, минтақаҳои комплексӣ (маҷмуавӣ) ва ғайра таъсис гардида, мустақилона фаъолият мебаранд. Хусусияти фарқкунандаи МИ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар он ҷо шароити имтиёзноки иқтисодӣ барои минбаъд вусъат додани фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун роҳи судманди пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми ҳамин минтақа

бештар муҳайё мегарданд. Қаламрави ин минтақаҳо аз ҷиҳати масоҳат нисбатан маҳдуд ва муайян буда, дар онҳо соҳибкорони истеҳсолӣ ва тиҷорати дохилию хориҷӣ, озодона дар асоси қонуну тартиботи ҳуқуқӣ фаъолият мебаранд. Дар навбати худ, МИ дар таъмини ҷойҳои нави корӣ аз рӯйи фаъолият зарурият доранд.

МИ аз рӯйи фаъолият бо мурури замон, бо талаботи бозор тағйир меёбанд (бандарҳои озод, минтақаҳои транзитӣ, анборҳои бе боҷу хироҷ) Ҳамчунин, минтақаҳои хизматгузорӣ чун минтақаи савдо бо талаботи бозор тағйир меёбанд (инноватсионӣ, паркҳои техникӣ, бонкӣ, оффшорӣ).

1.2. Асосҳои институтсионалии ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва рушди индустриалии инноватсионӣ

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба намуди фаъолият дар ин ё он сарҳади давлатӣ намудҳои гуногуни минтақаҳои махсуси иқтисодӣ вуҷуд доранд. Дар минтақаҳои махсуси воқеъ дар кишвар амалиёти тиҷоративу истеҳсоли маҳсулот новобаста аз тарзи фурӯш, дар чорчӯбаи кодекс ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҶТ роҳ дода мешавад. Дар илми иқтисодии ватанӣ оид ба аҳамияти минтақа чунин омадааст: “...Дар замони муосир яке аз роҳҳои маъмул ва муваффақи рушди иқтисодиёти давлатҳо, ки дар се-чор даҳсолаҳои охир дар қисми зиёди кишварҳои рӯ ба инкишоф густариш ёфтааст, таъсиси МИ дар шаклҳои гуногун (минтақаи тиҷоратии озод, минтақаҳои истеҳсолию содиротӣ, минтақаҳои гумрук, бандарҳои озод, технопарк ва ғайра) ба ҳисоб меравад. Мувофиқи таҳлили коршиносон 30 фоизи 14 тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути МОИ амалӣ мегардад...” [60, с. 62-69].

Тибқи таъйиноти МИ ҳадафҳои он, амалишавии механизмҳо дар ҳар як ҳудуди муайян дар қаламрави ҷумҳурӣ татбиқ мегардад. Тибқи ҳадафҳои гузошташуда ё механизмҳои дастрасӣ аз ҷониби қонунгузорӣ

имтиёзҳои махсус, самтҳои тараққиёт муайян карда мешавад. Боиси зикр аст, ки новобаста аз оне, ки МОИ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҳадафи умумии муайян дорад, дар ҳар як минтақаҳо новобаста аз он мақсад ва вазифаҳои аниқи мушаххас гузошта мешавад. Бинобар ин дар ҷараёни коркарди санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ қонун ва вазифаҳои МОИ дар ҳуҷҷатҳои таҳкурсии ҳуқуқии онҳо бо тарзи мушаххас нишон дода мешавад, яъне ҳар як МОИ низомномаҳои худро дорад, ки дар он таъйиноташ, ҳадаф, вазифа, имкониятҳо, намуд, тахассуснокӣ ҳатман дарҷ мегардад. Дар ин раванд таъсири омилҳои гуногун дар навбати аввал ба инобат гирифта мешавад. Асосан ба ин зумра омилҳо зеринҳоро ворид кардан мумкин аст:

- мавҷудияти сарчашмаҳои ашёи хом дар минтақа;

- маконе, ки дар он ҷо субъекти МОИ ҷойгир мешавад;

- муҳити берунаи фаъолият, яъне дар назар дошта мешавад шароити умумӣ;

- шароити табиии иқлимӣ;

- дарёфти захираҳои иқтисодӣ ва ғайра.

Бо амалишавии муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ барои ташкили минтақаҳои озодӣ гуногун заминаҳои мусоид пайдо гардид. Алалхусус, дар қаламрави ҶТ низ барои ташаккули минтақаҳои гуногуни иқтисодӣ таҳкурсии ҳуқуқӣ коркард ва амалӣ карда шуд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт ба афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, ба амал овардани сиёсати воридотивазкунии истеҳсолот, таъмини рақобтпазирӣ ва афзоиши иқтидорҳои содиротӣ равона карда шудааст. Дар ин ҷода бо ташаккули минтақаҳои гуногуни иқтисодӣ таъмин намудани гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ яке аз ҳадафҳои асосиро ташкил медиҳад. Ин гуна минтақаҳоро дар ҶТ бештар ташкил карда, тараққиёти истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва иқтидори содиротии кишварро баланд бардоштан имконпазир мегардад.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ҳар як МОИ дар асоси ҳадафҳои гузошташуда таъйиноти мушаххаси худро доро аст. Бинобар ин гуфтан ҷоиз аст, ки бо ташаккули теъдоди маҳдуди МОИ дар қаламрави ҷумҳурӣ ё дар ҳудудҳои маъмурии алоҳида ҳал намудани ҳамаи масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои алоҳида дар ҷараёни ташаккули МОИ маҷмуаи фаъолиятро фаро гирифтан аз рӯйи мантиқ дуруст аст. Вале ин масъалаи хеле душвор ва ё ҳалнашаванда мебошад, зеро дар ҳудуди як минтақаи алоҳида ташкил намудани МОИ-и маҷмуавӣ мутобиқгардонии бисёр ҳуҷҷатҳо, фаъолиятҳо ва амалиётҳоро талаб менамояд. Бинобар ин бештари минтақаҳои озоди иқтисодии ташкилшаванда дар ҳудудҳои минтақавӣ-ҳудудӣ таъйиноти амалиёти махсуси мақсаднокро доранд. Масалан, ташкили МОИ метавонад чунин равияҳоро дошта бошад:

- МОИ-и индустриалӣ;
- МОИ-и инноватсионӣ;
- МОИ-и истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ;
- МОИ дар соҳаи савдо ва ғайра.

Яке аз ҷанбаи алоҳидаи ҷудокунандаи фаъолияти минтақаҳои иқтисодӣ дар он аст, ки онҳо марзи алоҳида доранд, яъне аз нуктаи назари ҳудуд маҳдуд буда, сарҳадҳои худро доранд. Дар чорчӯбаи ҳудудҳои муайянкардашуда он вазифаҳое, ки дар низомномаи МОИ оварда шудааст, фаъолият ташкил карда мешавад. Тибқи муқаррароти мавҷуда ҷойгиршавии МОИ танҳо дар он заминҳое, ки моликияти давлатӣ аст, ташкил карда мешавад. Масъалаҳои интихоби замин, муайян намудани марзҳои он, таъйинот аз ҷониби Маҷлиси миллии маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Умуман, дар фаъолияти иқтисодиёти ҳар як вилоят, шаҳру ноҳияҳо ташкили намудани МОИ имкониятҳои иловагиро ба миён меорад, зеро дар онҳо иқтидорҳои фаъолиятии субъектҳои хоҷагидорӣ ташкил ва афзоиш дода мешавад. Бо

тавассути ин дар ҳудудҳои мақомотҳои иҷрокунандаи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар он ҳудуде, ки онҳо фаъолияти идоракунӣ доранд, ҷойҳои корӣ нав эҳё мегардад, ки барои афзоиши маблағҳои андозӣ, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ имкониятҳо фароҳам мегарданд. Ғайр аз ин иқтидори шаҳру ноҳияҳо дар самти афзунгардонии иқтидори истеҳсолӣ ба рушди иқтидори содиротӣ такон мебахшад. Дар ин ҷо як нуктаи дигарро гуфтан ҷоиз аст, ки бо ташаккул ва рушди МОИ дар шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонидани фаъолияти соҳаҳои инфрасохторӣ аз он ҷумла нақлиёт, роҳ, хизматрасонӣ, маориф, тандурустӣ ва ғайра ба амал меояд.

Барои таснифоти МОИ аксар вақт чаҳор меъёри асосӣ истифода мешавад:

а) хислатнокии кору фаъолият ва функсияҳои муайян;

б) зинаҳои ҳамгироӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ;

в) нишонаҳои соҳавӣ;

г) хусусиятҳои молумулкӣ (давлатӣ, шахсӣ ва ё омехта).

Ҳоло дар илми иқтисодӣ ва дар амал олимон, сиёсатмадорон, иқтисодчиён аз нуктаи назари афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, баланд бардоштани сифати иҷро намудани истеҳсоли молу маҳсулот, ташаккул ва ба истифода қарор додани МОИ-ро ҳамчун нуктаи калидӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо мешуморанд. Дар ҳақиқат бо ташаккули МОИ имтиёзҳои муайян дар самти додани иҷозатномадиҳӣ барои фаъолият, имтиёзҳои андозӣ, дастрасӣ ба сармоя ва дигар намудҳои имтиёзҳо ба миён меоянд, ки ҳам сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам сармоягузорони ватаниро ҳавасманд менамояд. Илова бар он дар фаъолияти содиротӣ, коркарди сиёсати илмӣ-техникӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули МОИ таъсири мусбии худро дорад. Аз ин лиҳоз, ташаккул додани он дар

шароити муосир ҳамчун механизми мусоидаткунандаи рушд баромад карда метавонад.

Новобаста аз муҳим будани масъалаи такомули институтсионалии фаъолияти МОИ муаммои иқтидори таҳқиқоти илмӣ дар мадди аввал набуда, балки муаммои мавҷудияти инфрасохторҳои инноватсиониву институтсионалӣ мавқеи хоса касб кардааст.

Дар илми иқтисодии муосир, махсусан назарияи институтсионалистҳо, яке аз намояндаи бузурги он Д. Норт дар масъалаи таъмини минтақаҳои озод бо механизмҳои институтсионалӣ ақидаҳои худро иброз менамояд. Дар ин ҷо ҳамчун ниҳоди нав МОИ бояд ҷанбаҳои институтсионалиро дошта бошад. Нахуст мехостем худи мафҳуми “институт”-ро аз нуктаи назари олимони ин равия баррасӣ намоем. Масалан, дар ин бора Л. Норт мафҳуми “институт”- ро чунин ибрози ақида кардааст: “...Институт ҳамчун як шарти бозӣ, ташкилотҳо - бозингароне, ки аз якчанд гуруҳҳо иборатанд...” [87, с. 36-39]. Умуман, оид ба мафҳуми “институт” ақидаҳои олимон хеле зиёданд. Вале онҳоро низомбандӣ намуда чунин иброз намудан мумкин аст, ки нисбат ба МОИ институтҳо асосан аз низоми қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ оид ба ташкил, таъмини фаъолият ва рушди МОИ дар низоми иқтисодии минтақаҳо иборат мебошад. Қабл аз таҳлили асосҳои институтсионалии фаъолияти минтақаҳо таърифи худи онҳоро дида мебароем.

Бо тавассути ташаккули МОИ дар минтақаҳо ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодиёти ҳудудҳо, аз он ҷумла ҷумҳурӣ нуктаҳои рушд пайдо мегардад. Аз ин лиҳоз, ба ин масъала ҳам аз нуктаи назари илми иқтисодӣ ва ҳам аз нуктаи назари амалияи муосир таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Зеро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ қариб дар ҳамаи кишварҳои дунё ва ҳудуди таркибии онҳо минтақаҳои иқтисодии гуногун ташкил карда шуда, фаъолият бурда истодааст. Масалан, дар баъзе кишварҳо минтақаҳои гумрукӣ, дар баъзеашон бандарҳои озоди гумрукӣ ва дигар намудҳо

мавҷуданд. Вале дар аксарияти онҳо шакли МОИ бештар паҳн гаштааст. Вақте ки сухан дар бораи МОИ меравад, мундариҷаи иқтисодиашро ба таври муайян ифода намудан мумкин аст. Ба андешаи мо, МОИ чун қаламраве маънидод мешаванд, ки тавассути фишангҳои иқтисодию ташкилӣ, ҷорӣ намудани реҷаи воридотии бебоҷ ва фаъолияти иқтисодии беруна фаъол гардонида шуда, сармояи хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Бо дарназардошти чунин афзалиятҳои минтақаҳои иқтисодӣ, мо меҳисобем, ки бо истифода аз имконоти мавҷуда дар кишвар таъсиси шаклҳои мухталифи он мувофиқи мақсад мегардад. Гуфтаҳои зеринро бо он асоснок кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон маконе мебошад, ки муҳаррики асосии тиҷоратии Осиёи Марказӣ дар он ҷойгир аст, зеро маҳз аз марзи он Роҳи абрешим мегузарад. Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон имрӯз давлати индустриалӣ-аграрӣ эътироф шудааст, иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, захираҳои минералӣ ва қувваю иқтидори бузурги саноатӣ дорад. Бозори истеъмолии давлатҳои ҳамсоя ба монанди Русия, Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон боз ҷаззобтар мегардонад.

Азбаски сухан дар бораи ташаккул додани МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, доир ба ҳадафҳои он дар илми иқтисодии ватанӣ чунин омадааст: “...Бо мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ дар ҶТ низ 5 минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст...” [105]. Зери ин минтақаҳо дар назар дошта шудаанд:

1. МОИ “Данғара” [134] бо масоҳати умумии 521,03 гектар, ки аз соли 2009 фаъолият дорад. Бо ташкили истеҳсолот барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии ноҳияи Данғара ҳиссаи бузург гузошта истодааст. Тибқи таъйиноти низомномавии худ дар минтақаи мазкур истеҳсоли молу маҳсулотҳои зерин пешбинӣ гардидааст: конструксияҳои металлӣ,

коркарди нафт, қубурҳои пластмассӣ, бастубанди меваи хушк, маҳсулотҳои чинӣ ва ғайра.

2. МОИ “Ишкошим” [132] ҳудуди фаъолияташ аз 200 гектар иборат аст. Яке аз хусусияти хоси МОИ “Ишкошим” дар он аст, ки минтақаи мазкур бо кишвари Афғонистон, Чин ва Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳамсоягӣ бо Афғонистон инвесторонро дур месозад ва барои ҷалби сармояҳо монеа эҷод менамояд. Зеро Афғонистонро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар ҳамчун минтақаи ноором меҳисобанд, ки чунин ҳолат дар ҷалби сармояҳо ҳамчун омили маҳдудкунанда баромад мекунад. Минтақаи мазкур аз соли 2011 фаъолият дошта, тибқи таъйиноти низомномавӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, манзили бунёди нерӯгоҳҳои барқии обии хурд равона гардидааст. Зеро дар ноҳияи Ишкошим барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ табиати хеле ҷолиби диққат мавҷуд аст ва он ба назар гирифта шудааст.

3. МОИ “Панҷ” [135] дар қаламрави ноҳияи Панҷ аз соли 2009 инҷониб фаъолият дорад, ки масоҳаташ 401,6 гектарро ташкил медиҳад. Тибқи низомномаи фаъолият дар ин ҷо барои бурдани фаъолияти тиҷоратӣ, ташкили истеҳсолоту воридотивазкунӣ, ташкили истеҳсолоти содиротнигаронидашуда дар назар дошта шудааст. Дар ин ҷо дар асоси чунин ашёи хоми ватанӣ, яъне пахтаи хом, реги кварцӣ истеҳсолоти молу маҳсулотҳои ватанӣ ба роҳ монда шудааст. Ба минтақаи мазкур аз бисёр кунҷҳои ҷаҳон сармоя барои истеҳсоли молу маҳсулотҳо ҷалб карда шудааст. Масалан, дар асоси сармояи Корея дар МОИ “Панҷ” истеҳсолоти маҳсулотҳои пойафзолӣ, дандоншӯякҳо ва ғайра амалӣ карда шудааст.

4. Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд, аниқтараш дар ҷанубу ғарбии он аз соли 2009 МОИ “Суғд” [136] таъсис дода шуда, фаъолияти хуб дорад. Масоҳати фаъолияткунанда 320 гектар мебошад. Таъйиноти низомномавии МОИ “Суғд” истеҳсоли молу маҳсулотҳои саноатии

инноватсионӣ мебошад. Агар бо тарзи мушаххас истода гузарем, дар МОИ “Суғд” истеҳсол карда мешавад: профилҳои алюминий, кабелҳои барқӣ, рангу лак, коллекторҳои офтобӣ, қубурҳои полимерӣ, зарфҳои пластикӣ, насосҳои чуқурӣ, молу маҳсулотҳои металлӣ, лампаҳои каммасраф, масолеҳи сохтмонӣ ва ҳар гуна мебелҳо амалӣ мегардад.

Умуман гуфтан мумкин аст, ки бештари молу маҳсулоте, ки дар МОИ “Суғд” истеҳсол карда мешавад, асосан барои содирот равона мегардад. Ҳамзамон дар қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо молу маҳсулотҳое, ки номбар карда шуд, он мусоидат намуда истодааст.

5. МОИ “Кӯлоб” [137] дар майдони 309 гектар соли 2019 таъсис дода шуда, соли 2020 ба фаъолият оғоз намуд. Корхона пурра бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардида, субъектҳои он ба истеҳсоли қисмҳои мошин, равғани мошин, ҳавотозакунакҳои намудҳои гуногуни автомобилӣ ба роҳ монда шудааст.

Агар тибқи муқаррароти назариявӣ, мантиқӣ баррасӣ намоем, ташаккул додани МОИ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки алҳол аз 5 адад иборат аст, баҳри ноилшавӣ ба мақсадҳои зерин равона гардидааст:

- барои афзоиш додани суръати рушди иқтисодӣ дар ҳар як минтақаҳои алоҳида, аз он ҷумла дар минтақаҳои ҶТ;

- эҳё намудани ҷойҳои корӣ нав дар масъалаи ҳалли бекорӣ ва бо кор таъмин кардани минтақаҳое, ки захираҳои меҳнатии зиёд доранд;

- ҷалби технологияҳои муосири инноватсионӣ барои ба роҳ мондани истеҳсолоти воридотивазкунӣ ва ҳамзамон ба содирот нигаронидашуда;

- омӯзиш ва истифодабарии таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ дар истеҳсол ва пешниҳоди молу хизматрасониҳои гуногун;

- ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами идоракунӣ, ташкили менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳои истеҳсолӣ;

- баланд бардоштани сатҳи содироти маҳсулоти ватанӣ ба кишварҳои хориҷӣ.

Он мақсадҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳадафҳои асосӣ дар ташкили МОИ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо вуҷуди он дигар ҳадафу мақсадҳо низ мавҷуданд, ки аз нуктаҳои номбаркардашуда бармеояд.

Умуман, таҳкурсии ҳуқуқии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ аз зеринҳо иборат аст, дар расми 1.2 оварда шудааст.



Расми 1.2. - Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии асосӣ барои танзими фаъолияти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Манбаъ: *таҳияи муаллиф*

Ғайр аз он санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки бевосита ба фаъолияти МОИ бахшида шудаанд, дигар ҷанбаҳои институтсионалӣ мавҷуданд, ки

ба ташкили ва рушди фаъолияти МОИ тааллуқ доранд. Дар ин ҷода якчанде аз онҳоро бо тарзи умум баррасӣ менамоем. Чунончӣ, Барномаи давлатии миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Дар ин ҳуҷҷати муҳим баъзе нуктаҳо, муқаррарот пешбинӣ гардидааст, ки мустақиман ва ғайримустақиман дар фаъолияти МОИ ҳуқуқи танзимкунанда дорад. Аз ин мундариҷа баъзе нуктаҳоро қайд менамоем:

- барои амалӣ намудани гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ташкили бизнес-инкубаторҳо, стартапҳо, технопаркҳо, технополисҳо пешбинӣ карда шудааст, ки барои рушди фаъолияти МОИ таъсири худро дорад;

- афзоиш додани теъдоди дигар намудҳои минтақаҳои иқтисодӣ, масалан, ташкили паркҳои индустриалӣ, минтақаҳои гумрукӣ ва ғайра;

- барои таъмини рушди МОИ таъсиси бонки махсус оид ба маблағгузории минтақаи озоди иқтисодӣ;

- дар ҳудуди МОИ “Суғд” сохтмони роҳи оҳан ба дарозии зиёда аз 50 км;

- баланд бардоштани таъминнокии субъектҳои хоҷагидорӣ дар МОИ бо захираҳои иттилоотӣ ва ташкили ҳамкориҳо бо ниҳодҳои илмию тадқиқотӣ;

- ташкил намудани корхонаҳои истеҳсолӣ дар МОИ “Панҷ” оид ба масолеҳи сохтмонӣ, алалхусус истеҳсоли семент бо маркаи “Хуаксин Ғаюр семент” ва ғайра;

- дар МОИ “Данғара” омода намудан барои коркарди саноатии нафт дар ҳаҷми зиёда аз 500 ҳазор тонна дар 1 сол, ки онро бо тавассути ташкили фаъолияти ҶДММ “ТК Ойл”, ки барои иқтидори истеҳсолии минтақаи ноҳияи Данғара мусоидаткунанда мебошад [18, с.61].

Ба ақидаи мо, корҳои мушаххаси болозикре, ки дар Барномаи давлатии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

пешбинӣ гардидааст, иҷрои ҳатмиро тақозо мекунанд, зеро барномаи мазкур дар асоси “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия гардидааст ва иҷрои он барои мустаҳкам намудани иқтидори истеҳсолии кишвар мусоидат менамояд. Ғайр аз ин барномаҳо, стратегияҳо фаъолияти МОИ “Суғд” бо дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ низ танзим карда мешавад. Масалан, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти махсус оид ба андозбандии фаъолияти МОИ пешбинӣ гардидааст (боби 49-уми КА ҶТ). Ҳамчунин Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кардан мумкин аст, ки дар он муносибатҳои воридотию содиротӣ бо МОИ муайян карда шудааст (боби 32 КГ ҶТ).

Боиси зикр аст, ки қонуну санадҳои ҳуқуқӣ махсус ба МОИ бахшидашуда низ мавҷуданд, ки онҳо чунинанд:

- ҚҶТ “Дар бораи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 25 марти соли 2011, №700;

- низомномаи МОИ “Суғд” аз 29 октябри соли 2008, №1146;

- низомномаи МОИ “Панҷ” аз 29 октябри соли 2008, №1147;

- низомномаи МОИ “Данғара” аз 20 январи соли 2010, №1545;

- низомномаи МОИ “Ишкошим” аз 20 январи соли 2010, №1545.

- низомномаи МОИ “Кулоб” аз 30 октябри соли 2019, №1476.

Боиси зикр аст, ки вақте сухан дар бораи андозбандии МОИ меравад, дар он низоми махсус дар Кодекси андоз пешбинӣ карда шудааст. Ҳоло ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намекунем, зеро он аз предмети таҳқиқот каме берун аст. Вале боиси зикр аст, ки дар Кодекси андоз барои МОИ низ имтиёзҳои хеле зиёд пешбинӣ шудааст. Баъзе аз онҳоро қайд карда мегузарем. Масалан:

- аз ҳама намудҳои андозе, ки дар Кодекси андоз ҳаст, субъектҳои МОИ пардохткунандаи танҳо андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад мебошанд;

- вобаста аз ҳаҷми ҷалби сармоягузориҳо имтиёзҳо аз пардохти андози даромади корхонаҳоро озод кардааст, ки чунинанд:

- ҳаҷми сармоягузорӣ аз 200 000 то 500 000 доллари ИМА: озодкунӣ барои 2 сол;

- ҳаҷми сармоягузорӣ аз 500 000 то 2 000 000 доллари ИМА: озодкунӣ барои 3 сол;

- ҳаҷми сармоягузорӣ аз 2 000 000 то 5 000 000 доллари ИМА: озодкунӣ барои 4 сол;

- ҳаҷми сармоягузорӣ зиёда аз 5 000 000 доллари ИМА: озодкунӣ барои 5 сол [129].

Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар самти танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар МОИ дар он инъикос меёбад, ки аз ҷониби давлат кафолат оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар самти сармоягузорони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ, инчунин масъалаҳои моликияти амволӣ, моликияти зеҳнӣ ва ғайраҳо дода мешавад. Барои ворид шудан ба ҳудуди МОИ бояд ба талаботе, ки дар низомномаи он муқаррар гаштааст, ҷавобгӯ бошад. Дар бештари низомномаҳо асосан чунин талаботҳо мавҷуданд:

- ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ташаккул додани фаъолияти худ;

- дар мақомоти дахлдор, дар назар дошта мешавад дар Кумитаи андоз, мақомотҳои давлатии танзимотӣ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бояд тибқи талаботҳои гузошташуда ба қайд гирифта шавад;

- бо мақомоти роҳбарикунандаи МОИ омода ва тасдиқ гардидани шартнома оид ба фаъолият;

- мавҷудияти стратегияҳои сармоягузорӣ ва мувофиқа кардани он дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар асоси бақайдгирӣ дастрас намудани шаҳодатнома оид ба фаъолият дар ҳудуди МОИ [136].

Умуман, ташкил ва рушди МОИ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар стратегияи дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-иқтисодиёти давлатӣ ҳадафи асосӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Зеро бо тавассути онҳо ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо истеҳсол ва пешниҳоди молу маҳсулоти ватанӣ нисбатан роҳи осон мебошад. Аз ин нуктаи назар дар МОИ “Суғд” низ кӯшиш карда мешавад, ки чунин молу маҳсулот истеҳсол карда шавад, ки на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он талабот ба он молу маҳсулот афзоиш дошта бошад. Бинобар ин ҳам дар сиёсати сармоягузорӣ, ҳам дар сиёсати андозию буҷетӣ ва ҳам дар сиёсати гумрукии кишварамон барои вусъат додани фаъолияти МОИ дар минтақаҳо фишангҳо, имтиёзҳо ва дигар воситаҳо васеъ истифода бурда мешаванд. Илова бар он дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидории дар ҳудуди МОИ фаъолияткунанда ба амал татбиқ намудани сиёсати диверсификатсияи молу маҳсулот мувофиқи мақсад аст, зеро талаботи бозори дохилӣ ҳам доимо дар тағйирёбӣ аст. Бинобар ин, агар корҳо мувофиқи талаботи замон ташкил карда нашаванд, хавфи корхонаҳо ҷиҳати аз даст додан мавқеи худ дар бозори дохилӣ ва беруна зиёд мешавад.

Дар шароити муосир бештари кишварҳо тавассути ташкил ва рушди додани МОИ мавқеи худро дар тақсимоти байналмилалии меҳнат нигоҳ медорад, мустаҳкам менамояд ё ба он сифати нав мебахшад. Зеро молу маҳсулоте, ки дар қаламрави МОИ истеҳсол мешавад, асосан сифати баланд доштанаш зарур аст. Танҳо бо ин роҳ субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳудуди МОИ метавонад мавқеи худро мустаҳкам намояд. Дар ҳақиқат иҷро намудани ин вазифа хеле душвор аст ва заҳматталабиаш баланд аст. Аз ин нуктаи назар субъектҳои хоҷагидории дар ҳудуди МОИ фаъолиятдошта бояд бо тарзи доимӣ аз дастовардҳои илмӣ-техникӣ, технологияҳои пешқадам хабардор буда, дар фаъолияти худ истифода намоянд. Барои ноилшавӣ ба ин мақсад аз ҳама гуна сарчашмаҳои

сармоягузорӣ бояд самаранок истифода барад. Аз ҳама муҳим, аз усулҳои муосири ташкили истеҳсолот, менеҷменти корхона истифода намуда, ҷараёни истеҳсолотро бо истифода аз технологияҳои муосир ба амал татбиқ намояд. Умуман, дар МОИ барои ҷавобгӯ будан ба меъёрҳое, ки дар боло зикр гардиданд, бо тарзи доимӣ кӯшишҳои зиёд ба анҷом расонида мешаванд. Ин боиси он мегардад, ки маҳсулнокии меҳнат, сифати молу маҳсулот, усулҳои ташкили кор нисбат ба дигар субъектҳое, ки бидуни ҳудуди МОИ мебошад, фарқ карда мешавад. Новобаста аз он гуфтан ҷоиз аст, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз чанде меъёрҳо мавҷуданд, ки онҳоро дар ташаккули МОИ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон низ эътироф намудан зарур аст. Ба ин гуна меъёрҳо зеринҳо ворид мегарданд:

1. Ташаккули МОИ зарурати ҷудо намудани марзҳои локалиро (ҳудудҳои муайян дар минтақаҳо) талаб менамояд;

2. МОИ тибқи стратегияи давлатӣ нақшаҳои мушаххас, имтиёзҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ бояд муайян карда шавад;

3. Ҳар як минтақаи озоди иқтисодии ташкилшаванда бояд тахассуснокии худро дошта бошад;

4. Дар самти МОИ сиёсати иқтисодии муайян оид ба ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ, таъмини навоварӣ, иттилоотӣ қарор дошта бошад.

Ба ақидаи мо, он минтақаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, аз он ҷумла МОИ “Суғд” низ ба ин гуна талаботҳо мутобиқанд.

Дар ҳудуди МОИ метавонанд ҳам корхонаҳои ватанӣ (резидентӣ) ва ҳам корхонаҳои хориҷӣ (ғайрирезидентӣ) фаъолият кунанд ва шарту шароит, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо баробарвазн мебошад, зеро ҳадафҳои асосии ташкили МОИ ин ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, ки бояд фишанги ҳавасмандгардонии сармоягузоронро иҷро намояд. Дар ин бобат дар адабиёти илмӣ чунин омадааст: “...Минтақаҳо метавонанд захираҳои худро афзоиш дода, барномаҳои махсуси минтақавиро таҳия ва

амалан татбиқ намоянд, ҳамзамон бо истифода аз захираҳои худ инфрасохтори маҳаллиро беҳтар созанд. Инчунин, сатҳи зиндагии аҳолиро баланд бардошта, барои соҳибкорон шароити мусоид фароҳам меоранд...” [57].

Бештари вақт мушоҳида карда мешавад, ки дар ташкил ва рушди МОИ дар иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҳиссаи кишварҳои мутараққӣ афзоиш дорад. Боиси зикр аст, ки ин нуктаи назар бо далелҳои зерин ифода меёбад:

- дар сармоягузории хориҷии мустақим ба ҳудудҳои МОИ ҳиссаи кишварҳои мутараққӣ нисбатан баланд аст. Ин нуктаи назарро нисбат ба иқтисодиёти кишвар низ гуфтан мумкин аст. Масалан, дар МОИ “Суғд” ҳоло сармояи давлатҳои БК, Италия, Туркия ва ғайра ҷобаҷогузорӣ шудааст. Яке аз ҷанбаҳои ҷалбкунандаи сармояи хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар ҳудудҳои МОИ, нисбатан арзон будани қувваи корӣ шуда метавонад. Ғайр аз ин дигар имтиёзҳо мавҷуданд, ки дар ташкили фаъолияти МОИ аҳаммияти хосаи худро доранд.

Дар адабиёти илмӣ дар фаъолияти МОИ ин гуна имтиёзҳо алоҳида таъкид карда шудаанд: мусоидат ба савдои байналмилалӣ (паст кардан ва ё тамоман барҳам додани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои ААИ, тартиби содакардаи амалиётҳои савдои беруна); ҳавасмандгардонии андозии намуди фаъолият; ҳавасмандии молиявӣ, намудҳои гуногуни ёрдампулӣ аз ҳисоби буҷет ва имтиёз дар қарзи бонкӣ, нархи пасти истифодаи хизматрасониҳо, паст кардани нархи иҷорапулии истифодаи замин ва ҳоказо.

Мақсад аз дастгирии давлатии МОИ дар ҳар як давлат вобаста аз сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва барномаҳои стратегӣ гуногун мебошад.

Дар ташкили МОИ мақсади асосӣ ин ҷалби сармояи хориҷӣ, баланд бардоштани тахассуснокии қувваи корӣ ва техникаву технологияҳои замонавӣ мебошад. Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон ва махсусгардонии МОИ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо ба хамроҳ намудани мамлакат ба раванди тараққиёти тақсимоти байналхалқии меҳнат равона карда шудаанд. Мақсади дигари ташкили МОИ таъмини бозори дохила бо маҳсулоти баландсифат мебошад. Барои ба даст овардани ин мақсад истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунандаро бо ёрии сармояи хориҷӣ ба роҳ мондан лозим аст. Аҳамияти ташкили МОИ натанҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, балки дар рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақаҳои табобатӣ, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ алоқаманд аст, вобастагӣ дорад.

Тавассути ташкили МОИ бештари кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз он ҷумла минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисос сифати нав бахшанд. Дар ҳақиқат субъектҳои хоҷагидоре, ки дар қаламрави МОИ фаъолият менамоянд, техника ва технологияҳои муосир, усулҳои нави хоҷагидориро истифода мебаранд. Ин ҳолат мантиқан маҷбур месозад, ки ба захираҳои меҳнатӣ талаботҳои нав гузошта шавад. Бинобар ин дар ҷараёни ҷалби коргарону мутахассисон барои кору фаъолият дар ҳудуди МОИ талаботи аввал ба сатҳи дониш ва малакаи қувваи корӣ пешниҳод мегардад. Аз ин лиҳоз, дар сиёсати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳо, минтақаҳои маъмурии иқтисодии он таваҷҷуҳи хоса ба рушди инфрасохтори маориф ва илм дода шавад. Зеро барои таъмини кормандони субъектҳои хоҷагидори МОИ аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ барои оянда яке аз равияи калидӣ мебошад. Пайваста ба он дар мактабҳои олии соҳавӣ, ки мутахассисонро барои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт тайёр менамоянд, бояд ба сифати кадрҳо аҳаммияти хоса дода шавад. Бо ибораи дигар гӯем, масъалаи тайёр намудани кадрҳо нақши стратегӣ дорад. Ба масъалаи мазкур дар баромаду суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мегардад. Масалан, дар яке аз онҳо чунин омадааст: “...Дар замони мо, ки рушди босуръату бесобиқаи илму дониш, техникаву технологияҳо ва бахусус, зеҳни сунъӣ хусусияти барҷастаи он мебошад, донишомӯзӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ пайдо кардааст. Яъне асре, ки мо дар он кору зиндагӣ карда истодаем, асри илму дониш, кашфиёту ихтироот, техникаву технологияҳои навтарин – замони пешрафту тараққиёти миллату халқҳои босаводу донишманд ва навовару ихтироъкор мебошад. ... Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сифати таълим омили муайянкунандаи натиҷаи кор мебошад. ... Барои расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт татбиқи тадбирҳои зеринро ба мақсад мувофиқ мешуморам: ... якум, бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои муваффақ таҳия намудани меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ; ... дуюм, дар заминаи Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 таъсис додани махзани ягона ҷиҳати таҳлил, арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон тавассути технологияҳои рақамӣ; ... сеюм, фароҳам овардани шароит барои иштирок дар арзёбиҳо ва барномаҳои байналмилалӣ; ... чорум, пайваста баррасӣ намудани натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия...” [130].

Дар баробари масъалаи тайёр кардани кадрҳо дар ташаккул ва рушди МОИ дар минтақаҳо масъалаи самаранок ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Дар ин радиф ду самти густариши муносибатҳои байналмилалиро алоҳида таъкид кардан мумкин аст:

1) дар сатҳи минтақавӣ;

2) дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ.

Оид ба сатҳи якум гуфтан мумкин аст, ки минтақаҳои алоҳидаи кишвар такя ба сиёсати “дарҳои боз” дар ҷумҳурӣ ва мутобиқат бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои рушди робитаҳои байналмилалиро дар соҳаи иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва дипломатия бо дигар минтақаҳои кишварҳои хориҷӣ густариш диҳад. Дар асоси ин муносибатҳо барои рушди МОИ дар ҳудуди худ метавонад созишномаҳои ҳамкорӣ, ҳамгироӣ ва ғайраро ташкил диҳад.

Оид ба самти дуввум бошад, метавонем гӯем, ки дар асоси созишномаҳои ҳамкорие, ки байни давлатҳои мустақим дар сатҳи умумидавлатӣ баста шудааст, ҳамкориҳоро дар соҳаи иқтисодиёту иҷтимоиёт пешбинӣ менамояд ва ҳар як минтақа метавонад дар ҳудуди худ амалӣ намояд. Дар ин асос, барои рушди МОИ истифодабарии ин ё он имкониятҳо, яъне дар соҳаи рушди савдои хориҷӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти нав, ҷалби техникаю технологияҳои нав, истеҳсоли молу маҳсулотҳои нав мувофиқи мақсад буда, васеъ истифода мешавад.

Фаъолияти МОИ бо мурури замон бо талаботи бозор тағйир меёбад. Аз рӯйи аломатҳои таснифӣ онҳоро ба ду шакл ҷудо кардан мумкин аст:

1. Агар маҳсулоти истеҳсолшаванда таъйиноти асосиаш барои қонеъ намудани талаботи бозорҳои беруна бошад, чунин шакли МОИ дар илми иқтисодӣ ҳамчун шакли экстравертивӣ номида шудааст. Боиси зикр аст, ки дар ин ҷо меъёри муайян пешбинӣ гардидааст, яъне агар маҳсулоти дар ҳудуди МОИ истеҳсолшуда барои содирот аз 70 то 90%-ро ташкил карда бошад, чунин номгузорӣ кардан мумкин аст. Вале боиси зикр аст, ки ин субъектҳо бояд маҳсулоти тайёрро ба содирот равона созанд, на маҳсулоти нимтайёр;

2. Шакли дуюми МОИ, ки аз нуктаи назари илми иқтисодӣ номи инвентаритивиро дорад, асосан чунон шакли МОИ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ молу маҳсулот истеҳсол ва пешниҳод менамояд. Боиси зикр аст, ки чунин гуна МОИ дар таҷрибаи

ҷаҳонӣ хеле бисёранд. Масалан, дар иқтисодиёти Бразилия МОИ ба номи “Манаус” дар қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ба муваффақиятҳои калон ноил гардидааст.

Дар амалия ва илми муосир аз рӯи шакли сохт ва хусусиятҳои фаъолият МОИ ба чунин намудҳо низ ҷудо мегардад:

- минтақаҳои озоди иқтисодии давлатӣ;

- минтақаҳои озоди иқтисодии хусусӣ;

- минтақаҳои озоди иқтисодии омехта.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки дар шароити муосир дар бештари давлатҳои ҷаҳонӣ шакли омехтаи МОИ хеле васеъ паҳн гаштааст. Дар навбати худ аз рӯи фаъолият низ МОИ шаклҳои гуногунро дорад. Онҳо чунинанд:

- МОИ-и хусусияти тиҷоратидошта (МОИ дар соҳаи савдо);

- МОИ, ки таъиноти асосиаш истеҳсоли молу маҳсулот мебошад;

- МОИ-и махсусгардонидашуда (сайёҳӣ, технологӣ);

- МОИ барои рушди савдои хориҷӣ (истеҳсоли маҳсулотҳои содиротӣ ва ғайра).

Барои ташаккули минтақаҳои иқтисодӣ дар афзоиши маҳсулнокии меҳнат рақобатпазирии минтақа нақши калидӣ дорад. Аз ин лиҳоз, МИ дар кадом шакле, ки ташкил карда нашавад, яъне дар шакли паркҳои технологӣ, МОИ, паркҳои инноватсионӣ ва ғайра, ба сифати шарти муҳим саҳми бевосита дар таъмини рақобатнокии минтақа маҳсуб меёбад. Аз ин нуктаи назар, дар ҳоле ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷорӣ намудани ҷанбаҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, дар марҳилаи аввали саноатикунонии минтақа қарор дорад, зарурати ташаккули МИ дар шаҳру ноҳияҳо метавонад барои рақобатпазирӣ заминаи устувор дошта бошад.

Бояд қайд намуд, ки аз нуктаи назари ташкилӣ барои ташаккули МИ иҷрои марҳилаҳои зерин ба манфиати кор аст: банақшагирӣ; ҷараёни ташкилӣ; дар амал ҷорӣ намудан; мониторинг ва арзёбӣ.

Расми 1.3. - Алгоритми ташаккули минтақаҳои иқтисодӣ дар ҳудуди маъмурӣ

Манбаъ: *таҳияи муаллиф*

1. Ҷараёни банақшагирӣ бисёрҷанба ва хеле мураккаб буда, ҳамзамон масъулияти ҷиддиро аз вазорату мақомот ва ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, дар ин марҳила таҳияи сиёсати ташаккули МИ, ки барои банақшагирӣ асос мебошад, баҳсталаб буда, ҳамзамон исбот карданро ба миён мегузорад.

2. Ҷараёни ташкилӣ механизмҳои гуногун, алалхусус коркарди таҳкурсии ҳуқуқӣ (қабули қонунҳо), беҳтар намудани муҳити маъмурӣ (ҷараёни маъмурикунонӣ оид ба ҷудо намудани қитъаи замин, объектҳо, литсензиядиҳӣ, иҷора, тартиби гумрукӣ, қонуни меҳнат, шартҳои трансаксияҳои молиявӣ), тартиботи муносибат бо инвесторон, бо мақомотҳои давлатӣ ва дигар сохторҳо муайян карда мешавад.

3. Бевосита ба амал ҷорӣ намудан: фаъолияти МИ дар кадом шакл ки набошад, бояд ба роҳ монда шавад ва чун натиҷа, иҷрои ҳадаф ва вазифаҳо таъмин ҳоҳад гардид.

4. Мониторинг ва арзёбӣ: натиҷаҳои фаъолияти МИ дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо арзёбӣ карда шуда, дар асоси он омилҳои таъсиррасон, муаммоҳои мавҷуда ва захираҳои дохила муайян хоҳанд гардид. Бинобар ин, МОИ барои арзёбии объективӣ усулҳои ҷолиб, фишангҳо, нишондиҳандаҳои бевосита, ки фаъолиятро фаро мегиранд, коркард ва муқоиса карда мешаванд.

МОИ чун анъана дар мавзеъҳои аз назари мавҷудияти инфрасохтори коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ тараққиёфта ташкил карда мешаванд.

МОИ натанҳо нуктаи рушди истеҳсоли молу маҳсулот, инчунин барои густариши бахши соҳибкорӣ ҳамчун воситаи барпокунии робитаи тиҷорати молиявӣ бо дигар кишварҳо шуда метавонад. Ин шакли ташкили истеҳсолот дар асри XX бештар паҳн гаштааст, яъне фаъолияти МОИ дар аксарияти кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ асосан дар нимаи дуюми асри XX ташкил ва хеле паҳн гашта, яке аз омилҳои асосӣ дар пешравиҳои иқтисодӣ мубаддал гаштааст. Дар баъзе сарчашмаҳо омадааст, ки ҳиссаи МОИ дар ҷаҳон дар оғози асри XXI афзоиш ёфта, аз 1/3 ҳиссаи гардиши молҳои ҷаҳониро ташкил медиҳад [68, с. 7].

Оид ба нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ зикр карда шудааст, ки: “...минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисматҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ё функсионалии маҳдуди иқтисодиёт мебошанд, ки дар онҳо қоидаҳо ва дигар пажӯҳиш оид ба истеҳсол ва тақсими молҳо ва хизматрасонӣ аз қоидаҳо, дигар пажӯҳиш дар қисми боқимондаи иқтисодиёт фарқ мекунанд. Ин муассисаҳои махсус бо мақсади пешбурди фаъолиятҳои иқтисодӣ дар як минтақаи муайян амалӣ карда мешаванд. Онҳо маъмулан, ҳам ҳавасмандии молиявӣ, аз қабили андозҳо, тарофаҳо

ва субсидияҳо, инчунин танзими назарраси чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва маъмурӣ ё пешниҳоди имтиёзҳои қонуниро дастрас мекунанд...” [74].

Дар санадҳои таърихӣ расман эътироф шудани МОИ-ро бо Конвенсияи 8-уми Киото, ки 1973 дар шаҳри Киото баргузор гардидааст, алоқаманд менамоянд. Вале дар он бештари таваҷҷуҳро ба масъалаи додани имтиёзҳои гумрукӣ дода шуда буд. Дар ин бора дар илми иқтисодӣ чунин омадааст: “...Паҳншавии озодонаи МОИ дар бисёр давлатҳо баъди ба имзо расидани КК (соли 1973), ки дар он минтақаҳои озод ҳамчун як навъи анклави тиҷорати хориҷӣ муайян шуда, молҳои он берун аз қаламрави гумрукӣ ҳисобида мешуданд...” [99].

Дар ҚҶТ «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2004) чунин таърифи ин минтақаҳо (моддаи 1) муқаррар шудааст: “...Минтақаи озоди иқтисодӣ яке аз қисми алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар ҳудуди онҳо на фақат низоми махсусӣ гумрукию андозӣ, балки тартиби соддакардашудаи рафтуомади ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзноки истифодаи захираҳои табиӣ амал мекунад...” [7]. Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро дар Тоҷикистон муқаррар намуда, масъалаҳоро марбут ба сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ин минтақаҳо танзим мекунад.

Умуман, чун хулоса қайд кардан мумкин аст, ки МОИ дар марзи алоҳидаи ҷудокардашудаи махсус ташкил шуда бошад ҳам, ҷузъи таркибии иқтисодиёти вилоят, шаҳр ва ҷумҳурӣ мебошад. Вале дар ин марз тартиботҳои махсуси иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ мавҷуданд, ки барои истеҳсолкунандагон, фаъолияткунандагон барои ҳавасмандӣ имтиёзҳои гуногун пешниҳод менамоянд. Ин имтиёзҳо метавонанд равияҳои гуногунро дар бар гиранд. Алалхусус, дар соҳаи андозбандӣ, гумрук, муносибатҳои меҳнатӣ, иҷора, раводид ва ғайра. Умуман, ҳамаи ин

барои ташаккул додани муҳити муносиб барои истеҳсолот, сармоягузорӣ ва рушди иқтидори истеҳсолӣ равона мегардад.

Чӣ тавре ки қайд гардид, ҳар як МОИ-и ташкилшаванда ҳадаф, вазифа, мақсад, муаммо ва равияҳои рушди худро дорад. Дар ин асно бояд ишора намоем, ки МОИ “Суғд” тибқи меъёрҳои низомномааш таъйиноти индустриалии инноватсионӣ дошта, барои расидан ба ҳадафҳои зерин равона мегардад:

- вусъат додани ҷалби сармояи ҳам хориҷӣ ва ҳам ватанӣ барои истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ дар ҳудуди вилояти Суғд;

- ба амал татбиқ намудани техника ва технологияҳои муосире, ки ҷавобгӯи талаботи ҷаҳонӣ аст дар истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ;

- қонеъ гардонидани ҳам бозори дохилӣ ва ҳам бозори берунӣ ба маҳсулотҳои саноатии инноватсионӣ;

- таъмини истифодабарии самараноки ашёҳои хоми ватанӣ дар истеҳсоли молу маҳсулотҳои саноатии инноватсионӣ.

1.3. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди минтақаҳои иқтисодӣ

Боиси зикр аст, ки то ҳоло дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти ташаккул ва рушди минтақаҳои иқтисоди таҷрибаи бой ҷамъ карда шудааст, ки баъзеи онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар охири солҳои ҳаштодуми асри XX дар саросари дунё шумораи МОИ ба зиёда аз 600 адад расида, ҳиссаи онҳо дар гардиши моли тиҷорати байналмилалӣ андар як 8 фисадро ташкил дод. Масалан, дар қаламрави Мексика як ҳазору сад муассиса ва ташкилот фаъолият менамояд, ки шарту шароити он маълум аст. Мисоли дигар, мамлакати Чин низ ба тавассути ин роҳи хоҷагидорӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар қаламрави Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) аввалин қадамҳо дар ташкили чунин минтақаҳо дар охири солҳои ҳаштодум гузошта шуд. Ҳатто дар ин бора пешниҳодҳои мушаххасе ҳастанд, аз ҷумла доир ба таъсиси ин минтақаҳо дар Шарқи Дур (шаҳри Находка), минтақаи гумрукии Одесса, Донишкадаи Тарту, ноҳияи Выборг, саёҳатгоҳҳои Сочи ва Новгороди Русия қадамҳои аввалин гузошта шудаанд.

Бо суръати баланд афзоиш ёфтани таъсиси МОИ умуман аз талаботи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ бармеояд, зеро дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ бо якдигар вобастагии кишварҳои ҷаҳон, ҳамгироӣ, ҳаракати босуръати қувваи корӣ ва афзоиши ҳаракати сармоя дар байни кишварҳо, густариши савдои хориҷӣ, вобастагии молиявии асъорӣ, инчунин дар зери таъсири рушди технологияҳои рақамӣ густариши савдои электронӣ, муносибатҳои истеҳсолии электронӣ, роботикунонӣ, автоматикунонии истеҳсолот торафт афзоиш меёбад. Дар асоси ин омилҳо ташаккули МОИ дар минтақаҳои алоҳида ба мубрамии рӯз мубаддал гаштааст. Аз таҷрибаи амалияи давлатҳои ҷаҳонӣ бармеояд, ки ҳоло ҳиссаи МОИ дар ҳама соҳаҳо, ҳам дар соҳаи савдо, ҳам дар соҳаи истеҳсолот, хизматрасонӣ, молия ва ғайра назаррас афзоиш ёфта истодааст.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷаи муосир нисбати вазъи рушди МОИ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазифаҳои онҳо гуногунанд. Онҳо ба дараҷаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон вобастаанд. Дар шароити имрӯза дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ минтақаҳои технологӣ-инноватсионӣ ва минтақаҳои тиҷоратии озод бештар маъмуланд, дар ҳоле ки минтақаҳои содиротӣ-истеҳсолӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дар марҳилаи гузариш қарор доранд. Дар илми иқтисодӣ қайд мегардад, ки “...яке аз падидаҳои кушода будани иқтисодиёт дар шароити ҳозира ташкил намудани МОИ дар ноҳия ё шаҳрҳое арзёбӣ мегарданд, ки мавқеи мусоиди иқтисодию ҷуғрофӣ дошта

бошанд. Минтақаҳои мусоиди ҷойгиркунии МОИ, асосан чун анъана дар мавзеъҳои наздисарҳадӣ, мавзеъҳои аз назари мавҷудияти инфрасохтори коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ тараққиёфта ташкил карда шудаанд...” [88, с.375-387].

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ташкили муқаррарии 1 км^2 минтақаи саноатӣ ва истеҳсолӣ тақрибан 40 - 45 млн доллар сармоягузориро талаб мекунад; гумрук ва савдо бошад 10 - 15 млн долларро талаб менамояд. Бинобар ин аксари минтақаҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон амалкунанда бо ҳудуди як корхона, якчанд иншооти истеҳсолӣ, бандарҳо ҳавоӣ ё баҳрӣ, дар ҳолати истисноӣ - шаҳри хурд ё минтақа маҳдуданд. Мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шарқӣ дар фаъолияти МОИ таҷрибаи бой доранд: Чин, Туркия, Олмон, Полша, Булғория, Ирландия, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва ғайра.

Аслан аввалин МОИ се аср пеш дар Гибралтар соли 1704, соли 1819 дар Сингапур ва соли 1848 дар Ҳонконг пайдо шуданд. Тибқи таҳқиқот қадимтарин МОИ “Гамбург” дар Олмон мебошад, онҳо дар асри гузашта дар Иттиҳоди гумрукӣ буданд. Дар ин шаҳр ба вуҷуд омадани МОИ-ҳоро бо мавқеи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ муфиди онҳо шарҳ медоданд. Гамбург бузургтарин бандари баҳрӣ ва дарёӣ аст, ки дар дарёи Элба, наздикии баҳри Шимолӣ ҷой гирифтааст. МОИ “Гамбург” аз ду қитъаи бандар, инчунин як қисми қаламрави минтақаи дигари Куксхавен иборат аст. Дар ин ҷо анборҳои сершумори шаш-ҳашт ошёна, анборҳои меваю сабзавот, нафт ва маҳсулоти нафтӣ мавҷуданд.

Роҳбарияти МОИ «Гамбург» аз идоракунии минтақаҳои дигар хеле фарқ мекунад. Мақомоти бандари озод, ки МОИ-ро идора мекунад, ваколатдор аст, ки вазифаҳои гумрукиро ғайр аз ҷамъоварии боҷҳо иҷро кунад. Аксарияти анборҳоро фирмаҳо ва шахсони алоҳида мустақилона истифода мебаранд, дар сурате, ки сохтмони анборҳои нав бояд бо маъмурияти минтақа ҳатман мувофиқа карда шавад.

Дар Дания охири асри гузашта дар ҳудуди бандари Копенгаген минтақаи тиҷорати озод ташкил карда шуд. Копенгаген бузургтарин бандари баҳрӣ, фурудгоҳи байналмилалӣ буда, ба роҳи оҳан пайвастанд. Дар ин ҷо бузургтарин ширкатҳо ва бонкҳои тиҷоратӣ ҷойгир буда, соҳаи саноати ба содирот нигаронидашуда хеле инкишоф ёфтааст, ки он ба миқдори 700 000 метри мураббаъ ҳудуди минтақаи озоди савдоро ишғол мекунад. Майдонҳои анборҳо васеъ карда шуда, соҳибкорони ин минтақа дар заминҳое, ки аз маъмурияти минтақаи озоди савдо ба иҷора гирифтаанд, анборҳои нав месозанд. Идоракунии бандарии FTA Копенгаген тавассути ширкати саҳҳомӣ таҳти назорати ҳукумат қарор дорад. FTA ҳуқуқ дорад, нигоҳдорӣ, ҷудо ва дубора бастабандӣ, коркард, тамғагузорӣ ва намоиши молҳоро ба роҳ монад. Барпо намудани корхонаи саноатӣ инчунин ташкили савдои чакана дар дохили минтақа иҷозатномаи махсуси давлатиро талаб мекунад. Маҳдудият истеъмоли моли декларатсиянашуда мебошад, ки боҷ гирифта мешавад.

Ҷумҳурии Корея низ дар ташкили МОИ таҷрибаи калон дорад. Мамлакати дорои масоҳати нисбатан хурд, аз ҷиҳати маъданҳои фоиданок камбизоат, релйефи куҳсор аз мамлакати аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда ба давлати индустриалӣ табдил ёфтааст, ки дар он ҷо асосан саноати мошинсозӣ хеле тараққӣ кардааст. Масалан, дар Ҷумҳурии Корея аллакай (соли 1989) зиёда аз 1 млн адад автомошина истеҳсол карда шуда буд, ки қисми зиёди он ба мамлакатҳои тараққикарда содирот гардиданд.

Ҳамин тариқ, содироти мошинҳо танҳо ба ИМА ба зиёда аз 400 ҳаз. адад расид. Электроника, асбобсозӣ, киштисозӣ бо суръати баланд тараққӣ мекунанд (охири солҳои 80-ум ин ҷумҳурӣ дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол мекард). Он дар истеҳсоли наҳҳои синтетикӣ (80 фоиз ба хориҷа мебарорад) ва истеҳсоли шина яке аз калонтарин кишвар дар ҷаҳон мебошад.

Дар БК зиёда аз 25 минтақа ва паркҳои технологӣ мавҷуданд, ки 18,4 ҳаз. ҷойҳои корӣ доранд. Дар маркази самарабахшии минтақаҳои илмию техникӣ, коршиносони технологияҳои нав ва мутахассисони баландихтисос тайёр карда мешавад. Ба онҳо як қатор ташкилотҳои таҳқиқоти илмӣ ёрӣ мерасонанд.

Дар ИМА минтақаи озоди иқтисодӣ васеъ паҳн шудаанд. Мавҷудияти имтиёзҳои гуногун ба ширкатҳое, ки дар қаламрави онҳо фаъолият мекунанд, таъсир мерасонад. Миллатҳои гуногун, гуногунии фарҳангҳо, динҳо, тафовути сиёсат ва иқтисод ба хусусияти ташаккул ва рушди МОИ дар фазои ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, таҷриба нишон медиҳад, ки МОИ бо мақсади рушди иқтисодиёт бо роҳҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил карда мешавад. Ин мақсадҳо ҳама ягонаанд: барқарор намудани фаъолияти савдои хориҷӣ, зиёд намудани ҳаҷми содирот, ташкили ҷойҳои нави кор, ҳавасмандии истеҳсоли саноатӣ, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва амсоли онҳо. Пешрафти минтақаҳои қафомонда ва баробар намудани масъалаҳои имтиёзҳои гумрукиву андозӣ ва ҳавасмандиҳои гуногун аз онҳо вобастагӣ доранд. Дар ин ҷо бояд барои таҳлил ва таҷрибаи ташаккулу тараққиёти МОИ, ба давлати Чин назар хоҳем кард, зеро қудрати яке аз давлатҳои иштирокчии фаъоли тараққиёти пешрафтаи минтақавиро дорост. Аз солҳои 80-уми асри гузашта сар карда, то имрӯз ҳукуматдорони Чин масоҳати чунин минтақаҳоро ба садҳо километр расонидаанд. Дар Чин МОИ бо як сатҳи болоравӣ, мутобиқ гаштани системаи иқтисоди пӯшида бо шарту шароити бозори хориҷа мушоҳида карда мешавад, барои ташкили ин гуна минтақаҳо дар назди бандарҳои баҳрӣ, роҳҳои байналхалқӣ ҷой дода шудааст.

Дар Чин ячанд МОИ ба монанди: “Гуандун”, “Синцзян”, “Тянҷин”, “Фуҷян”, “Хубэй” ва “Шанхай” фаъолият бурда истодаанд, ки зиёда аз 30 минтақаҳо бо тараққиёти технологӣ, 14 бандари кушод, инчунин дигар

МОИ, фазои гумрукӣ, ноҳияҳои махсус бо имтиёзу ҳавасмандиҳои гуногун фаъолият доранд. Сармоягузории асосӣ дар соҳаи қувваи ядроӣ, мошинсозӣ, инфрасохтор, молия ва технологияи навтарин равона карда шудааст [108].

Ба МОИ "Ҷухай" 80 фисади сармояҳои хориҷӣ асосан аз Гонконг, Макао ва Сингапур ворид мешавад. Соҳаҳои асосии сармоягузорӣ дар Сямен саноати шоҳибофӣ, микроэлектроника, саноати хӯрока, саноати кимёвӣ мебошанд. Соли 1990 аз тарафи ҳукумати Чин қабули қарор оид ба кушодани 14 шаҳрҳои портӣ ва ташкили паркҳои техникӣ дар соҳилҳои баҳрии ҷанубу ғарбӣ қабул гардидааст. Барои пешрафт ва тараққиёти илму техника дар Чин барномаи махсуси умумидавлатии «Факел» коркард шудааст. Ба сифати тараққиёти соҳаҳои пешрафта, ин гуна соҳаҳои микроэлектроника ва информатикунонӣ, коиноту муҳандисӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Яке аз стратегияҳои асосии Ҳукумати Чин дар тараққиёт ва пешрафт таъсиси паркҳои техникӣ ба ҳисоб меравад. Дар оғози солҳои 90-уми асри XX дар Шанхай боз як МОИ бо номи «Пудун» ташкил карда шуд, ки яку якбора дар ин минтақа фаъолияти намудҳои гуногуни МОИ, ба монанди минтақаи озоди савдо, минтақаи озоди молиявӣ, минтақаи озоди саноативу илми техникӣ ва ғайраҳои дигар дар амал татбиқ гардиданд.

Дар МОИ Чин корхонаҳои муштарак аз пардохти андозҳо барои замин, бино, таҷҳизот ва дигар амволи лозима озод карда шудаанд. Молу маҳсулоте, ки барои талаботи дохила аз ҳисоби ин корхона ворид карда мешавад, аз пардохти боҷҳои озод шудааст [113]. Баъди пардохти андозҳои муайянгардида, ба ширкат барои интиқоли маблағ бе ягон пардохти иловагӣ ва мамоният имконият дода мешавад. Истифодаи замин бошад, барои сармоягузорони хориҷӣ ба муҳлати аз 40 то 70 сол вобаста аз мақсадҳои фаъолият муайян карда шудааст [108].

Ҳамин тариқ, аз рӯйи низоми ташаккули МОИ дар Чин ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар кишвар ба муайян намудани тахассусгардонӣ ва масоҳати минтақаҳо аҳамияти ҷиддӣ дода шудааст.

МОИ дар Туркия. Туркия яке аз иқтисодҳои босуръат рушдёбанда дар ҷаҳон аст, ки Шарқ ва Ғарбро ба таври ҷолиб мепайвандад. Илова бар он, Туркия афзоиши сармоягузорони байналмилалиро тавассути як барномаи дӯстона ҷиҳати дастрасӣ ба бозори бузурги дохилӣ ва бозорҳои байналмилалии ҳамсоя дастгирӣ мекунад.

Туркия дар чорроҳаи Аврупо, Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна ҷойгир аст, ки дастрасии осон ба бозорҳои Аврупо, Ховари Миёна, Африқои Шимолӣ, Осиёи Марказӣ ва Халиҷи Форсро фароҳам меорад. Зиёда аз нисфи тиҷорати ҷаҳонӣ аз Туркия сурат мегирад, сабаби асосӣ дар он аст, ширкатҳои фаромиллӣ Туркияро ҳамчун маркази стратегии минтақавӣ барои фаъолияти худ интихоб кардаанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Туркия барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ мусоид мебошанд [117]. Ҳадафи асосии таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди Туркия мусоидат ба сармоягузорӣ ва истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, суръат бахшидан ба сармоягузории мустақими хориҷӣ ва дастрасӣ ба технологияҳо, таъсиси корхонаҳои мустақим барои содирот ва рушди тиҷорати байналмилалӣ мебошанд.

Дар Туркия МОИ тибқи Қонуни №3218 аз соли 1985 дар ҳудудҳои берун аз минтақаи гумрукӣ таъсис дода шудааст ва ҳар сол барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили қалamрави содиротӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ пайваста васеъ карда мешавад [127].

Минтақаи озоди тиҷоратии Аврупо, Минтақаи озоди саноатӣ ва тиҷоратии “Истамбул-Чарм” ва Минтақаи озоди “Эгей” аз ҷумлаи бузургтарин минтақаҳои озоди Туркия мебошанд.

Минтақаҳои озод офисҳои тайёр, анборҳои кушод, иншооти истеҳсолиро барои иҷора пешниҳод мекунанд. Ин шаҳрҳои саноатӣ ҳама

намуди хизматрасониҳои инфрасохторро (барқ, об, газ, оби партов) пешниҳод мекунанд. Илова ба ин, минтақаҳои озод аз қабили Минтақаи озоди Аврупо ҳамчунин хидматҳои сохтмонӣ, хӯрокворӣ, хидматрасонии IT, нигоҳдорӣ, суғурта, боркунӣ ва борфарорӣ, анбор ва утоқҳои конфронсро пешниҳод мекунад.

Дастгирии андоз дар минтақаҳои озоди Туркия: озод кардан аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо; озод кардан аз андоз аз даромад; озодкунӣ аз андоз аз ААИ ва андози махсуси истеъмолӣ; озод кардан аз боҷи тамға барои ҳуҷҷатҳои дахлдор; озод кардан аз андози амвол; озод кардан аз андоз аз даромад ва андоз аз баъзе хизматрасониҳои логистикӣ, ба шарте ки онҳо ба содирот нигаронида шуда бошанд; озод кардан аз андоз аз даромад аз музди кори коргарон (барои ширкатҳое, ки на кам 85 фоизи арзиши маҳсулоти истеҳсолкардаро содирот мекунанд). Иҷозатнома барои фаъолияти соҳибкорӣ дар МОИ Туркия аз ҷониби Сарраёсати Департаменти савдои хориҷӣ дода мешавад.

МОИ дар Туркия бо дастгирии давлат як маркази савдои ҷолибест, ки барои сармоягузорон роҳи даромадро мекушояд. Аз ин лиҳоз минтақаҳои озод низ барои сармоягузорон як имконияти арзанда доранд. Чуноне ки қайд карда шуд, минтақаҳои озод дар ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, суръат бахшидан ба сармоягузории мустақими хориҷӣ ва дастрасӣ ба технологияҳо барои корхонаҳои ба содирот нигаронидашуда ва пешбурди тиҷорати байналмилалӣ нақши муҳим доранд. Ҳавасмандӣ ва манфиатҳои минтақаҳои савдои озод:

- тамоми ширкатҳо аз андози корпоративӣ (20%) ва андоз аз даромад (15-35%) озод карда мешаванд;

- минтақаҳои озод берун аз сарҳади гумрукӣ ҳисоб шуда, ба молҳое, ки ба онҳо ворид мешаванд, боҷи гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда

(ААИ) ва KKDF (6%) татбиқ намешаванд. Ин имтиёзҳо барои ҷалби сармоягузорӣ дода мешаванд;

- ширкатҳое, ки ҳадди ақал 85% маҳсулоти худро дар хориҷа мефурӯшанд, 100% аз андоз аз даромади музди меҳнати кормандон озод карда мешаванд;

- тибқи Созишномаи Иттиҳоди гумрукӣ байни Туркия ва Иттиҳоди Аврупо (ИА), молҳои истеҳсолшуда дар Туркия дар доираи бозори Иттиҳоди Аврупо бидуни маҳдудиятҳои гумрукӣ муомила мешаванд;

- ширкатҳо озоданд, фоида ва даромади худро ба Туркия ё ягон кишвари дигар интиқол медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон МОИ бо низоми махсуси ҳуқуқӣ амал мекунад. МОИ бо мақсади суръат бахшидан ба рушди минтақа, бо дастгирии давлатии рушди як ё якчанд соҳаи технологияҳои нав, бунёди истеҳсолоти хеле самараноки ба содирот нигаронидашуда, азхудкунии навъҳои нави маҳсулот, ҷалби сармоя, рушди қоидаҳои ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, ҷорӣ намудани усулҳои ҳозиразамони хоҷагидорӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайян таъсис дода шудааст.

Ба низоми махсуси андоз дар ҳудуди МОИ инҳо дохил мешаванд:

- озод кардан аз андоз аз даромад;

- андозбандӣ бо меъёри сифрӣ ҳангоми ҳисоб кардани андози замин;

- татбиқи меъёри 0 фоиз ба арзиши миёнаи солонаи объектҳои андозбандӣ ҳангоми ҳисоб кардани андози амвол;

- озод намудани муомилот аз андоз аз арзиши иловашуда оид ба фурӯши молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо дар ҳудуди МОИ, ки ҳангоми татбиқи фаъолияте, ки ба мақсадҳои ташкили МОИ мувофиқат мекунанд, истеҳсол ва истеъмол карда мешаванд;

- аз ААИ озод намудани объектҳои сохтмон ва корҳои сохтмонӣ барои объектҳои маъмурию истеҳсолӣ (биноҳои корӣ ва истеҳсолӣ,

анборҳо), ки барои амалӣ намудани фаъолияте, ки ба ҳадафҳои ташкили МОИ мувофиқанд, пешбинӣ шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон чунин МОИ амал мекунанд:

- МОИ «Остона - шаҳри нав» дар Остона;
- МОИ «Парки технологияҳои иттилоотӣ» дар Алатауи Алмато;
- МОИ «Бандари баҳрии «Актау» дар вилояти Манғистау;
- МОИ «Онтустик» дар вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ;
- МОИ «Технопарки миллии саноатии нафту кимиё» дар вилояти Атнрау.

Дар доираи татбиқи барномаҳои рушди МОИ «Остона – шаҳри нав», «Бандари баҳрии Актау» ва дар доираи Стратегияи рушди индустриалӣ-инноватсионӣ МОИ «ПИТ» ва «Онтӯстик» таъсис дода шуданд. Бо мақсади фароҳам овардани шароит барои татбиқи лоиҳаҳои макролоиҳаҳои «рахнашавӣ», ки таъсири мултипликативӣ доранд ва ба рушди иқтисодиёти Қазоқистон таъсир мерасонанд, минтақаҳои МОИ «Достиқ», «Дарвозаи Шарқи Хоргос», Дарвозаҳои Ғарбӣ (Уралск), Тобил (дар Қустанай), Бӯрабой [121] кор бурда истодаанд.

Аз рӯзи таъсисёбӣ дар ҳудуди МОИ «Остона - шаҳри нав» 231 объект ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 74 объекти инфрасохтори муҳандисию нақлиётӣ, 62 иншооти истиқоматӣ, 59 объектҳои аҳамияти иҷтимоӣ, 30 бинои маъмурӣ ва 6 адад бинои истеҳсолӣ мебошад. То имрӯз бо санадҳои комиссияҳои корӣ ва давлатӣ 118 иншоот ба истифода дода шуда, дар 113 иншоот сохтмон идома дорад.

МОИ «Технопарки миллии саноатии нафту кимиё» 19 декабри соли 2007 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи таъсиси МОИ «Технопарки миллии саноатии нафту кимиё» ба имзо расид. Ҳудуди МОИ дар вилояти Атирау ҷойгир буда, масоҳати 1787,4 гектарро ташкил медиҳад [14].

МОИ «Бишкек» дар Қирғизистон дар моҳи июли соли 1995 ташкил ёфта, дар водии Ҷуй воқеъ аст ва ҳудуди он беш аз 340 гектарро фаро мегирад. Ин минтақа аз се қисм иборат аст: Маркази миллии намоишгоҳ (Намоишгоҳи дастовардҳои хоҷагии халқ, шаҳри Бишкек) бо масоҳати 40 гектар, Ак-Чий бо 200 гектар ва Кара-Балта бо 100 гектар.

МОИ «Бишкек» барои ҷорӣ намудани навовариҳои саноатӣ ва системаҳои пешрафтаи идоракунӣ кушода аст. Кафолатҳои рушди онро Қонун «Дар бораи МОИ Ҷумҳурии Қирғизистон» [123] ва Низомнома «Дар бораи Минтақаи озоди иқтисодии «Бишкек» [128] танзим мекунанд.

Дар ҳудуди МОИ «Бишкек» зиёда аз 100 субъекти истеҳсолӣ фаъолият мебарад (ҶДММ «Салкин», ҶДММ «Гундуз», ҶДММ «Элемент Чем» ва ғ.) фаъолият доранд, ки сармоягузорон зиёда аз 20 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла аз Русия, Қазоқистон, Чин, Корея, Эрон, Туркия, Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ ва ғайра мебошанд.

МОИ «Бишкек» як минтақаи муосири содиротӣ буда, дар он то 2,5 ҳаз. нафар кор мекунанд. Қариб 40 фоизи маҳсулот ба кишварҳои ҳамсоя, аз он ҷумла Русия, Қазоқистон, Чин, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, инчунин ба Афғонистон, ИМА, Туркманистон, Ҷопон, БК ва дигар кишварҳо содирот карда мешавад [120].

МОИ «Бишкек» сармоягузор барои ширкатҳое мебошад, ки мехоҳанд тиҷорати худро дар бозорҳои ИДМ, Осиёи Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, Ховари Миёна ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо рушд диҳанд. Моҳи сентябри соли 1998 МОИ «Бишкек» узви ваколатдори Ассотсиатсияи ҷаҳонии минтақаҳои истеҳсолӣ ва содиротии «WEPZA» гардидааст.

Ҳаҷми пешакии сармоягузорӣ, аз ҷумла маблағгузории асосии субъектҳои ҳудуди МОИ аз рӯйи ҷамъбасти соли 2023 ва 2024 2,5 миллиард сомро ташкил додааст.

Ҳамин тариқ, дар давраи аз оғози фаъолияти МОИ то ба имрӯз ҳудуди 11,5 миллиард сом сармоягузорӣ шудааст. Ҳаҷми пардохтҳо ва

саҳмҳо ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷониби резидентҳои МОИ дар солҳои 2023 ва 2024 тақрибан ба 2,5 миллиард баробар шуд. Дар соли 2024 шумораи ҷойҳои корӣ дар МОИ ба 2105 нафар (ба истиснои кормандони Сарраёсат) расид. Аз ин шумора 267 нафар (қариб 12%) шаҳрвандони хориҷӣ ва 1838 нафар (қариб 88%) шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон мебошанд. Ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳо барои пешбурди фаъолият дар ҳудуди МОИ аз рӯйи натиҷаҳои 2024 дар умум 1328 млн сомро ташкил дод [126] (ниг. ба ҷадвали 1.2).

Ҷадвали 1.2. - Сармояи хориҷӣ дар МОИ «Бишкек» дар солҳои 2018-2024 (млн. сом)

Солҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Ҳаҷми сармояи хориҷӣ	722	1188	447,6	576,4	913	1127	1328

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маводи [126].

Дурнамои рушди МОИ “Бишкек” ва дар маҷмуъ, минтақа чунин муайян шудааст: бунёди инфрасохтор (монанди ҷомеаи ҷаҳонӣ); бозори берунӣ ва дохилӣ; ҷалби сармояи хориҷӣ ва маҳаллӣ; кишоварзӣ, сохтмон, саноат, савдо, сайёҳӣ (ҳамчун маркази тиҷорати сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ). Илова бар ин, зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ оид ба минтақаҳои озод ва фаъолияти соҳибкорӣ аз нав дида баромада шуда, инчунин ҳавасманд гардонидани истеҳсолоти хусусӣ ва шаклҳои хусусии моликият, технология ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба роҳ монда шаванд.

Дар Қирғизистон якчанд МОИ таъсис дода шудаанд ва онҳоро метавон танҳо як минтақа номид, ки дар шаҳри Бишкек қарор дорад. Бо дастгирии давлат сармоягузории назарраси мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд; корхонаҳои муштарак ва хориҷӣ таъсис дода шудаанд (396 адад);

ҷойҳои корӣ, эҳёи назарраси фаъолияти иқтисодии берунӣ ба вуҷуд омад, инфрасохтори нави истеҳсолӣ ба вуҷуд омад; истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ, инчунин бо молҳои ватанӣ таъмин шудани бозори дохилӣ афзуд. Дар мавриди МОИ «Норин» ва «Қароқул» мақоми МОИ ба тамоми минтақаҳое дода шуд, ки инфрасохтори зарурӣ надоранд. Фаъолияти ин МОИ натанҳо боиси афзоиши фаъолияти соҳибкорони ин минтақаҳо гардид, натанҳо ба дараҷаи зарури рушди саноати маҳаллӣ, балки бештар аз он ба бунёди соҳаҳои нави саноатӣ оварда расонд. МОИ «Норин» ба минтақаҳои алоҳида тақсим карда шуд, МОИ «Қарокол» ба шаҳри Баликчӣ кӯчонида шуд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ роҳи ташкили МОИ метавонад ба ҳалли як қатор мушкилоти афзалиятноки кишвар дар соҳаи ба эътидол овардан ва эҳёи иқтисодиёт, эҳёи минтақаҳо, таҳкими давлатдорӣ, иқтисодиёт ва ҳифзи давлатӣ, инкишофи фаъолияти иқтисодии берунӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ мусоидат намояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ самт ва усули афзалиятноки таъмини пешбарандаи рушди иқтисодии МОИ ин ё он кишвар ё минтақа ба ҳисоб мераванд.

Хулоса, истифодаи таҷрибаи кишварҳои Туркия ва Қазоқистон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба дастгирии давлатии рушди корхонаҳои саноатӣ дар МОИ мувофиқи мақсад мебошад. Хуб мешуд, агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар МОИ пардохти боҷҳои гумрукӣ, ААИ ё фоизи онро камтар ҷорӣ намоем ва ин маблағҳо барои рушди корхонаҳои саноатии МОИ равона мегардиданд. Бо мақсади пурзӯр намудани воридшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ташкили истеҳсолоти боз ҳам самаранок, аз ҷумла технологияҳои баланд ва ба содирот нигаронидашуда, азхуд намудани

навъҳои нави маҳсулот, ҷалб намудани маблағгузорӣ, такмил додани қоидаҳои ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири хоҷагидорӣ дар радифи рушди индустриалии инноватсионӣ метавонем таҷрибаи давлатҳои Чин, Туркия, Олмон, Полша, Булғория, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва ғайраро, ки инфрасохтори тараққикарда доранд, истифода барем.

Ҳамин тавр, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нисбати вазъи рушди МОИ ва дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ дар МОИ боиси фароҳамшавии фазои хуби соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ гардида, ба рушди минбаъдаи бахши воқеӣ, махсусан, рушди минбаъдаи соҳаи саноат тавассути ҷалб намудани сармоягузориҳо дар кишвар мусоидат хоҳад кард. Аз таҷрибаи баъзе кишварҳои ҷаҳонӣ, ки дар боло баррасӣ намудем, хулоса намудан мумкин аст, ки таъсиси МОИ ва амалкарди фаъолияти он ҳадафҳои муайянро дорад, ки дар байни онҳо асоситарин инҳоанд:

- таъмини иштироки давлат дар тақсимоти байналмилалии меҳнат;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби ҳам сармояи хориҷӣ ва ҳам сармояи дохилӣ;

- истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифат дар иқтисодиёти миллӣ барои воридотивазкунӣ;

- истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати содиротӣ;

- ҷалб ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои иқтисодиёти миллӣ;

- ташаккул додани нуктаҳои рушд ҳам барои минтақа, ҳам барои умумидавлатӣ.

Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон “...ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бо тавассути ташаккули МОИ ҳам дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, ҳам дар густариши робитаҳои хориҷӣ натиҷаҳои назаррасро ноил

шуда истодааст...” [92. с.129-137]. Барои расидан ба он мақсадҳое, ки дар раванди ташкили МОИ гузошта мешаванд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодааст. Алалхусус, ташаккули таҳкурсии ҳуқуқӣ, бунёди инфрасохтори муносиб, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва ғайраҳоро номбар кардан мумкин аст. Пайваста ба он, таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳонро истифода бурда, бо як тарзу усули хоси фаъолияти самараоварии иқтисодӣ амал карда, ба натиҷаи дилхоҳ расидан мумкин аст.

БОБИ II. МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ “СУҒД” ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТ: ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛОТ

2.1. Тавсифи умумии вазъи муосири Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”: муаммоҳо ва равандҳо

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ ба мақсади таъмини шароити мусоид ҷиҳати суръатбахшии рушди иқтисодии кишвар, аз ҷумла барои мақсадҳои таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, рушди бемайлони иқтисодиёти миллӣ дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷа, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омӯзиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ, афзоиши содироти маҳсулот, таъмини шуғли аҳолӣ ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис дода шудаанд.

Таъсиси МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи нав буда, ба шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таъсис додани минтақаҳои озоди иқтисодиро бевосита таҳти назорати худ қарор додаанд. ҶТ имкониятҳои гуногунро барои рушди соҳаи соҳибкорӣ, сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ фароҳам овардааст.

Яке аз имкониятҳои самаранок оид ба ҷалби сармоягузорӣ ин таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Ба мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳо, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии кишвар ва дар ин раванд ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ба ҶТ минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст. Бо ибораи дигар гуфтан мумкин аст, ки яке аз

роҳҳои ҷолиби диққат ва ҳавасманд намудани инвесторҳои хориҷӣ ва дохилӣ ин ташкили ва густариш додани минтақаҳои иқтисодии гуногун мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ – маконҳоанд, ки дар он ҷо метавон тиҷорати муваффақро бунёд кард. Онҳо на танҳо сармоягузоронро ҷалб мекунанд, балки барои онҳо имкониятҳои навро фароҳам меоранд.

МОИ сохтори ташкилию иқтисодие мебошанд, ки ҳоло дар ҷаҳон густариши васеъ ёфта, дар кишварҳои зиёди ҷаҳон новобаста аз иқтидори иқтисодӣ ва сатҳу сифати рушди иҷтимоии онҳо бунёд гардидаанд ва бо ин васила барои ҳамгироии давлатҳо ва субъектҳои иқтисодӣ мусоидат намуда, ба рушди низоми равобити ҷаҳонӣ боис мегарданд.

Ҷаҳонишавӣ ва густариши бемисли равобити берунмарзӣ чун шакли афзалиятнок ҷараён гирифта, фаъолияти кишварҳоро дар ин самт фаъол гардонидаанд. Озодии ҳудудҳо ва минтақаҳо воридоти сармоя, молу хизматрасониро ба қаламрави кишвар бо такя ба санадҳои қонунӣ равон намудааст. Бояд қайд намоем, ки қонунҳо сармоягузоронро аз тартиби ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ озод накарда, танҳо сабукӣ медиҳад. Дар шароити ҶТ, ки иқтисодиёти он ба низоми хоҷагии бозорӣ ва сиёсати давлатии «дарҳои боз» асос ёфтааст, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ қобили ҷонибдорӣ мебошад ва ба ҳадафу вазифаҳои стратегияи миллии рушд мувофиқат менамояд.

Бо назардошти таъмини рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ, тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, “...МОИ воситаи муҳими ҷалби инвеститсияҳо ба ҳудудҳои алоҳидаи кишвар ва рушди иқтисодии онҳо мебошад...” [5].

Боиси зикр аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ баҳри рушд додани иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон низ якчанд МОИ ташкил карда шуд, ки

тавсифи умумиаш дар қисмати аввали рисолаи мазкур қайд карда шудааст. Дар ҳақиқат бо ин васила барои густариши равобитҳои ҶТ бо дигар кишварҳо дар самти истеҳсоли молу маҳсулотҳо, рушди соҳибкорӣ боз як заминаи муҳим гузошта шуд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди МОИ марзҳои алоҳида ҷудо карда шуда, имтиёзҳои зарурӣ, низоми махсус коркард ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин ба МОИ бо ҷалби техника ва технологияҳои нав дар соҳаи саноат барои гузаштан ба иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ заминаи мусоид пайдо гардид. Илова бар он ташкил намудани МОИ дар кулли минтақаҳои ҷумҳурӣ, яъне дар Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бевосита барои рушди мутавозинии минтақаҳои мазкур мусоидат менамояд [89].

Оид ба зарурати ҳамкориҳои иқтисодии истеҳсолӣ дар байни кишварҳо дар яке аз баромадҳои худ, яъне дар ҷараёни вохӯрии машваратии панҷуми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр кардаанд: “...Осиёи Марказӣ имрӯз ба яке аз муҳимтарин марказҳои геополитикии ҷаҳони муосир ва пайвандҳои беназири ҷуғрофӣ табдил меёбад ва зарур мешуморем, ки ба ҳукуматҳои кишварҳоямон супориш диҳем, то мутобиқ ба мушаххасоти минтақавӣ ва кишварӣ оид ба рушди муштараки Осиёи Марказӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия намоянд ва онҳоро дар доираи механизмҳои мавҷуда ба шарикони хориҷиамон пешниҳод намоянд. Мо пешниҳод менамоем, ки дар доираи минтақа барномаҳои алоҳидаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ба таври фаъол ҷорӣ намудани технологияҳои нав таҳия шаванд. Мо бояд кӯшиш намоем, ки тарҳҳои калонҳаҷми нақлиётӣ-инфрасохториро мавриди татбиқ қарор диҳем, Барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз рушди ҳамлу нақли

байналмилалии бор мо пешниҳод менамоем, ки консепсияи ҳамгироии марказҳои логистикии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия шавад...” [131].

Оид ба саҳми МОИ дар иқтисодиёти миллӣ дар яке аз сарчашмаҳо чунин оварда шудааст: “...Дар сарчашмаҳои омории Вазорати рушди иқтисод ва савдо қайд карда мешавад, ки солҳои охир истеҳсоли молу маҳсулотҳо дар ҳама субъектҳои МОИ дар ҷумҳурӣ тамоюли рушдро дорад, ки ин ҳодисаи мусбӣ аст. Дар асоси додаҳои ҷадвали дар поён зикргардида оид ба теъдоди корхонаҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳаҷми корҳои сохтмонӣ дар умум, яъне дар 5 МОИ, ки қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, баррасӣ гардидааст...” [133] (ниг. ба ҷадвали 2.1).

Ҷадвали 2.1. - Нақши субъектҳои МОИ (5 МОИ) дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

	с.2018	**с.2019**	**с.2020**	**с.2021**	**с.2022**	**с.2023**	**с.2024**
Теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ (воҳид)	2161	2164	2283	2397	2802	3453	3779
Теъдоди корхонаҳои дар ҳудуди МОИ ҷумҳурӣ ба қайдгирифташуда (воҳид)	71	75	70	80	88	96	107
Ҳиссаи корхонаҳои МОИ нисбат ба умум (%)	3,29	3,47	3,07	3,34	3,14	2,78	2,83
Теъдоди корхонаҳои амалкунанда дар ҳудуди МОИ (воҳид)	23	26	26	29	35	28	33
Ҳиссаи корхонаҳои амалкунандаи МОИ нисбати ҳудуди МОИ ба қайдгирифташуда	32,39	34,67	37,14	36,25	39,77	29,17	30,84

Идомаи ҷадвали 2.1

Ҳаҷми маҳсулоти саноат дар умум (млн. сомонӣ)	25236	28567	31081	37546	41187	44894	53873
Ҳаҷми маҳсулоти саноат дар МОИ (млн. сомонӣ)	139,3	198,49	199,8	366,57	484,92	445,8	525,9
Ҳиссаи маҳсулоти саноат дар МОИ дар умум (%)	0,55	0,69	0,64	0,97	1,17	0,99	0,97

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [24, 25, 116]

Чӣ хеле ки аз ҷадвали болозикр мебинем, дар қаламрави мамлакат теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар соли 2018 дар маҷмуъ 2161 ададро ташкил намуда, ин теъдод соли 2024 ҳамагӣ 3779 воҳидро ташкил дод. Дар ҳудуди 5 адад минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат ин нишондиҳанда дар соли 2018 дар маҷмуъ 71 корхонаи истеҳсолиро ташкил дода, дар соли 2024 бошад, ба 107 адад расонида шудааст. Агар шумораи корхонаҳои дар қаламрави МОИ фаъолияткунандаро нисбат ба ҳиссаи умумии корхонаҳои мавҷуда ҳисоб намоем, пас соли 2018-ум 3,29 % ва соли 2024 бошад, 2,83 %-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2018 камтар мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти саноат дар МОИ дар умум соли 2018 бо фоиз 0,55-ро ташкил дода, соли 2024 ин нишондиҳанда ба 0,97 % баробар шудааст.

Бо вуҷуди ин, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби корхонаҳои МОИ дар ҳамин давра афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2018 истеҳсоли онҳо 0,53% аз ҳаҷми умумии саноатиро ташкил дода бошад, пас то соли 2024 ин рақам ба 0,97% расидааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳарчанд шумораи корхонаҳои МОИ кам шудааст, иқтидори истеҳсолӣ ва саҳми онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Дар ин қарина, баррасӣ намудани нақши субъектҳои МОИ “Суғд” дар рушди иқтисодиёти вилояти Суғд мувофиқи мақсад аст. (ниг. ба ҷадвали 2.2).

Ҷадвали 2.2. - Нақши МОИ “Суғд” дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд

	2019	2020	2021	2022	2023	2024
МММ млн. сомонӣ	20537,1	21621,9	27465,4	31939,2	35177,4	42433.3
Маҳсулоти МОИ “Суғд” млн. сомонӣ	168	170	301,2	412,5	376	441,9
Ҳиссаи МОИ “Суғд” дар МММ (%)	0,82	0,79	1,10	1,29	1,06	1,04
Аҳолии машғул (ҳаз. нафар)	820,1	845	882,8	885,1	888,6	901,8
Шумораи коргарон дар МОИ “Суғд” (нафар)	599	668	774	799	910	930
Ҳиссаи коргарон дар МОИ “Суғд” нисбат ба аҳолии машғул	0,07	0,79	0,084	0,09	0,102	0,103

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [22, 23, 116]

Чӣ тавре ки қайд кардем, дар қаламрави вилояти Суғд танҳо як адад МОИ фаъолият мебарад. Агар фаъолияти онро дар солҳои 2019-2024 муқоиса намоем, ҳиссаи МОИ “Суғд” дар МММ дар соли 2019 ҳамагӣ 0,82%-ро ташкил намуда, соли 2024 ин нишондиҳанда ба 1,04% расидааст. Шумораи коргарон дар МОИ “Суғд” дар соли 2019 ҳамагӣ 599 ададро ташкил дод, ки он дар ҳиссаи умумии аҳолии машғул ҳамагӣ 0,07%-ро ташкил додааст. Ҳамин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 0,102% баробар шуда, шумораи коргарон дар қаламрави МОИ 930 нафарро ташкил дод.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯйи талаботи дигаргуниҳои иқтисодӣ сармоягузории мустақил бояд дар ҳудуди МОИ сатҳи баланд дошта бошад, зеро ҳамчун нуктаи рушд доимо дар таваҷҷуҳи ҳам мақомотҳои давлатии сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам сатҳи минтақавӣ қарор дорад.

Иттилооти оморӣ оид ба ҳаҷми сармоягузорӣ дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2.3 дода шудааст.

Ҷадвали 2.3. - Ҳаҷми сармояи мустақим дар байни субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҷумҳурӣ дар соли 2023

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ	Ҳаҷми сармояи мустақим	
	млн. смн.	Фоиз (%)
МОИ «Суғд»	32,01	11,7
МОИ «Данғара»	41,28	15,0
МОИ «Панҷ»	37,51	13,7
МОИ «Ишкошим»	96,28	35,1
МОИ «Кӯлоб»	67,37	24,5
Ҳамагӣ	274,44	100

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [111]

Механизми асосии такондиҳандаи ҳамаи соҳаҳо бевосита сармоя ба ҳисоб меравад. Соли 2023 ҳаҷми сармояи мустақим дар байни субъектҳои МОИ-ҳои ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ 274,44 млн. сомониро ташкил додааст. Аз ин маблағ ба МОИ “Суғд” дар ҳаҷми 32,01 млн. сомониро ташкил додааст, ки аз ҳаҷми умумӣ 11,7%-ро нишон медиҳад. Ба МОИ “Данғара” бошад, дар соли таҳлилӣ 41,28 млн. сомонӣ сармояи мустақим ворид шуда, 15,0% -ро ташкил дод. Ба МОИ “Панҷ” 37,51 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки 13,7%-ро ташкил медиҳад. Ба МОИ-ҳои “Ишкошим” ва “Кӯлоб” маблағгузорӣ нисбатан бештар шудааст, ки мутаносибан ба 96,28 млн. сомонӣ (35,1%) ва 69,37 млн. сомонӣ (24,5%) баробар аст, он 35,1% ва 24,5%-ро ташкил медиҳад.

Таъсис ва амалкарди МОИ «Суғд», ки дар қаламрави вилояти Суғд қарор дорад, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани МОИ «Панҷи поён» ва «Суғд» (№227 аз 02.05.2008), [8] Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаҳои МОИ «Суғд» ва «Панҷ», бо қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1146 ва №1147 аз 29.10.2008 тасдиқ гардидааст [9].

Шакли МОИ «Суғд» истеҳсолию инноватсионӣ буда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2008, таҳти №227, бо Қарори Раиси вилояти Суғд аз 20 июни соли 2008, №462 ва Қарори Раиси шаҳри Хуҷанд таҳти №225 аз 7 июли соли 2008 тасдиқ гардидааст. Мақоми ваколатдори идоракунандаи МОИ «Суғд», маъмурияти он, ки муассисаи давлатӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. МОИ «Суғд» фаъолияти худро аз моҳи апрели соли 2009 оғоз намудааст. Он дар қисми минтақаи саноатии ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд ҷойгир буда, интихоби макони ҷойгиршавии он истифода аз омилҳои судманд, яъне аз ҷиҳати маҳалли мусоиди ҷойгиршавӣ ва наздикӣ ба роҳҳои нақлиёти минтақавӣ, иншооти муҳандисӣ ва дигар инфрасохтори мавҷуда интихоб карда шудааст.

Чӣ тавре ки маълум аст, маҳалли мусоиди ҷойгиршавӣ яке аз омилҳои асосӣ барои рушди фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Таҷрибаи фаъолият нишон дод, ки МОИ «Суғд» барои корхонаҳое, ки молу маҳсулоташон ба содирот равона мегардад, макони мусоид ба ҳисоб меравад. Шабакаи рушдкардаи нақлиётии шаҳри Хуҷанд барои содирот ва тиҷорат бо кишварҳои хориҷи дуру наздик имкониятҳои васеъ дорад. Шоҳроҳи нави транзитии байналмилалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии МОИ «Суғд» мегузарад. МОИ «Суғд» аз лиҳози зиёд намудани шумораи субъектҳо дар чорабиниҳои ватанӣ ва хориҷӣ (форуми иқтисодӣ) ҷиҳати роҳандозии ҳамкории муфид бо ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ҷамъиятии хориҷи дуру наздик фаъолона иштирок менамояд. Ҳамасола бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба субъектҳои мавҷуда ва довталабоне, ки хоҳиши таъсиси корхона ва ташкилоти худро дар МОИ «Суғд» доранд, аз ҳисоби буҷети давлат ва аз ҳисоби сарчашмаҳои молии худи МОИ маблағҳо барои марҳила ба марҳила сохтани инфрасохтори МОИ ҷудо карда мешаванд. Ширкатҳои азими МОИ «Суғд» дар ҷадвал нишон дода шудаанд, ки асосан аз ҳисоби онҳо воридоти пардохтҳо ба

буҷети давлат ва содироти молу маҳсулот берун аз кишвар ба роҳ монда шудааст (ниг.ба ҷадвали 2.4).

Ҷадвали 2.4. - Ширкатҳои азими МОИ “Суғд” дар соли 2024

Номи ширкат	Самти фаъолият	Содирот (давлат)	Маблағ (ҳаз. сомонӣ)
ҶДММ “Силкоат Бойя”	Истеҳсоли хокаи сохтмони ва рангу бор	Қирғизистон Афғонистон Қазоқистон Русия	16513,6 ҳаз.смн.
ҶДММ “СтартПласт”	Истеҳсоли қубурҳо ва қутии пластикӣ	Қирғизистон	3008,5 ҳаз.смн.
ҶДММ “Реал”	Истеҳсоли ноқили барқӣ	Ӯзбекистон Қирғизистон	7467,7 ҳаз.смн.
ҶДММ “ТоҷПроф”	Истеҳсоли профили алюминӣ	Қирғизистон Афғонистон	303842,2 ҳаз.смн.

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [116]

Аз рӯи додаҳои ҷадвали 2.4 маълум мегардад, ки содироти молу маҳсулот берун аз кишвар аз тарафи ширкатҳои азими МОИ “Суғд” ба роҳ монда шудааст. Соли охир ба маблағи зиёда аз 330832,0 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулот аз тарафи ширкатҳои ҶДММ “Силикоат Бойя”, ҶДММ “Старт Пласт”, ҶДММ “Реал” ва ҶДММ КМ ТТ “Таҷпроф” ба давлатҳои ҳамсоя, аз он ҷумла Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Афғонистон содирот карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки минтақаҳои озод нисбат ба дигар манотиқи кишвар муҳити мусоид ва фасеҳи тиҷоратро барои афзоиши тиҷорат ва воридотивазкунӣ муҳайё мекунанд. Азбаски дар доираи фаъолияти МОИ сухан дар бораи воридотивазкунӣ рафт, бояд қайд намоем, ки нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар бағоят калон аст. Ба ақидаи профессор Т. Р. Ризоқулов: «...Воридотивазкунӣ ҳамчун унсури инъикоскунандаи стратегияи миллии рушди иқтисодие мебошад, ки барои устувор гардонидани истеҳсолоти дохилаи ҳамон маҳсулоте, ки метавонад

маҳсулоти воридотиро бомуваффақият иваз кунад, равона карда мешавад...» [93, с. 45-51].

Дар навбати худ профессор Алиҷонов Ҷ. А. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «...воридотивазкунӣ дар ҳама гуна ҳолат ташкили шароитҳои алоҳидаро пешбинӣ менамояд, ки самаранокии истифодаи ҳамаи иқтидори иқтисодиёти миллиро таъмин карда тавонад...» [76, с. 33-40].

Ҳамин тавр, аҳамияти МОИ дар таъмини пешрафти иқтисодиёт калон дошта, дар навбати худ барои субъектонаш афзалиятҳои зеринро дорад:

1. Озодкунӣ аз пардохтҳои гумрук, андоз аз даромад, андоз аз корхонаҳо ва андозҳо аз амалиёти бонкӣ;

2. Озодии тиҷорати хориҷӣ, канорагирӣ аз маҳдудиятҳои қонунӣ;

3. Ихроҷи маҳдудиятҳо барои воридоти сармояи хориҷӣ ба МОИ;

4. Инфрасохтори рушдёфта ва шароити корӣ.

Тамоми ширкатҳо аз ҳама ҳуқуқҳо бе ягон шарти пешакӣ баробар истифода мебаранд.

Чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, МОИ “Суғд” дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ҷойгир буда, масоҳати он 320 гектарро ташкил медиҳад. Айни ҳол дар МОИ “Суғд” 41 субъект ба қайд гирифта шуда, 21 адади онҳо бо фаъолияти истеҳсолӣ, сохтмонӣ ва хизматрасонӣ машғул мебошанд.

Маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар соли 2024 ба 442,0 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 125,2 фоиз ё 89,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Инчунин ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонӣ дар ин давраи ҳисоботӣ ба 4,4 млн.сомонӣ расонида шуд.

Бояд қайд кард, ки бозори фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамудаи субъектҳои МОИ “Суғд” ба ғайр аз худи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар

кишварҳо, аз қабили Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Ироқ, Озорбойҷон, Олмон, Туркия, Афғонистон, Русия ва Беларуссияро дар бар мегирад.

Ҳаҷми маҳсулоти содиротии субъектҳо дар давраи ҳисоботӣ 141,5 млн. сомонро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 105,0 фоиз ё 6,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2024 ҳаҷми сармоягузории мустақим 47,3 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (32,0 млн. сомонӣ) 147,8 % ё 15,3 млн. сомонӣ зиёд гардида, аз оғози фаъолияти МОИ “Суғд” ба 218,3 млн. сомонӣ баробар гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин давра сармоягузорӣ асосан аз ҷониби 11 корхона, аз ҷумла ҶДММ “Стар Пласт”, ҶДММ КМ ТТ “Таҷпроф”, ҶДММ КМ ТТ “Афранг Пластик” ҶДММ КМ ТТ “Арча Мебел”, ҶДММ “Донаи Алмос”, ҶДММ “Идораи сохтмонии 1”, ҶДММ “Зарфишон”, ҶДММ “Тоҷикполиэтилен”, ҶДММ “Сайр Суғд” , ҶДММ “Тоҷпанел” ва ҶДММ “КМ Ривер Суғд Фарм” таъмин гардид.

Шумораи умумии ҷойҳои корӣ дар МОИ «Суғд» 930 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (910 нафар) ба 20 ҷойи кории нав ё 102,2 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2024 аз ҷониби субъектҳои МОИ “Суғд” ба буҷети давлат 8,2 млн. сомонӣ аз ҳисоби пардохти андозҳои дахлдор (андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ) ворид шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 134,4 фоиз ё 2,1 млн. сомонӣ зиёд гардид.

Ҳаҷми пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби субъектҳои МОИ “Суғд” ба 42,3 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 118,5 фоиз ё 6,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад. [134]

Дар соли 2024 ҷиҳати таъмини иҷрои фаъолияти минтақа бо якчанд сармоягузорони ватанию хориҷӣ ва корпуси дипломатӣ вохӯрӣ ва

гуфтушунидҳои маҷозӣ, инчунин сафарҳои хизматӣ аз ҷониби роҳбарияти маъмурият баргузор гардид. Чуноне ки қайд мегардад, "...Сармоягузорӣ ин даст кашидан аз истеъмолоти ҷорӣ бо мақсади дар оянда истеъмол намудан мебошад. Ҳамзамон мо дар ҳолати хуб аз нуктаи назари қонеъ гардонидани талаботҳои оянда ба он соҳиб мегардем..." [42, С. 76]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки сармоягузорӣ яке аз равишҳои муҳимтарини ба даст овардани амният ва фаровонии зиндагӣ дар оянда мебошад. Ин далели он аст, ки инсон имрӯз барои фардо фикр мекунад ва қадамҳои андешидашударо мегузорад ва ин аз тарафи маъмурияти МОИ "Суғд" хуб дарк мешавад. Алҳол зиёдшавии субъектони нав ба мушоҳида мерасад. Чунончӣ, дар МОИ "Суғд" дар соли 2024 ҳафт адад субъекти нав ва як адад маркази логистикиро бақайд гирифта шуданд, аз ҷумла:

Санаи 5 феврали соли 2024, субъекти нав ҶДММ "Тоҷпанел", ки самти фаъолияташ истеҳсоли ҳаргуна масолеҳи бинокорӣ (панел) мебошад, ба қайд гирифт. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо маблағгузории 500 000 доллари ИМА таъсис дода шуда, ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани он зиёда аз 20 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешавад, айни замон корҳои сохтмонӣ оғоз шудааст.

Инчунин санаи 5 майи соли 2024 боз як субъекти нав ҶДММ "Сомонӣ Шаҳрсоз", ки самти фаъолияташ истеҳсоли ҳаргуна таҷҳизоти нақлиёт (батареяҳои офтобӣ ва автомобилӣ) ва пешниҳоди ҳаргуна намудҳои хизматрасонӣ нигаронида шудааст, ба қайд гирифта шуд. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо маблағгузории 500 000 доллари ИМА таъсис дода шуда, ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани он зиёда аз 50 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешаванд.

Ҳамзамон санаи 28 майи соли 2024 МОИ "Суғд" субъекти нав ҶДММ "Корхонаи муштараки Ривер Суғд Фарм", ки бо истеҳсол ва фурӯши

моддаҳои фарматсевтӣ (дорусозӣ) машғул мешавад, ба қайд гирифт. Бояд қайд намуд, ки лоиҳаи сармоягузории корхонаи мазкур зиёда аз 3 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуда, аз ҳисоби сармоягузорони Ҷумҳурии Ӯзбекистон 71,4% ва аз ҳисоби сармоягузорони ватанӣ 28,6% ҳиссаро ташкил медиҳад. Ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани корхонаи мазкур зиёда аз 100 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешаванд. Иқтидори корхонаи нави истеҳсолӣ тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида 15 000 000 адад маҳлули доруворӣ дар як сол мебошад.

Инчунин МОИ “Суғд” санаи 2 сентябри 2024 сол боз як субъекти нав бо номи ҶДММ “Саманди Суғд”, ки самти фаъолияташ ба истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ, монтажи қисмҳои эҳтиётӣ (сборка) ва таҷҳизотҳои агротехникӣ нигаронида шудааст, ба қайд гирифт. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкори Ҷумҳурии Халқии Хитой бо маблағгузории 500 000 доллари ИМА таъсис дода шуда, ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани он зиёда аз 24 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешаванд.

Ҳамзамон санаи 5 ноябри соли 2024 боз як субъекти нав ҶДММ “Полинур” самти фаъолияташ ба истеҳсоли маснуоти пластмассӣ барои бастубандӣ инчунин, истеҳсоли коғаз ва маснуот аз коғаз нигаронида шудааст, ба қайд гирифт. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо маблағгузории 500 000 доллари ИМА таъсис дода шуда, ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани он зиёда аз 20 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешаванд.

Санаи 27 ноябри соли 2024 боз як субъекти нав ҶДММ “Бунёди Суғд”-ро ки самтаи фаъолияташ бо савдои яклухти ҳаргуна молҳои маишӣ ва хизматрасонии воситаҳои нақлиёти сохтмонӣ нигаронида шудааст, ба қайд гирифт. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо маблағгузории зиёда аз 112 000 доллари ИМА таъсис дода

шуда, ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани он зиёда аз 15 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешавад.

Инчунин санаи 31 декабри соли 2024 боз як субъекти нав ҶДММ “Санг Оро”-ро ки самтаи фаъолияташ бо коркарди сангҳои кӯҳӣ нигаронида шудааст, ба қайд гирифт. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо маблағгузории зиёда аз 300 000 доллари ИМА таъсис дода шуда, ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани он зиёда аз 10 нафар сокинони маҳалии вилояти Суғд бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешаванд.

Густариши фаъолияти МОИ ва сармоягузорон ҳамаҷониба аз тарафи мақомоти давлатӣ дастгирӣ меёбад ва ҳамзамон имтиёзҳову сабукиҳо фароҳам мегарданд. Чӣ тавре ки олими ватанӣ Гулов Б.М. оиди дастгирии давлатии фаъолияти МОИ дар Тоҷикистон қайд менамояд: “...Бояд ёдовар шуд, ки аз тарафи ҳукумат ҷиҳати ҳавасманду дастгирии сармоягузорон ва барои фаъолияти соҳибкориву истеҳсолӣ шароити имтиёзноки андозиву гумрукӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда, аз ҳама гуна фаъолияти соҳибкориву сармоягузорие, ки дар МОИ ба роҳ монда шудааст, танҳо ду намуди андоз - андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ ситонида мешавад, ки ба ғайр аз ин ворид намудани таҷҳизотҳои истеҳсолӣ низ аз боҷи гумрукӣ озод аст...”. [138]

Умуман, дар масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ бо тарзи доимӣ аз ҷониби давлат коркарди ҳавасмандиҳо хеле муҳим аст. Ин ҳавасмандиҳо хеле гуногунанд. Масалан, имтиёзи гумрукӣ, андозӣ, қарзӣ, дастгирии маъмурии фаъолият ва ғайра. Дар ин ҷода ташкили МОИ бошад, ки он низоми махсус мебошад, боз ҳам яке аз фишангҳои асосии дастгирии давлатии сармоягузорӣ мебошад.

Бо содагардонии низоми андоз ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ барои соҳибкорон, имконият фароҳам меояд, ки муҳити сармоягузорӣ ҷолиб гардад ва истеҳсолоти нав ба роҳ монда шавад. Масалан, аз

фаъолият дар МОИ танҳо ду намуди андоз ситонида мешавад, ки як навъи дастгирии амалӣ ба ҳисоб рафта, барои ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ғайр аз он, озод будани воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ аз боҷи гумрукӣ ба рушди соҳаҳои коркард ва саноат мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, чунин иқдомҳо на танҳо ба рушди иқтисоди миллӣ кӯмак мерасонанд, балки муҳити мусоиди соҳибкорӣ ба вуҷуд оварда, барои ташаккули ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши маҳсулоти дохилӣ замина мегузоранд. Аз ин рӯ, ин гуна дастгириҳои давлатӣ на як амали муваққатӣ, балки як воситаи муҳим барои рушди устувори иқтисод ва ҷалби сармоя мебошанд.

Воридоти пардохтҳо аз ҷониби МОИ «Суғд» ба буҷети давлат дар солҳои 2015-2024 чунин аст: (ниг. ба ҷадвали 2.5)

Ҷадвали 2.5. - Воридоти пардохтҳо аз ҷониби МОИ «Суғд» ба буҷети давлат дар солҳои 2015-2024

(ҳаз.смн.)

Намуди андозҳо	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2024 нисбат 2015**
Пардохтҳои (андози иҷтимоӣ ва даромадҳо)	1567,8	4428,8	5291,8	4954,3	6130	8200	5,2 маро-тиба
Пардохтҳои боҷҳои гумрукӣ ва андози ААИ	8249,7	21011,3	31844,4	33592,1	35700	42300	5,1 маро-тиба

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [111, 116]

Таҳлил нишон дод, ки воридоти пардохти МОИ «Суғд» ба буҷети давлат, аз ҷумла, аз андози иҷтимоӣ ва даромадҳо соли 2024 ба 8200 ҳаз. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2015 мутаносибан 5,2 маротиба ва пардохтҳои боҷҳои гумрукӣ ва андози ААИ соли 2024 ба 42300 баробар

гардида, нисбат ба соли 2015 ба миқдори 5,1 маротиба зиёд шудааст. Хуб мешуд, воридоти пардохтҳо аз ҷониби МОИ кишвар баррасӣ карда шавад ва он маблағҳо барои таъмини рушди индустриалию инноватсионии МОИ равона гарданд.

Бояд қайд намуд, ки илова ба макони судманди ҷуғрофии ҷойгиршавӣ, омили дигари сармояҷалбкунанда имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ мебошад, ки аз онҳо субъектҳои МОИ фароғ истифода мебаранд. Дар ҳудуди МОИ «Суғд» фаъолияти соҳибкории субъектҳои МОИ, новобаста аз шакли моликияташон, аз пардохти ҳашт намуди андозҳои асосӣ, ки бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, озод карда шудаанд: танҳо ду намуди андозе, ки дар МОИ «Суғд» пардохт карда мешаванд – андози иҷтимоӣ (25% аз фонди музди меҳнат) ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ (аз 8% то 13%) барои кормандони субъектҳои МОИ «Суғд» таъйин гардидаанд. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодӣ» №700, аз 25 марти соли 2011 [8] ва Низомномаи МОИ «Суғд» [16], ҳудуди он қисми қаламрави гумрукии ҶТ ҳисобида мешавад. Тибқи Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои субъектҳои МОИ хеле имтиёзҳои зиёд пешбинӣ карда шудааст. Яке аз онҳо озод намудан аз пардохти боҷи гумрукӣ дар ҷараёни ворид намудани:

- техника ва технологияҳое, ки барои талаботи МОИ заруранд;

- масолеҳи сохтмон ва дигар таҷҳизоте, ки дар ҳудуди МОИ зарурати истифодабарӣ дорад;

- техника, технологияҳо ва дигар таҷҳизоте, ки барои сохтани инфрасохтори МОИ заруранд.

Дар навбати худ дар ҷараёни содироти мол ва маҳсулоте, ки аз ҳудуди МОИ ба берун аз Тоҷикистон пешкаш карда мешавад, пардохти андозу боҷҳои гумрукӣ манъ карда шудааст. Вале боиси қайд аст, ки пардохтҳои барасмиятдарорӣ ситонида мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои дар боло зикргардида низоми минтақаи озоди гумрукии дар МОИ «Суғд» ҷоришуда имкон медиҳад, ки ҳама намуди ашёи хом, таҷҳизоту техника ва молу маҳсулоти зарурӣ бе пардохти боҷи гумрукӣ ва андози арзиши иловашуда (ААИ) ворид карда шаванд. Дидбонгоҳи гумрукии дар ҳудуди МОИ мавҷудбуда имконияти сарфа кардани вақти барасмиятдарории гумрукиро фароҳам меоварад. Яке аз имкониятҳои пешбарандаи фаъолияти субъектҳо чунин мебошад, ки субъектҳои МОИ ҳуқуқи даъват намудани қувваи кориро аз хориҷа ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва техникӣ доранд, лекин шумораи кормандон - шаҳрвандони хориҷӣ на бояд зиёда аз 20 фоиз аз шумораи умумии кормандон бошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар ҳудуди МОИ «Суғд» низоми соддаи дохилшавӣ ва хориҷшавии шаҳрвандони хориҷии аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии МОИ дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида амал мекунад, ки инҳоро дарбар мегирад: кам кардани 50 фоизи маблағи пардохтҳои консулӣ; кам кардани муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳо барои додани раводидҳои дохилшавӣ ва хориҷшавӣ; додани раводидҳои дохилшавӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ дар баробари ташрифи онҳо ба МОИ «Суғд»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон [8].

Барои муайян кардани мавқеи МОИ “Суғд” дар байни дигар минтақаҳо фаъолияти онҳоро дида мебароем. Нишондодҳои умумӣ оид ба фаъолияти МОИ дар қаламрави кишвар дар ҷадвали 2.6 гирд оварда шудааст.

Ҷадвали 2.6. - Фаъолияти субъектони МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024

Номгӯи МОИ	Шумораи субъектҳо	
	воҳид	бо %
МОИ “Данғара”	36	33,6
МОИ “Суғд”	41	38,3
МОИ “Панҷ”	17	15,8

Идомаи ҷадвали 2.6

МОИ “Ишкошим”	4	3,7
МОИ ”Кӯлоб”	9	8,4
Ҳамагӣ:	**107**	**100**

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [111, 116]

Тавре ки аз додаҳои ҷадвал дида мешавад, дар маҷмуъ дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ соли 2024 зиёда аз 107 адад ширкати ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҷумла, МОИ «Суғд» бо 41 субъект дар ҷойи аввал қарор дошта, пас аз он МОИ «Данғара» бо 36 ширкат, МОИ «Панҷ» бо 17, МОИ «Кулоб» бо 9 ва МОИ «Ишкошим» бо 4 ширкат фаъолият менамоянд.

Ҳамин тариқ, чуноне ки олимон ишора мекунанд: “...Бидуни ташкили МОИ дар минтақаҳо ҳудудҳои махсус низ мавҷуданд, ки дар рушди саноатикунонии иқтисодиёти вилоят, шаҳру ноҳияҳо мақоми хоса доранд. Таҳлили таърихи шаклгирии саноат дар ҶТ имкон медиҳад натиҷагирӣ шавад, ки ҷумҳурӣ роҳи классикии саноатикуниро тай накардааст. Пешрафти саноат ҳам дар ҶТ ва ҳам дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна, бештар, назаррас буд, аммо рушди босуръат дар кишоварзӣ унсури калидии ин пешрафтро ташкил медод...”. [85, с. 184-191]

Хулоса, дар фаъолияти МОИ «Суғд» як қатор равандҳои мусбӣ ба мушоҳида мерасанд. Шумораи корхонаҳои истеҳсолии фаъол зиёд гардида, ҳаҷми содироти маҳсулот ба бозорҳои хориҷӣ мунтазам меафзояд. Ҳамзамон, ҷалби сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта суръати устувор касб кардааст. Илова бар ин, зиёд шудани теъдоди ҷойҳои корӣ доимӣ нишонаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад.

Дар қатори ин пешравиҳои инчунин мушкилот низ дида мешавад: инфрасохтори нокифоя, мушкилоти дастгирии молиявӣ, набудани мутахассисони баландихтисос, таъмин набудани технологияҳои ҳозиразамон ва инчунин нокифоягии маълумотҳо ва дастгирии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкориро душвор мегардонад. Бо вуҷуди ҷой доштани

мушкилот МОИ “Суғд” дорои имкониятҳо барои рушди иқтисоди минтақавӣ мебошад, ки дастгирии давлатӣ метавонад ба беҳбудии рушди устувори он оварда расонад.

2.2. Минтақаҳои иқтисодӣ дар татбиқи стратегияи саноатикунонӣ дар вилояти Суғд

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар такмили муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди кишварҳои ҷаҳон нақши намоёнро соҳиб гардида истодаанд. Ҳама мамолики ҷаҳон барои иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат роҳҳои ғайрианъанавии иштироки худро пешкаш намуда, модели нави тараққиёти иқтисоди миллиро, ки ба бозори хориҷӣ нигаронида шудааст, интихоб менамояд. Дар инкишофи иқтисодии давлатҳо махсусгардонии содиротӣ яке аз тадбирҳои стратегияи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифода меёбад.

Ҳоло ин гуна минтақаҳо дар шумораи зиёди кишварҳои ҷаҳон амал намуда, ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии онҳо таъсири назаррас мерасонад. Ҳадафи асосии ташкили онҳо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, инкишофи содирот, афзоиши воридшавии даромади асъорӣ, ба даст овардани таҷриба ва технологияи навин, беҳсозии тавозуни пардохти мамлакат ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани инкишофи иқтисоди миллӣ ва воридшавӣ ба хоҷагии ҷаҳон мебошад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ бо мақсади таъмини шароити мусоид бо суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои мақсади ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси воридоти технологияи инноватсионӣ, афзоиши содироти маҳсулоти ватанӣ ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил карда мешаванд.

Дар қаламрави ҶТ санадҳо ҳуқуқии маъмурии зарурӣ барои ташаккул додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ пас аз солҳои 2000-уи

инҷониб гуфтан мумкин аст, ки тибқи талаботҳои муосири ҷаҳонӣ ташкил карда шудааст, ки барои инкишофи муносибатҳои минтақавии кишвар мусоидат менамояд. Асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилию иқтисодии таъсис, фаъолият ва барҳамдиҳии МОИ дар қаламрави Тоҷикистон замина гузошта, масъалаҳои маблағгузорӣ ва фаъолияти соҳибкориро дар МОИ ба танзим медарорад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифодакунандаи инкишофи робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо буда, ба макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ табдил ёфтаанд. Минтақа чун қисми алоҳидаи ҷудокардашудаи қаламрави давлат нисбат ба қаламрави боқимонда аз баъзе имтиёзот бархурдор мешавад, молҳои ба он воридшаванда аз боҷи гумрукӣ, андозҳо аз баъзе намудҳои назорати гумрукӣ озод карда мешавад. Дар қаламрави боқимондаи мамлакат нисбат ба молҳои воридотӣ аз рӯи қонунгузории амалкунанда низоми дигари гумрукию андозӣ ҷорӣ мешавад. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки қонунгузорӣ дар минтақаи озод сармоягузорон ва соҳибони молҳоро аз ҳама гуна уҳдадориҳо ва тартиби иқтисодӣ озод намекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар садаи XXI яке аз тадбирҳои асосии барқарор намудани иқтисодиёт таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз роҳҳои баромад ва барқарор намудани иқтисодиётро пеш гирифт. Дар солҳои камбизоативу сатҳи пасти зиндагӣ, барқарории сулҳу амнияти миллӣ ва дигар паси сар гашта, имрӯз даврае он расидааст, ки бояд аз мустақилияту ягонагии давлат истифода кард. Дар навбати дигар, Тоҷикистон баъди ин ҳама пурталобиҳо дар ташаккул ва азнавбарқарор намудани соҳаҳои зарурӣ (саноат, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт), пайдо шудани ҳамкориву робитаҳо бо мамлакатҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои хориҷа пайваста густариши ёфтани онҳо ва дар маҷмуъ дар миқёси ҷаҳон мавқеи худро пайдо намудааст. Дар навбати

худ, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъият як қатор қонуну қарорҳои дахлдор оид ба пешрафти иқтисодиёт ва соҳаи саноати мамлакат қабул гардида, барномаҳои соҳавӣ ва муҳайё намудани имтиёзҳои мухталиф ба чашм мерасанд.

Ташаккули минтақаҳои иқтисодии гуногун дар амалӣ гардонидани мақсадҳои мушаххаси рушд, алалхусус ҳадафҳои саноатикунонӣ, гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ, рақамикунонии ҷомеа саҳми назаррас дорад. Фаъолияти минтақаҳои иқтисодӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи давлатӣ хеле бузург аст. Вале илова бар он барои афзоиш додани иқтидори истеҳсоли минтақа мусоидат менамояд, ки онро дар илми иқтисодӣ бо гурӯҳбандӣ намудани имкониятҳо алоҳида нишон медиҳанд. Мундариҷаи 3 гурӯҳи мазкури имкониятҳо аз зеринҳо иборат аст:

1) имкониятҳо дар самти афзоиш додани захираҳои молиявӣ пайдо мегардад;

2) бо тавассути ҷалби техникаву технологияҳои нав рақобатпазирии корхонаҳо таъмин гардида, имкониятҳо барои ноил шудан ба амнияти иқтисодӣ, ҷавобгӯ будан ба таҳдидҳои беруна афзоиш меёбад;

3) бо мустаҳкам намудани иқтидорҳои иқтисодӣ имкониятҳои густариш додани робитаҳои байналмилалии корхонаҳо, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, ҳамгироӣ бо институтҳои байналмилалӣ афзоиш меёбад. [96, с. 76].

Аксарияти давлатҳои мустақил, ки дар фазои собиқ ИШ ташкил ёфтаанд, ба маҷмуи томи муаммоҳои сатҳи мураккабии баланди иҷтимоию иқтисодӣ дучор шуданд. Ба роҳи тараққиёти иқтисодиёти навоварона гузаштани давлатҳои шуравӣ онҳоро ба зарурати дарёфт кардан ва истифода бурдани тамоми механизмҳои ҳалли ин проблема гузоштааст. Яке аз механизмҳои тараққиёти босуръат дар ҷаҳон ташаккули МОИ мебошад, ки васеъ паҳн шудааст. МОИ дар амалияи иқтисодии ҷаҳонӣ устувор гардида, дар кишварҳои гуногун намояндагӣ

доранд. Самаранокии минтақаҳои иқтисодиро параметрҳои даромади буҷет, ҳаҷми сармоягузории дохилию хориҷӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ собит месозад.

Дар амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегии “саноатикунонии босуръат” дар ҳудудҳои маъмурии алоҳидаи ҷумҳурӣ тавассути ташаккули МОИ иқтисодиёт боз ҳам сифати нав гирифтааст. Ҳам дар минтақаи Хатлон, ҳам дар Суғд ва ҳам дар ВМКБ бо ташаккули МОИ имконияти ҷалби сармояи хориҷӣ ба миён омад ва бо ин васила теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар ин минтақаҳо боз ҳам афзоиш ёфта истодааст. Аз ҳама муҳим, нақши онҳо дар истеҳсоли молҳои тайёри саноатӣ калон мебошад. Имрӯз метавонем гӯем, ки маҳсулоти саноатие, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории МОИ дар ҳамаи ҳудудҳои маъмурӣ истеҳсол мешаванд, барои қонеъ намудани бозори дохилӣ бо молҳои саноатӣ мусоидат намуда истодааст. Дар натиҷаи фаъолияти МОИ дар қаламрави ҷумҳурӣ суръати рушди иқтисодиёт, афзоиши ҷойҳои корӣ, ҷалби техника ва технологияҳои нав ба амал татбиқ шуда истодааст.

Яке аз олимони рус оид ба таъсири МОИ ба ҷараёни саноатикунонӣ, иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида чунин ибрози ақида намудааст: “...Дар марҳилаи муосири рушд дар самти саноатикунонӣ фаъолияти МОИ бо назардошти шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ аҳамияти хоса дорад. МОИ дар зиёда аз 120 давлати дунё мавҷуданд, ки афзоиши содирот ва шуғли аҳолиро дар ин кишварҳо ҳавасманд мекунанд. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа то соли 2025 МОИ аз 30 то 40% савдои ҷаҳонро ташкил дода, нақши онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста меафзояд, рушди устувори мавҷудияти захираҳои сармоягузориро пешбинӣ намуда, такрористеҳсолкуниро таъмин мекунанд...” [70, с. 76-81]. Ин нуктаи назар ифодагари нақши бисёрҷанбаи МОИ дар иқтисодиёт мебошад.

Дар илми иқтисодӣ қайд мегардад, ки субъектҳои хоҷагидории дар ҳудуди МОИ фаъолияткунанда нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки берунанд, бартариятҳои рақобатии муайяни худро доранд. Ба ин гуна бартариятҳо зеринҳоро ворид намудан мумкин аст:

- самараи синергетикии ҳамгироии иқтисодии сармояи хориҷӣ ва сармояи ватанӣ;

- фаъолияти иқтисодии субъектҳое, ки дорои имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар дастгириҳои давлатиро дорад;

- мавҷуд будани низоми логистикии муносиб барои ташаккули ҷараёни истеҳсолот ва пешниҳоди молу маҳсулот;

- имконияти истифодабарии захираҳои иқтисодии наздисарҳадӣ;

- амалӣ намудани ҷараёни истеҳсолот бо такя ба техника ва технологияҳои пешқадами муосир.

Дар натиҷаи дастрасии чунин афзалиятҳои рақобатӣ субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд рақобатпазирии худро густариш диҳанд. Аз ҳама муҳим, бо тавассути истифодабарии равияи кластерикунонӣ барои ҷараёни истеҳсолотро дар МОИ боз ҳам самаранок намудан имкониятҳои иловагӣ пайдо мегардад.

Дар вақти барпо намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ мамлакат, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ фоида мебинад, ки таъсири ин минтақа на танҳо ба вазъияти иқтисодиёти вилоят, балки ба тамоми хоҷагии халқ низ фоида меорад. Истифодаи механизмҳои иқтисодии МОИ ба мо имкон медиҳад, ки ба сифати нави равандҳои иқтисодӣ ноил гардем, ҳалли вазифаҳои муҳими давлатии зеринро таъмин намоем: ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ; густариши савдои хориҷӣ; ҳавасмандгардонии воридоти сармояи хориҷӣ; густариши мубодилаи донишҳои илмӣ ва технология; суръатбахшии рушди инфрасохтори иқтисоди инноватсионӣ.

Ташаккул ва рушди МОИ дар воқеъ барои фаъолияти доираи иштирокчиёни иқтисодӣ самарабахш мебошад. Чӣ тавре ки қайд

мегардад: “...Мақсади умумии сиёсати «минтақабандӣ», яъне рушди минтақаҳои озоди умумии сиёсати «минтақабандӣ», яъне рушди МОИ аз он иборат аст, ки шароити муътадил ва мусоид барои фаъолияти самарабахши иқтисодии дохилӣ ва хориҷии тарафҳои манфиатдор дар минтақа бо назардошти омили иҷтимоӣ дида мешавад...” [94, с. 87-88]

Доираи иштирокчиёни иқтисодӣ - субъектҳои хоҷагидории минтақа ҳамаи онҳоро дар бар мегирад, ки эҳтимолан дар вазъияти имрӯзаи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат тасаввур карда мешаванд. Инҳо ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ, корхонаю муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, миёнаравӣ, бонкӣ, суғурта ва дигар корхонаю ташкилотҳое мебошанд, ки аз ҷониби мақомотҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар соҳаҳо иҷозат дода шудаанд. Ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дар МОИ, пеш аз ҳама, ба дӯши мақомоти давлатӣ вогузор шудааст. Давлат бо ин сифат метавонад корхонаю ташкилотҳои худ ё бо роҳи ба муносибатҳои ҳиссагузорӣ дохил шудан, бо дигар шарикон корхонаю ташкилотҳои якҷояи истеҳсолии молиявӣ, тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳоро ташкил кунад. Сухан дар бораи шарикии давлат бо бахши хусусӣ меравад. Дар ин бобат яке аз олимони ватанӣ барҳақ қайд менамояд: “...Модернизатсияи хоҷагии халқ дар заминаи саноатӣ маънои навсозӣ, рафъи ақибмонӣ, расидан ба сатҳи муосири рушди иқтисодӣ дошта, дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта қобили муқоиса ва пайвастани саъю кӯшиши иқтисодии давлат ва соҳибкорӣ мебошад. Тавре таҷрибаи пешқадам нишон медиҳад, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи истеҳсолот ба ҷалби сармояи хусусӣ ба лоиҳаҳои таҷдиди инноватсионӣ ва технологии иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, дар саноати ватанӣ нигаронида шудааст...” [98, с. 63]. Дар ҳақиқат сиёсати оқилонаи давлат дар самти шарикӣ бо бахши хусусӣ метавонад самараҳои хубро ба бор орад, аз ҷумла дар ташаккули минтақаҳои иқтисодӣ.

Бо дастгирии давлат имрӯз дар қаламрави ҶТ ҳамаи минтақаҳои иқтисодӣ инкишоф меёбанд. Дар ин асно дар ҷадвали 2.7 фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишварро аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо ба таври муқоисавӣ инъикос намудем.

Ҷадвали 2.7. - Муқоисаи фаъолияти субъектони МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 то моҳҳои январ-апрели соли 2024

	с.2018	**с.2019**	**с.2020**	**с.2021**	**с. 2022**	**с. 2023**	**с. 2024**
Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»							
Масоҳати умумӣ (га)	320,0	320,0	320,0	320,0	320,0	320,0	320,0
Шумораи корхонаҳои ба қайдгирифташуда (адад)	24	29	29	30	30	35	41
аз он амалкунанда (адад)	13	15	15	16	16	17	21
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)	113340,2	163260,8	165266,8	295409,1	408464,6	352889,7	441979,9
Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ (ҳаз. сомонӣ)	477,4	299,6	681,4	1837,7	2790,7	986,8	1182,3
Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ (ҳаз. сомонӣ)	2266,4	3986,8	3932,0	3908,1	1228,0	2328,8	3210,4
Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»							
Масоҳати умумӣ (га)	521,3	521,3	521,3	521,3	521,3	541,3	541,3
Шумораи корхонаҳои ба қайдгирифташуда (адад)	27	25	25	32	35	34	36
аз он амалкунанда (адад)	7	8	9	9	11	8	10
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)	25719,0	34339,3	34483,7	71153,6	71742,8	61735,0	57512,9
Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ (ҳаз. сомонӣ)	30588,3	171387,0	17080,3	26989,7	19520,5	14225,0	-
Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ (ҳаз. сомонӣ)	-	-	-	-	-	-	1630,0

Идомаи ҷадвали 2.7.

Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»							
Масоҳати умумӣ (га)	401,6	401,6	401,6	401,6	401,6	401,6	401,6
Шумораи корхонаҳои ба қайдгирифташуда (адад)	17	16	11	11	12	14	17
аз он амалкунанда (адад)	3	3	2	3	3	2	1
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)	239,0	886,7	48,0	-	4679,7	30836,5	26261,2
Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ (ҳаз. сомонӣ)	1114,3	705.4	-	2620,0	1500,0	1500,0	2500,0
Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ (ҳаз. сомонӣ)		-	-	-	-	-	-
Минтақаи озоди иқтисодии «Кулоб»							
Масоҳати умумӣ (га)	-	-	-	309,0	309,0	309,0	309,0
Шумораи корхонаҳои ба қайдгирифташуда (адад)	-	-	-	2	6	8	9
аз он амалкунанда (адад)	-	-	-	-	1	1	1
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)	-	-	-	-	29,5	335,0	201,6
Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ (ҳаз. сомонӣ)	-	-	1550,0	5450,0	12460,0	14000,0	13544,0
Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим»							
Масоҳати умумӣ (га)	200,0	200,0	200,0	200,0	200,0	200,0	200
Шумораи корхонаҳои ба қайдгирифташуда (адад)	3	5	5	5	5	5	4
аз он амалкунанда (адад)	-	-	-	-		-	-
Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ (ҳаз. сомонӣ)	-	-	-	1150,0	1441,0	1400	-
Дар маҷмуъ, дар ҳамаи МОИ							
Масоҳати умумӣ (га)	1442,9	1442,9	1442,9	1751,9	1751,9	1751,9	1751,9

Идомаи ҷадвали 2.7.

Шумораи корхонаҳои ба қайдгирифташуда (адад)	71	75	70	80	88	96	107
аз он амалкунанда (адад)	23	26	26	29	35	28	33
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)	139298,2	198486,8	199798,5	366563,0	484917,0	445796,2	525955,6
Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ (ҳаз. сомонӣ)	32180,0	172392,0	17761,7	38047,4	37712,2	32111,8	17226,3
Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ (ҳаз. сомонӣ)	2266,4	3986,8	3932,0	3908,1	1228,0	2328,8	4840,4

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [111]

Дар ҷадвали болоӣ муқоисаи субъектони МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мо дар соли 2024 аз рӯи меъёрҳои масоҳати умумӣ, шумораи корхонаҳои бақайдгирифташуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат, ҳаҷми корҳои сохтмон ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ гурӯҳбандӣ карда шуданд. МОИ “Суғд” аз рӯйи нишондиҳандаи масоҳат дар ҷойи 3-юм, аз рӯйи нишондиҳандаи шумораи корхонаҳои бақайдгирифташуда дар ҷойи 1-ум, аз рӯйи нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат низ ҷойи аввалро ишғол намудааст, ки дар амалӣ намудани ҳадафи миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар саҳми аввалиндараҷа дорад. Аз рӯйи нишондиҳандаи ҳаҷми корҳои сохтмон дар ҷойи 3-юм қарор дошта, аз рӯйи нишондиҳандаи ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, боз ҷойи 1-умро ишғол намудааст.

Субъектҳои МОИ «Суғд» на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда машғул мебошанд, балки додугирифти тиҷоратиро бо кишварҳои хориҷӣ вусъат медиҳанд. Аллакай содироти молу маҳсулоти дар МОИ истеҳсолшаванда ба давлатҳои Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Туркманистон ба роҳ монда шудааст. Молу маҳсулоти дар МОИ «Суғд» истеҳсолшаванда дорои

сифати баланд буда, ҳангоми баргузории намоишгоҳҳои ватанӣ ва байналмилалӣ онҳо аз ҷониби мутахассисони хориҷӣ баланд баҳогузорӣ мегарданд. Субъектҳои МОИ ба коргоҳҳои истеҳсолии худ таҷҳизоту технологияҳои нави замонавии хориҷиро насб намуда, бо ҳамин васила сифати маҳсулотро беҳтар карда истодаанд. Коркунони субъектҳо бо услубҳои муосири саноатӣ ошно карда шуда, барои таҷрибаомӯзӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ равона карда мешаванд. Маҳз, бо ҳамин мақсад баҳри тайёр намудани мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисодиёту техника, дар ҳудуди МОИ «Суғд» муассисаи таълимии «Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд», ки субъекти МОИ «Суғд» мебошад, таъсис дода шудааст.

Дар МОИ “Суғд” 41 субъект ба қайд гирифта шуда, ки аз онҳо 6 субъекти корхонаҳои муштарак мебошад. Субъектони МОИ “Суғд”–ро дар ҷадвали 2.8 дида мебароем:

Ҷадвали 2.8. – Субъектони амалкунандаи МОИ “Суғд” дар соли 2024

Номгӯи субъектҳо	Арзиши нақшавии умумии лоиҳа (ҳаз. сомонӣ)
ҶДММ КФТ «ДӯстиАмирхон»	4400,0
ҶДММ КМ ТП «Скорут Таҷ»	37892,2
ҶДММ КМ «Силкоат Бойя»	2428,4
ҶДММ КМТТ «Таҷпроф»	11990,4
ҶДММ «Стар-Пласт»	4778,9
ҶДММ «Реал»	2697,6
ҶДММ «Сохтмони идоракунии №1»	2256,9
ҶСП «АДМ ЭЙР»	5742,5
ҶДММ «КристалМозаик»	5673,6
ҶДММ «Зарфишон»	2016,9
ҶДММ «Равзанапластик»	5520,0
ҶДММ КФ «Фортуна Ко»	6201,0
ҶСК «Ариана метал пласт»	17649,6
ҶДММ ШИИ «Сомон Энерҷӣ»	27241,0
СИ Абдуллозода Рустам	2979,5
ҶДММ «Мебел»	13301,2
МТҒ «Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ»	48,0
ҶДММ «Ҷаҳони нав ММ»	3815,7

Идомаи ҷадвали 2.8.

ҶДММ «Точикполиэтилен»	4762,5
ҶДММ КМ ТТ «Арча-мебел»	3150,0
ҶДММ «Азияполитекс»	8824,8
ҶДММ «Оҳанкор»	16961,4
ҶДММ КМ ТТ «Афранг пластик»	5500,0
Филиали Хантана Канада ИНК	4720,0
ҶДММ «ДонаиАлмос»	4845,9
ҶДММ «Сомон Кейс»	4840,0
ҶДММ «Покзарф»	5500,0
ҶДММ «Хучанд пласт»	5659,8
ҶДММ «Суғд битум»	7500,0
ҶДММ «Ситораи Аср»	-
ҶДММ «Суғдтрансхолдинг»	-
ҶДММ «Хишти Сомон»	-
ҶДММ «БИ АРК»	-
ҶДММ «Сайр Суғд»	-
ҶДММ «Тоҷпанел»	-
ҶДММ «Сомонӣ Шаҳрсоз»	-
ҶДММ «Корхонаи Муштараки Ривер Суғд Фарм»	-
ҶДММ «Саманди Суғд»	-
ҶДММ «Полинур»	-
ҶДММ «Бунёди Суғд»	-
ҶДММ «Санг Оро»	-

Манбаъ: таҳияи муаллиф бо истифода аз маводи [116, 136]

Айни ҳол субъектҳои МОИ «Суғд» лоиҳаҳоро бо маблағгузории Лаҳистон, Туркия ва Чин амалӣ карда истодаанд.

Дар минтақаи мазкур аз 41 субъекти бақайдгирифташуда 6 субъект: ҶДММ КМ ТТ «Таҷпроф», ҶДММ КМ ТТ «Силкоат Бойя», ҶДММ КМТП «Скорут Тадж», ҶДММ КМ ТТ «Арча мебел», ҶДММ «Корхонаи Муштараки Ривер Суғд Фарм» ва ҶДММ КМ ТТ «Афранг пластик» дар шакли корхонаҳои муштарак мебошанд.

Тибқи маълумоти дастрасгардида, дар моҳҳои январ-декабри соли 2024 аз субъектҳои бақайдгирифташуда 21 субъект фаъолият доранд, ки аз он 18 субъекти саноати истеҳсолӣ, ки ба маблағи 441979,9 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, 3 субъект корҳои хизматрасонӣ (ниг. ба ҷадвали 2.9) ки ба маблағи 3210,4 ҳазор сомонӣ хизмат расонидаанд, 1

субъект корҳои сохтмонӣ-пудратӣ (ниг. ба ҷадвали 2.10), ки ба маблағи 1182,3 ҳазор сомонӣ кор иҷро кардаанд. Инҷо бояд қайд намуд, ки гардиши мол дар соли 2024 иҷро нашудааст (ниг. ба ҷадвали 2.11).

Ҷадвали 2.9. - Ҳаҷми хизматрасонӣ МОИ "Суғд" дар моҳҳои январ - декабри соли 2024

(ҳаз. сомонӣ)

Номгӯи корхонаҳо	Ҳаҷми хизматрасонӣ, ҳамагӣ		
	2023	2024	бо фоиз нисбати с.2023
Ҳамагӣ	**2328,8**	**3210,4**	**137,9**
аз он ҷумла:			
МТҒ «Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ»,	1678,4	2561,0	152,6
ҶДММ КФ «Дӯсти Амирхон»	600,0	600,0	100,0
МДМ «МОИ вилояти Суғд»	50,4	49,4	98,0

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [116, 136]*

Чӣ хеле ки зикр кардем, МОИ «Суғд» ягона МОИ, ки дорои хизматрасонии пулакӣ мебошад. Хизматрасониҳои пулакии пешниҳоднамудаи МОИ «Суғд» соли 2023 ҳамагӣ 2328,8 ҳаз. сомонӣ, соли 2024 бошад, 3210,4 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 танҳо 37,8% мебошад. Дар умум, дар қаламрави МОИ «Суғд» се ташкилоте, ки бо хизматрасонӣ машғуланд, амал мекунанд: МТҒ «Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ», ҶДММ КФ «Дӯсти Амирхон» ва МДМ «МОИ вилояти Суғд». Ҳаҷми хизматрасонии МТҒ «Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ» дар соли 2023 ҳамагӣ 1678,4 ҳаз. сомонӣ ва дар соли 2024 бошад 2561,0 ҳаз. сомониро ташкил додааст. ҶДММ КФ «Дӯстӣ Амирхон» бошад, дар соли 2023 ҳамагӣ бо маблағи 600,0 ҳаз. сомонӣ ва дар соли 2024 ҳамагӣ 600,0 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. МОИ «Суғд» низ хизматрасониҳои пулакиро пешкаш менамояд, ки он дар соли 2023 ҳамагӣ 50,4 ҳаз. сомонӣ ва дар соли 2024 ҳамагӣ 49,4 ҳаз. сомониро ташкил додааст. Дар ин радиф ҳаҷми корҳои сохтмониро низ дар таркиби хизматрасониҳо дида мебароем. (ниг. ба ҷадвали 2.10)

Ҷадвали 2.10.- Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ дар соли 2024

(ҳазор сомонӣ)

Номгӯи корхонаҳо	Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ, ҳамагӣ		
	2023	2024	бо фоиз нисбати с 2023
Ҳамагӣ	986,6	1182,3	119,8
аз он ҷумла:			
ҶДММ «Сохтмони идоракунии №1»	986,6	1182,3	119,8

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [116, 136]*

Тибқи ҷадвали додашуда маълум мегардад, ки аз тарафи як субъект ҶДММ «Сохтмони идоракунии №1» ба маблағи 1182,3 ҳаз. сомонӣ корҳои сохтмонӣ иҷро гардидаанд. Ҳаҷми корҳои сохтмонӣ дар давоми соли 2024 нисбати соли қаблӣ зиёд шудааст, ки ин ҳам бошад барои пешравии фаъолияти МОИ “Суғд” нақши муҳим дорад. Инчунин гардиши молро низ дар ҷадвали 2.11 дида мебароем:

Ҷадвали 2.11. - Гардиши мол дар МОИ “Суғд” дар соли 2024

(ҳаз. сомонӣ)

Номгӯи корхонаҳо	Гардиши мол, ҳамагӣ	
	2023	2024
Ҳамагӣ	**20201,1**	**-**
аз он ҷумла:		
ҶДММ «Суғдбитум»	20201,1	-

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [116, 136]*

Аз рӯи ҷадвал маълум мегардад, ки нисбат ба соли 2023 гардиши моли аз тарафи ҶДММ «Суғдбитум» соли 2024 умуман иҷро нагардидааст.

Бояд зикр намоем, ки барои беҳтар намудани фаъолияти МОИ як қатор чораҳо андешидан зарур аст, аз ҷумла, тавсеаи имтиёзҳои андоз ва шартҳои имтиёзнок барои ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар минтақа, инкишоф додани инфрасохтор, аз ҷумла системаҳои нақлиёт ва алоқа барои таъмини кори пурсамари корхонаҳо дар минтақа, дастгирии инноватсия ва тадқиқот, масалан, тавассути

грантҳо ва озмунҳои навоварона, барои ҷалби ширкатҳои баландтехнологӣ ва таҳияи технологияҳои нав, тақвияти барномаҳои таълимӣ ва такмили нерӯи корӣ, барои таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва омода кардани мутахассисони зарурӣ барои кор дар минтақа, риояи стандартҳои экологӣ ва татбиқи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза барои беҳтар кардани устувории экологии корхонаҳо дар минтақа, рушди ҳамкории мақомоти роҳбарикунандаи МОИ, доираҳои соҳибкорӣ ва давлат ҷиҳати мубодилаи таҷрибаи пешқадам, мусоидат ба рушди минтақа ва ғайра.

Ҳамчунин, барои беҳтар намудани таъсири омилҳо ба фаъолияти ММИ пешниҳодҳои зеринро баррасӣ кардан мумкин аст:

- баррасии васеъ кардани номгӯи имтиёзҳои андоз барои ширкатҳое, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар минтақа;

- лоиҳаҳои рушди инфрасохтор дар МОИ, аз ҷумла сохтмони роҳҳо, фурудгоҳҳо, роҳи оҳан ва дигар иншоотҳо барои таъмини кори самараноки корхонаҳои минтақа ба нақша гирифта ва амалӣ карда шаванд;

- эҷоди барномаҳои махсус барои дастгирии инноватсия ва тадқиқот дар МОИ, масалан тавассути грантҳо ё ташкили озмунҳои навоварона, ҷалби ширкатҳои баландтехнологӣ ва мусоидат ба рушди технологияҳои нав;

- таҳияи барномаҳо оид ба баланд бардоштани малакаи қувваи корӣ ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва омодасозии мутахассисони барои кору фаъолият дар МОИ зарурбуда;

- андешидани чораҳо оид ба риояи стандартҳои экологӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар фаъолияти

корхонаҳои МОИ бо мақсади баланд бардоштани устувории экологӣ ва мутобиқати онҳо ба талаботи муосир. Рушди шарикӣ байни мақомоти роҳбарикунандаи МОИ, доираҳои соҳибкорӣ ва давлат, инчунин бо дигар минтақаҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади мубодилаи таҷриба ва таҷрибаи пешқадам, мусоидат ба рушди минтақа.

Чӣ тавре ки қайд карда шуд, дар доираи фаъолияти МОИ метавонем бо тарзи устувор ва самаранок шарикии бахши давлатӣ ва хусусиро низ дар амал татбиқ намоем. Бо ҳамин фишанг ҷалби сармояи дохилии ватанӣ дар самти таъсиси корхонаҳои саноатии ватанӣ, коҳиш додани бекорӣ, ташкил намудани истеҳсолоте, ки хусусияти инноватсионӣ дорад, имконпазир мегардад. Зеро вақте ки шарикӣ байни субъектҳои хоҷагидории хусусӣ, давлат ва мақомоти идораи МОИ амалӣ мегардад, самараи ҳар яки онҳо якҷоя татбиқ шуда, барои рушди иқтисодии минтақа, ва дар умум иқтисодиёти миллӣ такони боз ҳам нав медиҳад.

Дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ҳар як минтақаи озоди иқтисодии алоҳида дар ҷумҳурӣ логистикаи худро бояд дар сатҳи баланд омода намояд. Ин бошад дар навбати худ шарти асосии муваффақияти МОИ мебошад. Ҷойгиркунии маркази логистика дар дохили МОИ «Суғд» қарори мусбати стратегӣ ба ҳисоб меравад. Бартариятҳои тиҷоратӣ, инчунин шароитҳои истифодабарӣ, ки тавассути қарори мазкур таъмин мегарданд, пешниҳоди ҷолиб ба сармоягузорони эҳтимолӣ, шарикон, бонкҳо ва ғайра буда, шарти асосӣ барои ҷалби диққат ва таъмини сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад ва барои беҳтар гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ таъсири худро мерасонад.

Дар ин асно бояд қайд намоем, ки ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот дар МОИ “Суғд” тамоюли рушд дорад, ки он бо воситаи таҳлили ҷадвали зерин баррасӣ шудааст. (ниг. ба ҷадвали 2.12.)

Ҷадвали 2.12. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2024

(ҳазор сомонӣ)

Номгӯи корхонаҳо	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳамагӣ		
	2023	2024	бо фоиз нисбати с.2023
Ҳамагӣ	352889,7	441979,9	125,2
аз он ҷумла:			
ҶДММ «Реал»	9476,8	7467,7	78,8
ҶДММ «Равзана Пластик»	463,6	1072,8	2,3мар.
ҶММ КМ «Силкоат Бойя»	13236,2	16513,6	124,5
ҶДММ КМ «Стар-Пласт»	13135,2	3008,5	22,9
ҶДММ КМ ТТ «Таҷпроф»	239119,6	303842,2	127,1
ҶДММ КФ «Фортуна Ко»	7700,3	8059,9	104,7
ҶДММ «Тоҷикполиэтилен»	1001,1	6762,4	6,7мар.
ҶДММ «Ҷаҳони нав ММ»	25,7	56,9	2,2мар.
ҶДММ КМ ТТ «Арча мебел»	9987,3	10996,3	110,1
ҶСК «Ариана метал пласт»	6726,9	0,8	0,01
ҶДММ КМ ТТ «Афранг пластик»	36003,0	50748,0	141,0
ҶДММ «Донаи Алмос»	4344,1	4723,5	108,7
ҶДММ «Покзарф»	261,6	674,4	2,5мар.
Филиали «Хантана Канада ИНК»	156,0	-	-
ҶДММ «Азияполитекс»	9476,7	17302,6	182,6
ҶДММ «Ситораи аср»	652,9	1,5	0,2
ҶДММ «Оҳанкор»	1122,7	0,5	-
ҶДММ «Сайр Суғд»	-	10748,3	-

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [116, 136]

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.12 аз самаранокии дастгирии давлатӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамагӣ дар давоми соли 2024 дар субъектҳои МОИ «Суғд» ба маблағи 441979,9 ҳаз. сомонӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот иҷро гардидааст. Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, истеҳсоли маҳсулот дар МОИ «Суғд» дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 дар умум 125,2% афзоиш дода шудааст. Дар афзоиши ин ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардашуда, чӣ хеле ки аз ҷадвал мушоҳида мегардад, ҳиссаи ҶДММ КТ ТТ «Таҷпроф», ҶДММ КМ ТТ «Афранг пластик», ЧДММ «Азияполитекс», ҶДММ «Сайр Суғд», ҶДММ «Силкоат Боя» хеле назаррас аст, ки аз фаъолияти босамари онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар қаламрави МОИ “Суғд” дар асоси фаъолияти он корхонаҳое, ки дар боло зикр гардидааст, имкониятҳо дар самти амалишавии сиёсати воридотивазкунии давлатӣ зиёд шуда истодааст. Зеро ин самт барои иқтисодиёти ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла барои вилояти Суғд низ хеле муҳим аст, чунки бозорҳои дохилӣ ҳоло ҳам пур аз маҳсулоти воридотӣ мебошад.

Ҳамзамон, он корхонаҳое, ки дар боло номбар гардидаанд, дар ҳаҷми афзоиши содироти вилояти Суғд ҳиссаи худро гузошта истодаанд. Содирот асосан ба иқтисодиёти давлатҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Русия, Афғонистон, Туркманистон, Қирғизистон равона мегардад.

Ҳамин тариқ, МОИ “Суғд” дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ, ки саноатикунонии босуръати кишвар мебошад, нақши муҳим мебозад. Дар натиҷаи фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои индустриалии инноватсионӣ ин минтақа ба зиёд гардидани маҳсулоти ватанӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дастгирии минбаъдаи давлатӣ ҷиҳати густариши фаъолияти МОИ, барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар натиҷаи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва инфрасохтори зарурӣ ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ сол аз сол афзуда, саҳми МОИ дар иқтисодиёти миллӣ бештар мегардад.

2.3. Омилҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти МОИ “Суғд” ва амсиларонии онҳо

Ба мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои мақсадҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, рушди босуботи иқтисодиёт дар асоси ҷалби техника ва технологияи нав, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба

омӯзиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироъ ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, густариши истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил карда мешавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ усули таҳкими сармоягузорӣ буда, ба самтҳои асосии инкишофи равобити хориҷӣ созгор мебошад.

Пӯшида нест, ки иқтисодиёти бозорӣ зарурати муайян намудани стратегияи дохилшавии ҷумҳуриро ба хоҷагии ҷаҳонӣ тақозо менамояд. Дар ин асос, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот аз ҳисоби иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, дар асоси рақобат ва ҳамкорӣ дар бозори ҷаҳонӣ беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат, азхудкунии комёбиҳои ба даст омаадаи инкишофи илму техника, ташкили истеҳсолот, маркетинг ва ғайраро амалӣ намуда, иқтисодиёти миллӣ хусусияти воқеан кушодро соҳиб шавад.

Инкишофи робитаҳои берунии иқтисодии ҶТ бо густариши ҳамкориҳои вобаста ба муҳоҷирати сармоя алоқаманд буда, аз рӯи вазъи иқтисодии мамлакат, ки таҷдиди истеҳсолот ва дар баъзе соҳаҳо пурра аз нав кардани технологияро тақозо дорад, ба маблағгузории калон эҳтиёҷ дорад.

Зиёда аз ин, дар шароити ҳозира раванди гардиши байналмилалии сармоя ба таври васеъ бо истифодаи комёбиҳо дар соҳаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ, технология, менеҷмент ва амсоли ин алоқаманд аст. Мавқеи муҳимро ба сифати омили рушди иқтисодиёти бозорӣ, пайвастани иқтисодиёти кишвар бо хоҷагии ҷаҳонӣ, истифодаи усулҳои нави идоракунӣ, густариши рақобат байни субъектҳои хоҷагидор сармояи хориҷӣ мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қисми қаламрави мамлакат барои гузоштани сармояи хориҷӣ заминагузорӣ намуда, айни замон яке аз шаклҳои муборизаи рақобатноки кишварҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ гардидааст. Маблағҳои пулии худро ба МОИ гузошта, сармоягузорон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар минтақаи мазкур истеҳсолоти содиротиро ба роҳ монанд, аз имконияти мавҷуда дар қаламрави минтақа – қувваи кории арзон, ашёи хом, шароити имтиёзноки молиявию андозбандӣ, тартиби имтиёзноки гумрукӣ ва дигарон истифода кунанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки қувваи пешбарандаи рушди МОИ ҷалби сармояи хориҷӣ ва маҳаллӣ мебошад. Ба низом даровардани омилҳое, ки ба ҷалби сармоя ба МОИ мусоидат мекунанд, хеле муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати самараноки давлатӣ оид ба ҷалби сармоя ба МОИ ва таваҷҷуҳи рушди ин минтақаҳо ба самтҳои афзалиятнок таҳия ва амалӣ карда шаванд. Умуман, дар тамоми мамлакатҳо омилҳои гуногун ба самаранокӣ ва фаъолнокии рушди МОИ таъсири мусбат мерасонанд. Онҳоро гуруҳбандӣ карда, шартан ба ду ҷудо намудем:



Расми 2.1. - Омилҳои таъсиррасон ба рушди самаранокии МОИ

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Агар омилҳоро мушаххасан таҳлил намоем, дуруст интихоб намудани стратегияи рушди иқтисодии давлат, дар асоси қонун зиёд

кардан ва ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои ҷоннок кардани фаъолият дар МОИ мебошад. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани ҳаҷми содирот дар низоми гардиши савдои хориҷӣ корхонаҳои дар ҳудуди МОИ қайдшуда самаранок ва устувор фаъолият кардаанд, иқтидорҳои истеҳсолӣ мақсаднок истифода бурда шудаанд.

Омили дигар дар роҳи таъмини рушди самараноки МОИ бемайлон афзоиш бахшидани сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар МОИ ба ҳисоб меравад. Зеро МОИ дар ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ бо мақсади амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ нақши муҳим мебозанд. Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ лоиҳаҳои амалишавандаи ба манбаъҳои сармоягузорӣ эҳтиёҷдошта муаммои асосӣ маҳсуб мешаванд, зеро бе сармояи кофӣ фаъолияти мунтазами соҳаро таъмин кардан ғайриимкон аст.

Дар бобати баланд бардоштани сатҳи сармоягузории минтақа тавассути таъмини кафолатҳо ва ҳифзи сармоягузориҳои хориҷӣ, барои ҚҶТ тасвиби конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи сармояи хориҷӣ ва бастани созишномаҳои дуҷонибаи сармоягузорӣ хеле муҳим аст. Мақсади асосии бастани ин шартномаҳо ҳифзи маблағгузориҳои асосии дар давлати мо гузоштаи фирмаҳои хориҷӣ мебошад. Дар маҷмуъ, созишномаҳои сармоягузорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва собиқ сотсиалистӣ, ки дар он ҷо хатарҳои сиёсӣ ва талафоти ғайрииқтисодӣ бештар аст, 7 фоизи сармоягузории мустақими хориҷиро дар ҷаҳон кафолат медиҳанд.

Рушди устувори минтақа ҳамчун низоми ҳудудии иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ чаҳор принсипи ба ҳам алоқамандро дарбар мегирад: навоварӣ, рақобатпазирӣ, амнияти инноватсионӣ; устуворӣ. Амнияти инноватсионӣ омили рушди устувор ҳамчун зарурати бунёдии мавҷудияти минтақа мебошад [106].

Таҳсилот ва малакаҳои қувваи корӣ: мавҷудияти қувваи кории соҳибихтисос, инчунин дастрасӣ ба муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ метавонад ширкатҳои ниёзманди кадрҳои тахассусиро ҷалб кунад.

Дар бораи қувваи кории арзон ва коргарони соҳибихтисос қайд мегардад, ки "...қувваи кории арзон метавонад дар ташкили тиҷорат дар МОИ нақши муҳим бозад, зеро ин омил ба кам шудани хароҷоти истеҳсолот таъсир мерасонад. Тибқи маълумот музди омории миёнаи моҳонаи номиналии ҳисобшуда дар Тоҷикистон соли 2023 дар умум 2310,21 сомониро ташкил додааст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кормандони субъектҳои МОИ «Суғд» ба ҳисоби миёна 2791,85 сомонӣ мегиранд, ки ин аз сатҳи миёнаи моҳонаи ҷумҳурӣ қариб 20,85 фоиз зиёд аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сарфи ками меҳнат танҳо барои соҳаҳои меҳнатталаб ба таври намоён фоиданок аст. Аммо ташкили тиҷорат дар МОИ «Суғд» истифодаи техника ва технологияҳои муосирро дар истеҳсолот дар назар дорад. Ин омил на ба арзоншавӣ, балки, дар навбати аввал, ба қувваи коргарии соҳибихтисос 40% афзалият медиҳад..." [89, с. 158-164].

Муҳити қонунии устувор ва шаффоф: Қоидаҳо ва қонунгузории устувор, ки ба субот ва шаффофият дар муҳити тиҷорат мусоидат мекунанд, метавонанд эътимоди сармоягузоронро ба МОИ зиёд кунанд.

Аслан, агар ба таълимоти иқтисодчиён назар намоем, фаъолияти самараноки минтақаҳои иқтисодӣ метавонад бо як қатор омилҳо таъмин гардад, аз ҷумла:

Қонунгузориши устувор: Қонунгузории возеҳ ва устуворе, ки фаъолияти МОИ-ҳоро танзим мекунад, эътимоди сармоягузоронро ба вуҷуд оварда, ҳифзи дурусти манфиатҳои онҳоро таъмин менамояд.

Шароитҳои ҷолиби андоз: Имтиёзҳои андоз ва шартҳои имтиёзноки пардохти андозҳо ба ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ дар МОИ мусоидат мекунанд.

Идоракунии самаранок: Идоракунии салоҳиятнок ва самараноки МОИ ба истифодаи оптималии захираҳо ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя мусоидат мекунад. Оиди ин ҷабҳаи фаъолият олимон бар ақидаи онанд, ки дар шароити муосир "...яке аз роҳҳои муҳимтарини ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ ба шаклҳои гуногуни МОИ ба ҳисоб меравад...". [104, с. 720]

Инфрасохтор: Мавҷудияти инфрасохтори замонавӣ, аз ҷумла роҳҳо, воситаҳои нақлиёт, системаҳои энергетикӣ ва коммуникатсия барои фаъолияти корхонаҳо дар МОИ шароити мусоид фароҳам меорад.

Дастрасӣ ба бозорҳо: Ҷойгиршавии МОИ дар наздикии бозорҳои асосӣ ва истеъмолкунандагон дастрасии осон ба бозорҳо ва тавсеаи тиҷоратро осон мекунад.

*Дастгирии инноватсия:*дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии инноватсия ва технологияҳои нав ба ҷалби ширкатҳои баландтехнологӣ ва рушди иқтидори инноватсионии МОИ мусоидат мекунад.

Барои баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва ташаккули низоми нави идоракунии инноватсия, ташаккули инфрасохтори нави инноватсионӣ, баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии паркҳои технологии донишгоҳҳо ва гузаронидани реинжинирингги равандҳои бизнес зарур аст. Ҳамаи ин омилҳои ба ҳам алоқаманд имкон медиҳанд, ки "...системаи самараноки идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъмин карда шаванд..." [86, с. 49].

Таҳсилот ва тахассуси қувваи корӣ: мавҷудияти қувваи кории соҳибихтисос ва дастрасӣ ба барномаҳои таълимӣ барои ҷалби ширкатҳои ниёзманд ба кадрҳои тахассусӣ кӯмак мекунад.

Ҳамкорӣ бо давлат: ҳамкории самарабахш ва ҳамкории мақомоти идоракунии МОИ ва мақомоти давлатӣ ба ҳалли мушкилоти ҷорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти МОИ мусоидат мекунад.

Аксар вақт чунин фаҳмиши шарикии давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд дорад, ки чӣ гуна моҳияти тиҷорати хусусӣ баланд бардоштани самаранокии бахши давлатии иқтисодиёт ва баланд шудани сифати хизматрасониҳои давлатиро таъмин менамояд, ҳол он ки давлат барои пешбурди тиҷорат шароити мусоид фароҳам меорад ва ба корхонаҳо кафолат медиҳад, ки дар давраи миёна ва дарозмуддат фоидаи устувор ба даст оранд. Чун намояндаи нисбатан намоёни ин мавқеъ муҳаққиқи рус О. А. Ястребовро метавон ном бурд [73].

Агар дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон гирем, фаъолияти МОИ аз рӯи як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии қаблан номбаршуда сурат мегирад. Масалан, танзими давлатии МОИ фаъолияти давлатро новобаста ба ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳое, ки аз таъсисдиҳии минтақаҳои озод бармеоянд, дарбар гирифта, барои пешравии иқтисоди миллӣ ва таъмини муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар равона мегардонад. Объектҳои танзими давлатӣ дар ин ҷо худи минтақаҳои гуногуншакли бунёдшаванда мебошанд. Субъектҳои хоҷагидорӣ, яъне резидентҳои дар МОИ амалкунанда - корхонаҳои саноат, ташкилотҳо, муассисаҳои бахши хизматрасонӣ ва ғайра дар айни ҳол зери танзими давлатӣ мебошанд.

Умуман, дар шароити муосир ташкил ва амалӣ намудани МОИ дар ҳудудҳои маъмурии ҷумҳурӣ ба механизми асосии баланд бардоштани самаранокии ташкили истеҳсолот мубаддал гаштааст. Механизми мазкур

дар ҳақиқат дар минтақаҳои алоҳида ҳамчун ниҳоди махсус барои муҳайё намудани шароити муносиб барои ташкили истеҳсолот, ҷалби сармояи хориҷии ватанӣ, самаранок ҷорӣ намудани сиёсати андозбандӣ, молиявӣ, қарздиҳӣ, сохтории давлатӣ мусоидат менамояд. Аз ҷониби дигар МОИ ҳамчун як фишанги асосии танзими давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии кишвари мустақил имконияти васеи истифодабариро дорад. Дар навбати аввал мехостем дар ин ҷо мазмуну мундариҷаи танзими давлатиро дар бобати густариши фаъолияти МОИ истода мегузарем. Онҳо аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

- коркарди ғояҳои нав оид ба таъсиси МОИ дар ҳудуди ин ё он шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

- таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба таъсиси МОИ бо нишон додани мазмуну мундариҷаи ҳар як кори иҷрошаванда ва муҳлатҳои иҷро;

- интихоби мавзуе, ки дар он таъсиси МОИ аз нуктаи назари сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ мувофиқи мақсад аст;

- таҳия намудани таҳкурсии ҳуқуқӣ, яъне санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ташкили МОИ;

- муайян намудани вазифаҳои мушаххас дар назди мақомотҳои давлатии дахлдор оид ба таъсиси МОИ;

- ба амал татбиқ намудани нақшаи тадбирҳо барои таъсис;

- таъмини ҳамоҳангии фаъолият байни субъектҳои хоҷагидоре, ки бояд дар минтақаҳои озод фаъолият намоянд;

- дар амал татбиқ намудани реҷаи фаъолият, тартиб додани муносибатҳо дар ҷараёни фаъолият.

Умуман, зикр кардан мумкин аст, ки ташкили МОИ, инчунин ба роҳ мондани танзими фаъолияти он кори бениҳоят душвор, гуногунҷабҳа ва мураккаб мебошад, зеро дар ин ҷараён муаммоҳои хеле зиёд ҳам дар масъалаи ташкилӣ, ҳам дар муайян намудани муносибатҳои молиявӣ,

иқтисодию ҳуқуқӣ пайдо мегардад, ки ҳалшавии худро бо тарзи зудӣ талаб менамояд. Бинобар ин зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳам мақомоти идоракунии давлатӣ ҳам дар сатҳи минтақавӣ (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо) ҳам дар сатҳи умумидавлатӣ (ҷумҳуриявӣ, яъне дар сатҳи вазоратҳо ва Ҳукумати ҷумҳурӣ), ҳам аз нуктаи назари рушди муносибатҳои байнидавлатӣ пайдо мегардад. Дар ҳақиқат ҷараёни ҳамоҳангсозии манфиатҳо оид ба тақсимоти меҳнат, ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолӣ дар ҷараёни таъсисдиҳии МОИ масъалаи хеле мубрам буда нақши калидӣ дорад.

Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ иҷрои санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ оид ба таъсис ва фаъолияти МОИ аз ҷониби ҳокимияти қонунгузори ҷумҳурӣ (суд, прокуратура, адлия ва ғайра) доимо таҳти назорат қарор дода мешавад. Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (мақомотҳои иҷроия дар маҳалҳо, дастгоҳи ҳукумат, вазорату идораҳо) бошад дар навбати худ барои таъсиси МОИ ҳамаҷониба бояд дар чорчӯбаи ваколатҳои худ мусоидат намояд, зеро таъйиноти МОИ ин баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии кишвар аст. Вақте ки сухан оид ба танзими давлатӣ дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ меравад, дар илми иқтисод иҷрои вазифаҳои зерин дар мадди аввал гузошта мешавад:

- коркарди санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ оид ба таъсиси МОИ;

- ба амал татбиқ намудани механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ дар самти таъсиси МОИ;

- таъмини ҳамоҳангии бо ҳам мутобиқи қисматҳои таркибии механизми хоҷагидорӣ дар МОИ;

- муайян ва коркард намудани имтиёзҳои молиявӣ-қарзӣ барои МОИ;

- таъмини амнияти иқтисодӣ дар таъсис ва фаъолияти МОИ.

Чунин вазифаҳоро боз ҳам давом додани мумкин аст, вале ба ақидаи мо он чораҳое, ки номбар карда шуданд, мазмуну мундариҷаи танзими умумидавлатии МОИ-ро ифода карда метавонад. Дар илми иқтисодӣ ғайр аз ин масъалаи танзими давлатӣ дар сатҳи минтақавӣ низ алоҳида баррасӣ мегардад. Ин аз он бармеояд, ки дар шаҳру ноҳияҳо низ масъалаҳои танзим оид ба МОИ мавҷуданд, ки бояд ҳалли худро ёбанд. Вазифаҳое, ки дар сатҳи минтақа (шаҳру ноҳияҳои вилоят) бояд иҷро гарданд, аз зеринҳо иборатанд:

- таҳия ва татбиқи барномаи рушди МОИ тибқи ҳадафи стратегии давлатӣ;

- таъсиси намудҳои гуногуни корхонаҳо дар шаклҳои ҷамъияти саҳҳомии кушод (ҶСК), ҷамъияти саҳҳомии пӯшида (ҶСП), ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд (ҶДММ) ва ғайра, ки тибқи низомномаи МОИ бо истеҳсолот машғул ҳастанд;

- муайян намудани сарчашмаҳои сармоягузории давлатию хусусӣ ва ҷалби он;

- аз рӯйи зарурият муайян намудани субсидияҳо, гузоштани имтиёзҳо дар фаъолияти МОИ;

- гузаронидани мониторинги доимӣ оид ба истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар МОИ (агар пешбинӣ шуда бошад);

- танзими муносибатҳои қарзӣ бо ҷалби бонкҳои тиҷоратии давлатӣ;

- муайян намудани ваколатҳои мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоятҳо ва мақомоти роҳбарияти МОИ дар самти додани иҷозат, имтиёзҳо ва андозбандӣ;

- тақсими ваколатҳо дар байни мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоятҳо ва мақомоти роҳбарияти МОИ дар масъалаҳои тасдиқи созишномаҳо, идораи моликият ва ғайра.

Дар шароити муосир зимни ба амал қорӣ намудани танзими давлатӣ усулҳои гуногун, ки таъсири мустақим ва ғайримустақим дорад, истифода бурда мешавад. Ба онҳо усулҳои зерин дохил мешаванд:

- аз буҷети давлатӣ ҷудо намудани сармоягузорӣ барои таъсиси корхонаҳои давлатӣ дар ҳудуди МОИ;

- бо тавассути механизми хариди давлатӣ танзим намудани истеҳсоли маҳсулот дар ҳудуди МОИ;

- иҷозатдиҳии давлатӣ дар ҳудуди МОИ барои сохтмон, вориди техника ва технология, иҷозат барои соҳаи истеҳсолот ва ғайра;

- истифодабарии механизми суғуртакунӣ;

- қорӣ намудани маҳдудиятҳо барои истифодабарии захираҳои асъори хориҷӣ;

- маҳдудкуниҳо дар воридот ва содироти сармоя;

- гузаронидани ҳар гуна корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ дар МОИ;

- истифодаи механизми андозбандӣ дар МОИ;

- амалӣ намудани сиёсати даромадҳо дар МОИ;

- танзими нархҳо ва қарзгирӣ дар ҳудуди МОИ;

- пешниҳоди кафолати давлатӣ барои ин ё он амалиёт;

- ворид намудани қарзҳои давлатӣ;

- идора намудани сатҳи фоизи қарзи бонкҳо;

- ташкил намудани ҳар гуна фондҳои дастгирӣ ё ки чораҳои танзимотӣ.

Умуман, он чораҳое, ки номбар карда шуданд, маҷмуаи усулҳои танзими МОИ-ро дарбар мегирад. Чунин усулҳо зиёданд, лекин ҳоло дар МОИ ҷумҳурӣ асосан ҳамин механизмҳои қайдгардидашуда бештар истифода бурда мешаванд. Доир ба танзими давлатӣ дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ чунин омадааст: “...Давлат барои фаъолияти

бомуваффақият ва самараноки МОИ дар кишвар замина мегузорад, барои ин ҷиҳати рушди минбаъда (афзоиши гардиши савдо, тиҷоратикунии ғояҳои илмӣ ва ғайра) бояд аз ҷониби сармоягузори дохилию хориҷӣ дастгирӣ карда шавад...” [97].

Механизми махсуси ташкилию иқтисодие, ки барои танзими давлатии МОИ бунёдшаванда истифода мешавад, дар дохили худ маҷмуи унсурҳои иқтисодӣ, ниҳодӣ (институтсионалӣ), иҷтимоӣ, ташкилӣ ва консептуалию методии идоракуниро дарбар мегирад. Дар ин ҷо механизми иқтисодию ташкилӣ бояд ба чунин шартҳо ҷавобгӯ бошад: ба шарту шароити хоҷагидории дар мамлакат ҷоригашта мувофиқат намояд; ба талаботҳои сиёсати иқтисодии давлат ҷавобгӯ бошад; бо санадҳои қонунгузории умумӣ ва махсус танзим гардонида шавад; аз ду қисми бо ҳам пайваста - ҳам иқтисодӣ ва ҳам ташкилии ба субъекти мушаххас нигарон иборат бошад.

Бо мақсади таъмин намудани шароитҳои баробари рақобат барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, маҳдудкунӣ ва пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона, таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар амал татбиқ намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол”, “Дар бораи монополияҳои табиӣ”, “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон”, “Дар бораи реклама” ва дигар санадҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Хавфҳои рушд ва имкониятҳои мусоид ба раванди ноилшавӣ ба ҳадафҳои дар барнома дарҷшуда, омилҳои ҳам беруна ва ҳам дохилӣ, ки дорои хусусияти маҳдудкунанда ва мусоидаткунандаи рушд мебошанд, метавонанд таъсир расонанд (ниг. ба ҷадвали 2.13).

Ҷадвали 2.13. – “SWOT” таҳлили МОИ-и “Суғд”

ТАРАФҲОИ ҚАВӢ	ИМКОНИЯТҲО
-Мавҷуд будани коммуникатсияи роххои нақлиётии минтақавӣ бо дигар кишварҳои ҷаҳон; -Иқтидори зиёди ҷавонон дар сохтори қувваи корӣ; -Мавҷуд будани қувваи кории соҳибихтисос; -Афзоиши алоқаи мобилӣ; -Захираҳои замин; -Нархҳои баланди ҷаҳонии ашёи хоми минералӣ, ки аз вилояти Суғд ба бозорҳои хориҷӣ содирот мешаванд; -Сатҳи баланди нархҳо ба маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки аз вилояти Суғд ба бозорҳои хориҷӣ содирот мешаванд; -Захираҳои калони меҳнат ва суръати қаноатбахши афзоиш.	-Иқтидори калони захираҳои табиӣ ба гирдгардиши воридагардида; -Ҳаҷми назарраси интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон; -Марзҳои кушода бо Қирғизистон; -Захираҳои назарраси фароғатӣ; -Дастгирии ислоҳот ва барномаҳо аз ҷониби ҳамёрони рушд дар соҳаҳои афзалиятнок; -Бехтар шудани муҳити сармоягузорӣ дар вилоят ва афзоиши мутаносиби соҳибкорӣ; -Захираҳои калони канданиҳои фоиданок; -Иқтидори истифоданашудаи саноатҳои сабук ва хӯрокворӣ.
ТАРАФҲОИ ЗАИФ	**ТАҲДИДҲО**
-Мавҷуд набудани коммуникатсияҳои роҳи оҳан; -Сатҳи баланди бекорӣ; -Ҳиссаи ночизи соҳаҳои инноватсионии саноат дар сохтори иқтисод; -Сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти бештар истеҳсолшаванда; -Мавҷуд набудани маркетинги самарабахш дар бештари корхонаҳо; -Фоизи баланди захираҳои қарз дар низоми бонкӣ.	-Маҳдудиятҳо ҷиҳати баромад ба роххои байналмилалии нақлиёт; -Хароҷоти калони нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақли дохилӣ; -Таҳдид ба амнияти озуқаворӣ (вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ); -Рафтани кадрҳои соҳибихтисос; -Бадшавии ҳолати экологӣ дар вилоят; -Офатҳои табиӣ.

Манбаъ: *Таҳлили муаллиф дар асоси маводи [18]*

Омилҳои маҳдудкунанда чунинанд:

Мавқеи ҷойгиршавӣ аз нуктаи назари хусусиятҳои ҷуғрофӣ: вилояти Суғд дар он мавзеи ҷуғрофӣ ҷойгир шудааст, ки асосан бо шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад аст ва дар солҳои тӯлонӣ (ҳазорсолаҳо) муносибатҳои ҳамсоягӣ бо тавассути хариду фурӯши маҳсулот, хешу таборӣ, бародарӣ, якдигарфаҳмӣ рушд ёфтааст. Вале пас аз расидан ба Истиқлолият дар байни ин шаҳру ноҳияҳо сарҳад пайдо гардида, муносибатҳои хариду фурӯш асосан бо воситаи нақлиёти автомобилӣ

сурат мегирад ва дар муҳлати муайян маҳдуд шудани ҳаракати нақлиёти байналмилалӣ афзоиши арзиши аслии маҳсулотҳоро ба миён овард. Бо вуҷуди он онҳо ҳалли худро пурра ёфтаанд ва муносибатҳои байналмилалӣ дар асоси дӯстиву бародарӣ густариш ёфта истодааст. Кушодани сарҳадҳо, инчунин коммуникатсияҳои нақлиёти байналмилалӣ аз ҷониби Ӯзбекистон, Чин ва Қирғизистон ба роҳандозӣ намудани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги инвеститсионӣ имкониятҳоро боз ҳам зиёд карда истодааст. Маҳдудияти дигар паст шудани суръати афзоиши иқтисодиёти ҷаҳон мебошад, ки эҳтимолан метавонад гирифтори мавҷи дуюми таназзули иқтисодӣ гардад.

Сохтори мавҷудаи иқтисодиёти вилоят асосан ба соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати истихроҷи маъдан, ки дар соҳаҳои мазкур технологияҳои инноватсионӣ кам ба назар мерасанду фаъолияти ин соҳаҳо бештар аз вазъи бозори ҷаҳонӣ вобастаанд, такя мекунад. Баробари ин миқдори ҷойҳои кории дар вилоят таъсисшаванда ба афзоиши захираҳои меҳнатӣ мувофиқат намекунад. Мушкилот дар робита бо нигоҳ доштани сифати сармояи инсонӣ бино ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва маҳдудияти маблағгузории буҷет вуҷуд дорад.

Ҳамзамон, як қатор омилҳои мусбӣ мавҷуданд, ки имкониятҳои вилоятро ҷиҳати идомаи рушди устувори иқтисодӣ тақвият медиҳанд:

- вилоят бо ашёи хоми моддӣ бой аст ва ин имкон медиҳад, ки дар оянда дар истеҳсоли маҳсулотҳои тайёр афзалияти рақобатӣ диҳад;

- маҳсулотҳои кишоварзие, ки дар ҳудуди вилоят истеҳсол мешавад аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, дар хориҷа талаботи зиёд дорад. Бинобар ин ин дар оянда барои афзоиш додани иқтидори содиротии вилоят мусоидат менамояд;

- дар вилояти Суғд аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои рушди соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хеле зиёд дода шуда, имтиёзҳо

пешбинӣ гардидааст, ки ин барои мустаҳкам намудани мавқеи соҳибкорӣ дар оянда мусоидат менамояд.

Боиси зикр аст, ки дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ҳоло дар миқёси вилоят техникаю технологияҳои инноватсионӣ бештар ворид шуда истодаанд. Дар ин масъала субъектҳои хоҷагидорӣ дар МОИ “Суғд” пешқадаманд. Умуман бо рушди шабакаи интернет хизматрасонии иттилоотӣ дар миқёси вилоят имкониятҳои нав ба нав пайдо шуда истодааст, ки оянда барои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ заминаи муносиб мегузорад.

Барои муайян намудани сатҳи вобастагии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд” аз омилҳои асосии дохилӣ аз усули иқтисодӣ-математикӣ истифода намудем. Ҳамчун давраи тадқиқот аз соли 2011 то 2024 интихоб карда шудааст, зеро фаъолияти асосии МОИ “Суғд” маҳз аз ҳамон давра оғоз мегардад. Дар ин ҷо ҳамчун омили интизорӣ, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардида дар МОИ “Суғд” (млн.сомонӣ) (У) чун нишондодҳои омилӣ бошад, миқдори ҷойҳои корӣ дар субъектҳо (X_1) МОИ “Суғд”, ҳаҷми сармоягузории субъектҳо дар МОИ “Суғд” (X_2), теъдоди корхонаҳои МОИ “Суғд” (X_3).

Дар воқеъ, иқтисодиёти кишвар ва ҳамзамон дар кулли минтақаҳо давраи созандагӣ ва афзоиши фаъолнокии иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад ва инчунин масъалаи сохтани ММИ рӯ ба рушд дорад. Сарчашмаҳои маълумоти оморӣ, нашриётҳои оморӣ шабакаи интернетии МОИ “Суғд”, маводи бевосита дастраскардашуда аз раёсати идораи МОИ “Суғд”, инчунин аз маводҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз ҷумла интишороти илмии олимони ватанӣ ва дигар маводе, ки дар ахбори омма нашр гардидааст, ба ҳисоб меравад.

Ҷадвали 2.14. - Мундариҷаи нишондоди интизорӣ ва омили тадқиқотӣ аз фаъолияти МОИ “Суғд”

Солҳо	Ҳаҷми маҳсулот дар МОИ “Сугд” (млн. сомонӣ)	Миқдори ҷойҳои кори субъектҳо (нафар)	Ҳаҷми сармоягузории субъектҳо (млн. сомонӣ)	Теъдоди корхонаҳо (адад)
2011	11,4	180	4,7	7
2012	21,7	89	12,6	11
2013	43,6	196	11	14
2014	45,1	263	9,5	17
2015	57,3	380	8,5	18
2016	73,4	389	3,1	20
2017	80,1	385	1,7	21
2018	116,1	530	19,7	23
2019	167,5	599	9,5	26
2020	169,9	668	16,9	26
2021	301,2	774	18,1	29
2022	412,5	799	23,7	35
2023	352,9	910	32,0	35
2024	441,9	930	47,3	41

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маводи [111, 116, 136]

Дар асоси баргузор намудани ҳисобу китобҳои зарурӣ бо истифодабарии барномаҳои махсуси компютерӣ сатҳи таъсири нишондиҳандаи омилӣ ба натиҷаи тадқиқотӣ муайян карда шуд.



Расми 2.2. - Сатҳи таъсири нишондиҳандаи омилӣ ба натиҷаи тадқиқотӣ

Чӣ тавре ки қайд гардид, дар масъалаи мазкур нишондиҳандаи омилӣ сатҳи рушди истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд” мебошад. Дар ҷадвали 2.15 сатҳи чандирнокии натиҷаи тадқиқотӣ аз тағйирёбии нишондиҳандаҳои омилӣ ба як воҳид гирд оварда шудааст.

Ҷадвали 2.15. - Сатҳи чандирнокии натиҷаи тадқиқотӣ (аз тағйирёбии нишондиҳандаи омилӣ)

Нишондоди омилӣ	Сатҳи тағйирёбии натиҷаи тадқиқотӣ
Миқдори ҷойҳои корӣ дар субъектҳо (X_1) МОИ-и “Суғд”	0,179
Ҳаҷми сармоягузории субъектҳо дар МОИ-и “Суғд” (X_2)	2,909
Теъдоди корхонаҳои МОИ-и “Суғд” (X_3)	6,768

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф бо ёрии барномаи махсуси компютерӣ*

Чӣ тавре ки аз қимати нишондиҳанда маълум мегардад, дар шароити муосир натиҷаи тадқиқот (рушди истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд” аз тағйирёбии нишондиҳандаи омилӣ вобаста ҳастанд, қимати таъсиррасонӣ низ назаррас мебошад. Дар асоси ахбороти мазкур муодилаи регрессионӣро дар тарзи стандартӣ чунин ифода кардан мумкин аст:

$$Y = 128{,}47 + 0{,}179\ x_1 + 2{,}909 x_2 + 6{,}768\ x_3 \qquad [1]$$

Қимати коэффитсиентҳои (b_i)-оро, ки бо арзиши мутлақ ба воситаи истифодабарии барномаи компютерӣ ҳисоб карда шудааст, муқоиса намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити муосир омили тағйирёбии тамоюлоти теъдоди корхонаҳои МОИ “Суғд” ба афзоиш ё коҳишёбии ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардида дар МОИ “Суғд” бештар таъсир мерасонад. Умуман, рӯйи дараҷаи таъсир рейтинги омилҳоро дар ҷадвали 2.16 инъикос намудан мумкин аст:

Ҷадвали 2.16. - Нишондодҳои омилӣ

Мавқеи рейтинг	Нишондодҳои омилӣ
1	Теъдоди корхонахои МОИ “Суғд” (X_3)
2	Ҳаҷми сармоягузории субъектҳо дар МОИ “Суғд” (X_2)
3	Миқдори ҷойҳои корӣ дар субъектҳо (X_1) МОИ “Суғд”

Манбаъ: *Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Ба ҳамагон маълум аст, ки коэффитсиенти нишондоди омилӣ, сатҳи таъсири он ба нишондоди тадқиқотӣ бо тарзи миқдорӣ ифода меёбад. Таъсири омилҳоеро, ки дар муодилаи регрессионии мазкур ба инобат нагирифтаанд, ба воситаи адади озод инъикос менамоянд. Дар ин амсила мо танҳо се омилро дида баромадем, аммо дигар омилҳо бошад, бо усули (бо шарти) абстраксияи илмӣ ҳисоб карда шуданд. Байни натиҷаҳои тадқиқотӣ ва нишондоди омилӣ, ки ба модели регрессионӣ ҳамроҳ карда шудааст, робита дар сатҳи баланди зичӣ қарор дорад, ки ин аз қимати коэффитсиенти коррелятсионӣ (R) бармеояд, яъне он баробари 0,9637 мебошад (тибқи муқаррароти илмӣ агар нишондоди коэффитсиенти коррелятсионӣ аз 0,7 зиёд бошад, робита байни омилҳо зич арзёбӣ мегардад). Аз рӯйи ҳисобҳои нишондиҳандаҳои тадқиқотӣ (рушди истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд”) бо ҳисоби миёна аз нишондодҳои омилии баррасигардида 92,87% вобаста аст, ки ин аз қимати коэффитсиенти детерминатсия бармеояд: (D=0,9287).

Дар асоси ин муодила гузориши сатҳи тағйирёбии нишондодҳои омилиро метавон дар солҳои минбаъда бо натиҷаҳои тадқиқотӣ муайян намуд. Қимати нишондодҳои омилиро бошад, бо усули экстракоррелятсионӣ низ муайян кардан мумкин аст.

Хулоса, дар оянда яке аз роҳҳои баланд бардоштани самарабахшии рушди МОИ вусъатдиҳии миқёси МОИ “Суғд” ва минбаъд ҷорӣ намудани имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ бо мақсади

бунёди кластери ягонаи ба содирот нигаронидашуда, метавонад барои ба мувозинат овардани савдои хориҷӣ мусоидат намояд.

Дар ин ҷода барои вусъат додан ба фаъолияти МОИ ҳамаи имкониятҳои зарурӣ бояд истифода намуд. Беҳтар мегардад, ки агар минбаъд дар таҳияи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо ҳамаҷониба арзёбӣ намудани имкониятҳо оид ба таъсис ва таъмини фаъолияти ҳар гуна намудҳои МОИ, ки имконпазир аст, баррасӣ гардад. Дар ин асос метавонем дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 дар рушди минтақаҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем. Дар амалишавии ин ҳадаф нақш ва мавқеи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо хеле бузург аст.

Истифодаи ин равишҳо ба рушди устувори минтақа ва ҷалби сармоягузорони нав мусоидат хоҳад кард.

БОБИ III. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ “СУҒД” ДАР НИЗОМИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА

3.1. Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми таҷдиди иқтидори истеҳсолии вилояти Суғд

Самтҳои афзалиятноки рушди минтақаи озоди иқтисодиро дар низоми инноватсионии минтақа инъикос мегардад. Дар қаринаи он зарур аст, ки нақши минтақаи озоди иқтисодиро дар чаҳорчӯбаи тақдиди иқтидори истеҳсолии вилояти Суғд баррасӣ мегардад.

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ унсури муҳими таркибии стратегияи рушди иқтисодии аксари давлатҳо дар шароити густариши муносибатҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии тақсимоти байналмилалии меҳнат минтақаҳои озоди иқтисодӣ маҳсуб мешаванд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар нимаи дуюми асри XX дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Барои иқтисодиёти кишварҳо минтақаҳои озоди иқтисодӣ моҳиятан омили тезонидани рушди иқтисодӣ аз ҳисоби ҷамъоварии сармоя, табодули технология ва маълумот, фаъолгардонии гардиши байналмилалии мол, таҳкими равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ марказҳои ба худ хосе мебошанд, ки гардиши ҷаҳонии молро тезонида, савдои хориҷаро вусъат медиҳад.

Тоҷикистон дили Осиёи Марказӣ ҳисоб меёбад. Бахшҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим аз ин сарзамин убур мекарданд. Тоҷикистон кишвари агросаноатӣ буда, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва саноатӣ буда, конҳои калони маъданҳои фоиданок мебошад. Наздикии бозорҳои бузурги истеъмолӣ дар Русия, Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон ин бахши иқтисодро хеле ҷолиб месозад.

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид карда шудааст, чунки иқтисоди

муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан душвор аст. Мувофиқи таҳлили коршиносон 30%-и тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегардад.

Дар раванди татбиқи амалии Барномаи амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои миллии хешро дар асоси меъёрҳои ҳамшарикӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ татбиқ менамояд ва пайваста барои устувор гардидани муносибатҳои мутақобилан муфиди иқтисодӣ дар минтақа ва сатҳи байналмилалӣ талош меварзад.

Дар ҶТ санади асосии меъёрии ҳуқуқии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро танзимкунанда, тартиботи ташкил ва амалории фаъолият, масалаҳои андозбандӣ, танзими низоми гумрукӣ ва дигар масалаҳои фаъолият дар умум ба санадҳои ҳуқуқии меъёрии байналхалқӣ мутобиқати дорад. Бо ибораи дигар бошад фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар чаҳорчубаи созишномаҳои байналмилалӣ ташкил карда шудааст.

Илова бар ин, воридоти молҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо озоданд. Интиқоли молҳо аз ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ низ ба берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошад. Метавон бо қаноатмандӣ қайд намуд, ки қонунгузории амалкунандаи ҶТ имкон фароҳам меорад, ки намудҳои гуногуни функсионалии МОИ, аз ҷумла минтақаҳои комплексӣ ба мақсади таъмини рушди ин ё он соҳа ташкил карда шаванд.

Олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки “...равандҳои муосире, ки имрӯз дар ҷаҳон ба амал омада истодаанд, мустаҳкам шудани робитаҳои иқтисодии берунӣ ва муносибатҳои байни мамлакатҳоро собит месозад. Тоҷикистон дар ин маврид истисно нест. Он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ дар тамоми равандҳои хоси иқтисоди ҷаҳонии имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва интернатсионализатсия иштирок

мекунад. Дар ин маврид, нақши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва махсусан дар самти содироти қувваи корӣ ба таври назаррас меафзояд...” [101, с. 44].

Дар воқеъ, дар солҳои Истиқлолият расидан ба рушди босуботи иқтисодӣ, таъмини тараққиёти мутавозинии минтақаҳои (ҳудудҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ) ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар кулли соҳаҳои иқтисодиёт, яъне ҳам дар бахши воқеӣ ва ҳам дар бахши иҷтимоиёт расидан ба натиҷаҳои интизорӣ ҳадафи олӣ ҳисобида мешавад. Зеро ҳамчун давлати соҳибистиқлол ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мутараққӣ ва ишғол намудани мавқеи хоси худ тақозо менамояд, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат натиҷаҳои назаррасро дошта бошем. Аз ин лиҳоз, таъмини рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ аз он ҷумла дар минтақаҳои он, инчунин афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва иқтидори содиротии кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ, бо тарзи мунтазам ташкил намудани ҷойҳои корӣ нав, бо истеҳсоли як ё якчанд маҳсулотҳои муайян ишғол намудани бозорҳои хориҷӣ дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонем гӯем, ки нуктаҳои афзалиятнок бошад.

Самтҳои дар боло зикргардида на ҳамаи нуктаҳои асосӣ мебошанд, яъне онро боз ҳам идома додан мумкин аст. Вале бо тарзи умум қайд кардан ҷоиз аст, ки расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, инчунин амалишавии 4 ҳадафи стратегии давлатӣ, ки ба ҳамагон маълум аст: таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, саноатикунонии босуръат мебошад. Бо мақсади ноил шудан ба нуктаҳои қайдгардида ва дар асоси он таъмини сатҳи баланди некӯаҳволии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ аз коркарди сиёсати оптималии иҷтимоӣ-иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, меҳнати софдилонаи мардуми Тоҷикистон, заҳматҳои шабонарӯзонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо вобаста аст.

Дар амалӣ шудани ҳадафҳои мазкур нақш ва аҳаммияти МОИ низ саҳми муайянро дорад. Зеро ташаккул додани бахши соҳибкорӣ дар ҳудуди МОИ, ки бо тавассути бунёди корхонаҳои замонавӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, истифодабарии техникаву технологияҳои нав фаъолияти худро рушд медиҳад, дар истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ ҳиссаи муҳими худро дорад.

Умуман, дар шароити муосир соҳибкории хурд, миёна ва бузург дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақа дар шаҳру вилоятҳо, маҷмуи маҳсулоти дохила дар умум дар ҷумҳурӣ ҳиссаи ҳалкунандаро дорад. Чӣ тавре ки аз факту рақамҳои оморӣ бармеояд, дар шароити муосир зиёда аз 80%-и даромади буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриро пардохтҳои андозии бахши соҳибкорӣ медиҳад.

Бинобар ин ташкил намудани минтақаҳои гуногуни иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар вилояти Суғд, бевосита барои мустаҳкам намудани иқтидорҳои бахши хусусӣ замина мегузорад. Дар ин замина шаҳру ноҳияҳои алоҳида, ки дорои минтақаҳои иқтисодии гуногун мебошад, дар масъалаи ташкили ҷойҳои корӣ нав, таъмини рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ имкониятҳои худро васеъ менамояд.

Дар ин самт нахуст баррасии масъалаҳои то кадом андоза самараноки фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар минтақаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад аст.

Ҷадвали 3.1. - Ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ дар умум ва корхонаҳои дар ҳудуди МОИ ҷойгиршуда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Дар умум ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ)	25236	28567	31081	37546	41187	44894	53873
Теъдоди корхонаҳои	2161	2164	2283	2397	2802	3453	3779

Идомаи ҷадвали 3.1.

саноатӣ дар ҷумҳурӣ (воҳид)							
Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар як корхонаи саноатӣ (ҳаз. сомонӣ)	11677,9	13201,0	13614,1	15663,7	14699,1	13001,4	14255,8
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар МОИ (млн. сомонӣ)	139,3	198,49	199,8	366,57	484,92	445,8	525,9
Теъдоди корхонаҳои дар ҳудуди МОИ ҷумҳурӣ ба қайдгирифташуда (воҳид)	71	75	70	80	88	96	107
Теъдоди корхонаҳои амалкунанда дар ҳудуди МОИ (воҳид)	23	26	26	29	35	28	33
Истеҳсоли молҳои саноатӣ дар ҳудуди МОИ ба ҳар як корхонаи амалкунандаи МОИ (ҳаз. сомонӣ)	6056,5	7634,2	7684,6	12640,3	13854,8	15921,4	15936,4
Ҳиссаи корхонаҳои амалкунанда дар ҳудуди МОИ бо (%)	32,3	34,6	37,1	36,2	39,7	29,1	30,8

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [25, 116, 111, 136]*

Аз ҷадвали болоӣ бармеояд, ки ҳам ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатӣ, ҳам теъдоди корхонаҳои саноатӣ, дар умум, дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол афзуда истодааст. Инчунин дар натиҷаи фаъолияти босамар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар як корхонаи саноатӣ низ афзоиш дорад, ки аз рушди маҳсулнокии меҳнат шаҳодат медиҳад, масалан ба ҳар як корхонаи саноатӣ истеҳсоли маҳсулот дар соли 2018 – 11677,9 ҳаз. сомонӣ, соли 2019 – 13201,0 ҳаз. сомонӣ, соли 2020 – 13614,1

ҳаз. сомонӣ, соли 2021 – 15663,7 ҳаз. сомонӣ, соли 2022 – 14699,1 ҳаз. сомонӣ соли 2023 – 13001,4 ҳаз. сомонӣ ва дар соли 2024 бошад дар ҳаҷми 14255,8 ҳаз. сомонӣ мебошад. Новобаста аз омилҳои объективии мавҷуда дар солҳои паҳншавии бемории сироятӣ (солҳои 2020-2021), ҳиссаи ҳар як корхонаи саноатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тамоюли афзуншавиро дошт, ки аз тараққиёти мунтазами соҳа дарак медиҳад.

Дигар нишондиҳандае, ки тамоюли афзуншавии соҳаи саноатро инъикос менамояд, ҳиссаи корхонаҳои дар ҳудуди МОИ ҷумҳурӣ ба қайдгирифташуда мебошад. Агар дар соли 2018 теъдоди корхонаҳои дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ бақайдгирифташуда ба 71 адад расида бошад, ин теъдод дар соли 2024 ба 107 адад расидааст, ки рушд нисбат ба соли 2018 дар умум ба 1,5 баробар аст. Истеҳсоли молҳои саноатӣ дар ҳудуди МОИ ба ҳар як корхонаи амалкунандаи ин ҳудуд сол ба сол афзоиш дорад, ки ин маънои баланд шудани маҳсулнокии меҳнатро инъикос менамояд. Масалан, истеҳсоли молҳои саноатӣ дар ҳудуди МОИ ба ҳар як корхона агар дар соли 2018 ба 6056, ҳаз. сомонӣ рост омада бошад, дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 15934,4 ҳаз. сомонӣ расидааст, ки сатҳи рушд 2,6 маротибаро ташкил медиҳад.

Агар ба ҷадвали болоӣ таваҷҷуҳ намоем, пас мушоҳида мешавад, ки аз 107 корхонаи дар ҳудуди МОИ бақайдгирифташуда соли 2024 танҳо 33 адади онҳо амалкунанда маҳсуб ёфтааст, ки ҳиссаи он ҳамагӣ 38,8% аз теъдоди умумиро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки рушди соҳаи саноат, афзудани корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ дар ҳудуди МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ ва самарабахшии фаъолияти ҷузъҳои он вобастагии зич дорад. Дар марҳилаи муосири рушд, ки бо афзалият пайдо кардани ҳалли масъалаҳои муҳими рушди саноати миллӣ, татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръат, танзими гуногунсамтии иқтисодиёт ва баландбардории рақобатпазирии он тавсиф

дода мешавад, ташаккул ва таъмини инфрасохтори рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар қаламрави МОИ ва ҳам берун аз он аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаб ва рӯзмарра ба ҳисоб мераванд.

Барои муайян намудани маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд дар умум ва дар корхонаҳои МОИ “Суғд” аз нишондиҳандаҳои ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилоят, шумораи миёнаи солонаи кормандони саноати маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят дар умум, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти МОИ “Суғд”, шумораи коргарон дар МОИ “Суғд” ва маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои МОИ “Суғд” дар умум истифода бурдан ҷоиз аст. (ниг. ба ҷадвали 3.2.)

Ҷадвали 3.2. - Маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ва дар корхонаҳои МОИ “Суғд”

	2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилоят (млн. сомонӣ)	13827,2	16053,4	20853,3	23835,4	25694,5	30499,4
Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатӣ дар вилоят (ҳаз. нафар)	35,1	33,2	32,5	32,7	33,1	36,3
Маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят дар умум (ҳаз. сомонӣ)	393,9	483,5	641,6	728,9	776,2	840,2
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти МОИ “Суғд” млн. сомонӣ	168	170	301,2	412,5	352,9	442,0
Шумораи коргарон дар МОИ “Суғд” (нафар)	599	668	774	799	910	930
Маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои МОИ “Суғд” дар умум (ҳаз. сомонӣ)	280,5	254,5	389,1	516,3	387,8	475,2

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [21, 116, 136]*

Маврид ба зикр аст, ки таҳлили дар боло овардашуда ба тамоми қаламрави минтақа тааллуқ дошта, ба он фаъолнокии ҳамаи корхонаҳо новобаста аз мавқеи ҷойгиршавиашон вобастаанд. Агар мушаххасан МОИ “Суғд”-ро таҳлил намоем, соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти МОИ “Суғд” ба 168 млн сомонӣ, шумораи коргаронаш ба 599 нафар ва маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои қаламрави МОИ “Суғд” ба 280,5 ҳазор сомонӣ баробар буд. Солҳои 2020 ва 2021 бошад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти МОИ “Суғд” мутаносибан ба 170 млн. сомонӣ ва 301,2 млн. сомонӣ баробар буда, шумораи коргаронаш бо таносуб ба 668 ва 774 нафар расида буд, ки маҳсулнокии меҳнати онҳо дар МОИ “Суғд” ба 254,5 ва 389,1 ҳаз. сомонӣ баробар дониста шуда буд. Тамоюли афзоишкунандаи нишондиҳандаҳои зикршуда солҳои 2023 ва 2024 низ ба назар мерасад. Агар дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти МОИ “Суғд” ба 352,9 млн сомонӣ, шумораи коргарон дар МОИ “Суғд” ба 910 нафар ва маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои МОИ “Суғд” ба 387,5 ҳаз. нафар расида бошад, пас дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти МОИ “Суғд” ба 442,0 млн. сомонӣ, шумораи коргаронаш дар соли зикршуда ба 930 нафар ва маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои МОИ “Суғд” дар умум ба 475,2 нафар расидааст.

Дар умум, дар шароити имрӯзаи пешрафт ва ҷаҳонишавии босуръати муносибатҳои иқтисодӣ ҷаҳонишавӣ МОИ “Суғд” ба рушди иқтисодиёти кишвар бештар шароит бахшида, асосан ба ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодӣ, татбиқи барномаҳои саноатикунонӣ ва лоиҳаҳои стратегӣ водор мекунад. МОИ “Суғд” барои боз ҳам беҳтар сохтани шароити кору истеҳсолот, рушди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он фаъолият бурда истодааст. Дар асоси бо тарзи оптималӣ ташкил намудани ҷараёни истеҳсолот, самаранок истифодабарии захираҳои моддӣ, ҷалби техника ва технологияҳои муосир, таъминнокӣ бо кадрҳои соҳибихтисос МОИ “Суғд” дар масъалаи

ҳиссагузорӣ ба рушди соҳаи саноати вилояти Суғд, инчунин афзоиши рушди иқтисодиёти ватанӣ саҳми назаррас гузошта истодааст. Дар бораи ин муваффақиятҳо дар асоси факту рақамҳои оморӣ дар боби дуюми рисолаи мазкур батафсил истода гузашта будем. Дар ин ҷо мехостем баъзе заминаҳое, ки ба муваффақиятҳои номбаршуда барои ноил шудан мусоидат кардаанд, мехостем дар алоҳида таъкид намоем:

- ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва дохилӣ ба ҳудуди МОИ, ки аз сиёсати давлатӣ бармеояд;

- аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ё буҷетҳои маҳаллӣ равона намудани маблағгузориҳои муайян барои ташаккул ва рушди инфрасохтори МОИ;

- фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди соҳибкорӣ дар ҳудуди МОИ (дар назар дошта мешавад аз байн бардоштани маҳдудиятҳои маъмурӣ дар ҳудуди МОИ);

- ҳавасманд намудани ташаккули механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар амалӣ намудани барномаҳои рушди МОИ;

- гузоштани сабукиҳои гуногуни андозию гумрукӣ, инчунин маъмурӣ барои ташкили корхонаҳои нави муштарак;

- васеъ истифодабарии механизмҳои ҳавасмандӣ оид ба воридоти техника ва технологияҳои нав, инчунин истифодабарии он дар ҳудуди МОИ.

Чун хулоса гуфтан мумкин аст, ки заминаҳои қайдгардида дар ҳақиқат барои афзоиши ҳиссаи МОИ дар иқтидори истеҳсолии вилоят, инчунин баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва қобилияти воридотивазкунӣ мусоидат намуда истодааст.

Барои боз ҳам беҳтар намудани шароити истеҳсолот, амалӣ намудани муносибатҳо ҳоло дар вилоят чораҳои зарурӣ дар самти беҳтар намудани фазои иттилоотӣ андешида истодааст. Дар ин бора амалишавии ҳукумати электронӣ дар миқёси вилоят саҳми назарраси худро дорад. Илова бар он ҳоло таваҷҷуҳи хоса барои тайёр кардани мутахассисони сатҳи баланд аз

ҳисоби аҳолии маҳаллӣ чораҳои ҷолиб амалӣ шуда истодааст. Алалхусус, бо барномаҳои гуногун, аз он ҷумла барномаи “Дурахшандагон”, барномаҳои Вазорати маориф ва илм, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тарзи квота равона намудани ҷавонон ба марказҳои илмии пешқадами ҷаҳон мисоли он мебошад.

Оид ба ин дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин омадааст: “... Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи таҳсилот ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ доир ба ин масъалаҳо бояд тадбирҳои муассир андешида, рушди босуботу устувори муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар солҳои наздик таъмин намоянд...” [3, с. 21-22].

Ташкил ва амалӣ намудани МОИ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне дар минтақаҳои алоҳида, яъне Суғд, Хатлон, ВМКБ, агар бо тарзи умумӣ арзёбӣ намоем, мутобиқи барномаҳои махсус оид ба таъмини рушди соҳаҳои муайян дар сатҳи минтақаҳо мебошад. Вале дар ҳар як минтақа дар навбати худ омилҳои дохилӣ ва беруна мавҷуданд, ки аз як ҷиҳат барои рушд мусоидаткунанда бошанд, аз тарафи дигар

монеаҳо низ эҷод менамоянд. Масалан, барои фаъолияти МОИ “Суғд” ба омилҳои дохилие, ки мусоидаткунандаи рушди МОИ мебошад, зеринҳоро метавонем ворид намоем:

- аз давраи қаблӣ мерос мондани корхонаҳои калони саноатӣ;

- мавҷудияти қувваи кории арзон ва афзоиши он;

- мавҷудияти инфрасохтори муайяни саноатӣ;

- нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ сатҳи баланди таъминнокии соҳаи саноати вилоят бо кадрҳои баландихтисос.

Дар навбати худ ба омилҳои монеъкунандаи рушди соҳаи саноати вилоят зеринҳоро дохил кардан мумкин аст:

- нопурра истифодабарии иқтидорҳои лоиҳавии корхонаҳои саноатӣ;

- мавҷудияти мушкилоти зиёд дар масъалаи дарёфт ва истифодабарии воситаҳои гардон дар соҳаи саноат;

- сатҳи нисбатан баланди муфлисшавии корхонаҳои саноатӣ бо сабаби рақобатпазир намудани истеҳсолот;

- афзоиши баланди тарки кадрҳои баландихтисос аз иқтисодиёти вилояти Суғд ба дигар кишварҳо;

- бо тарзи зудӣ фарсудашавии техника ва технологияи истеҳсолот дар соҳаи саноат;

- дар сатҳи нокифоя ба роҳ монда шудани фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ.

Албатта, ин омилҳои мусоидаткунанда ва монеъкунандаро боз ҳам идома додан мумкин аст, вале номгӯи қайдгардида масъалаи мубрамияти танзими онҳоро ба миён мегузорад. Бинобар ин дар масъалаи баланд бардоштани фаъолияти самаранокии МОИ идора намудани он омилҳое, ки дар боло зикр гардиданд, мувофиқи мақсад мегардад.

Баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар МОИ “Суғд” бидуни танзими омилҳои дар боло зикргардида таъсиси механизми нави логистикӣ ба ақидаи мо ҷолиби

диққат аст. Зеро бо таъсиси ин маркази логистикӣ имкониятҳои МОИ дар самти баромадан бо тавассути Роҳи Абрешим боз ҳам афзоиш меёбад.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби мо қолаби иқтисодӣ-риёзӣ таҳия гардид, ки баҳогузории нақши иҷтимоию иқтисодии МОИ “Суғд”-ро имкон медиҳад. Моҳияти қолаби пешниҳодшуда - тадқиқи нақши корхонаҳои МОИ “Суғд” дар истеҳсоли МММ вобаста аз суръати афзудани истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд”, воридоти андозҳо аз ҷониби субъектони МОИ “Суғд”, теъдоди корхонаҳо ва миқдори ҷойҳои корӣ дар қаламрави он, инчунин ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаи озоди мазкур дар иқтисодиёти вилоят мебошад.

Дар ин ҷо ҳамчун омилҳои дохилӣ, ки барои таҳияи амсилаи иқтисодии риёзӣ ворид карда шудааст, аз нуктаи назари таъсири онҳо ба фаъолияти МОИ “Суғд” интихоб карда шудааст. Ҳамчун натиҷаи вопасини интизорӣ дар ҳар як минтақаҳои алоҳида, ки дар натиҷаи самаранок истифодабарии омилҳои истеҳсолӣ афзоиш меёбад, МММ мебошад. Аз ин лиҳоз, вақти таъсис додани амсилаи иқтисодии риёзӣ омилҳое, ки аз фаъолияти МОИ “Суғд” бармеояд, ҳамчун нишондодҳои омилӣ ба инобат гирифта мешавад.

Бо мақсади муайян кардани нақши МОИ “Суғд” дар истеҳсоли МММ мо ба сифати нишондиҳандаи ҷамъбастӣ ва омилӣ нишондиҳандаҳои зеринро қабул кардем:

У – МММ (млн. сомонӣ);

X_1 - маҳсулоти МОИ “Суғд” (млн. сомонӣ);

X_2 - воридоти андозҳо (млн. сомонӣ);

X_3 - теъдоди корхонаҳо (адад);

X_4 - миқдори ҷойҳои кори субъектҳо (нафар);

X_5 - ҳаҷми сармоягузории субъектҳо (млн. сомонӣ).

Давраи тадқиқот солҳои фаъолияти субъектҳои асосии МОИ “Суғд”-ро фаро мегирад. Вобаста ба ин маълумотҳо хеле зиёданд, аммо мо баъзе аз онҳоро дар ҷадвали 3.3 пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 3.3. - Нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ ва омилҳои таъсиррасон дар иқтисодиёти вилояти Суғд

Солҳо	ММП (млн. смн.)	Маҳсулоти МОИ “Суғд” (млн. смн.) (x1)	Воридоти андозҳо (млн. смн.) (x2)	Теъдоди корхонаҳо (x3)	Миқдори ҷойҳои кори субъектҳо (x4)	Ҳаҷми сармоягузории субъектҳо: (млн. смн.) (x5)
2011	7179,3	11,4	0,0944	7	180	4,7
2012	8961,2	21,7	0,4344	11	89	12,6
2013	10439,9	43,6	0,6917	14	196	11
2014	11530,5	45,1	1,1359	17	263	9,5
2015	12036,9	57,3	1,5678	18	380	8,5
2016	14654,8	73,4	1,9274	20	389	3,1
2017	17510,7	80,1	2,1487	21	385	1,7
2018	18343,8	116,1	2,6358	23	530	19,7
2019	20537,1	167,5	3,1996	26	599	9,5
2020	21621,9	169,9	4,4288	26	668	16,9
2021	27465,4	301,2	5,2918	29	774	18,1
2022	31939,2	412,5	4,9543	35	799	23,7
2023	35177,4	352,9	6,13	35	910	32,0
2024	42433,3	441,9	8,2	41	930	47,3

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маводи [22, 111, 116, 136]*

Бо истифода аз бастаи махсуси барномаҳои амалӣ бо фарзияи “statistic” тариқи мошинаи электронӣ-ҳисоббарорӣ ҳисобҳо амалӣ карда шуданд.



Расми 3.1.– Бастаи махсуси барномаҳои амали бо фарзияи “statistic” тариқи мошинаи электронӣ-ҳисоббарорӣ

Манбаъ: *аз ҷониби муаллиф таҳлил ва ҳисоббарорӣ дар барномаи компютерӣ анҷом дода шудааст.*

Дар ҷадвали 3.4 қиматҳои ҳисобшудаи ченакҳои дар қолаб тадқиқшударо меорем.

Ҷадвали 3.4. - Қиматҳои ҳисобии андозаҳои тадқиқшуда

Нишондиҳанда	**Ифода**
Аъзои озод	3872,7
Коэффитсиенти коррелятсия	0,9952
R-квадрат	0,9905
S	0,984
F	0,0000717
F	167,31
Мушоҳида	14

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Натиҷаҳои ба даст овардашударо таҳлил менамоем. Дар аввал коэффитсиенти интихобии коррелятсияро (R=0,9952) баррасӣ менамоем. Ин маънои онро дорад, ки дар байни нишондодҳои интизорӣ ва омилӣ робитаи зич мавҷуд аст.

Баъдан қимати коэффитсиенти детерминатсия D=(R2) х100%= 99,05 % муқаррар карда шудааст. Аз ин бармеояд, ки вариантҳои хусусияти ҷамъбастӣ дошта, тағйир ёфтани истеҳсоли маҷмуаи маҳсулоти минтақа дар ҳаҷми 99,05 % баробар аст, ки таъсири хусусиятҳои омилии ба қолаб дохилкардашуда (суръати афзудани истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд”, воридоти андозҳо аз ҷониби субъектони МОИ “Суғд”, теъдоди корхонаҳо ва миқдори ҷойҳои корӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаи озод) вобаста карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки омилҳои таҳқиқкардашуда дар муайян кардани нақши МОИ “Суғд” дар истеҳсоли ММ афзалият доранд.

Дар натиҷаҳои бадастомада инчунин коэффитсиентҳои ба ном кашиши (тағйири) ҳар як омил зикр шудаанд, ки дараҷаи тағйироти онҳо, яъне таъсири онҳоро ба нишондиҳандаи интизорӣ инъикос менамояд. Коэффитсиенти мазкур дар ҷадвали 3.5 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3.5. - Коэффитсиенти кашиши (тағйири) омилҳо

Аломатҳои омилҳо	Тағйирёбии аломати натиҷавӣ
Истеҳсоли маҳсулот дар МОИ “Суғд”	23,177
Воридоти андозҳо аз ҷониби субъектони МОИ “Суғд”	1983,7
Теъдоди корхонаҳо дар МОИ “Суғд”	349,5
Миқдори ҷойҳои корӣ дар МОИ “Суғд”	-5,029
Ҳаҷми сармоягузорӣ дар МОИ “Суғд”	47,37

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Дар ҷадвали 3.5 нишон дода шудааст, ки то кадом дараҷа хусусияти ҷамъбастӣ ҳангоми зиёдкунии хусусияти мутобиқи омилӣ ба воҳиди

муайян тағйир меёбад. Ҳангоми муқоисаи коэффитсиенти кашиш (тағйир) аз рӯйи қимати мутлақ гуфтан мумкин аст, ки тағйирёбии нишондоди интизорӣ, яъне тамоюлоти афзоиши ҳаҷми МММ аз вазъи ҳолати тамоюлоти нахуст аз теъдоди корхонаҳои фаъолияткунанда дар қаламрави МОИ “Суғд”, сипас ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ҳудуди МОИ “Суғд” нисбатан ҳассос аст.

Дар асоси қиматҳои коэффитсиентҳои кашиш (тағйири)-и ҳар як омил шакли қолаби регрессионро нишон додан мумкин аст:

$$Y = 3872,7 + 23,11\ X_1 + 1983,77\ X_2 + 349,57\ X_3 - 5,029\ X_4 + 47,37\ X_5 \quad [2]$$

Аз амсилаи иқтисодии риёзӣ ҳисобкардашуда чун хулоса таъкид кардан мумкин аст, ки дар шароити муосир дар тағйироти таркибии ҳаҷми МММ зиёдшавии воридоти андозҳо аз ҷониби субъектони МОИ “Суғд” мавқеи пешбарандаро дорад. Пас аз он бошад, нақши дуюмро теъдоди корхонаҳо дар МОИ “Суғд” ва дар ҷои сеюм бошад, ҳаҷми сармоягузорӣ дар МОИ “Суғд” ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки агар бо тавассути эҳё намудани шароити муносиб ё ин ки бештар намудани маъмурикунонии андоз дар ҳудуди МОИ “Суғд”, воридоти андозҳо аз ҷониби субъектони МОИ “Суғд” афзоиш дода шавад, ин мустақиман саҳми МОИ “Суғд”-ро дар афзоиши рушди иқтисодии вилоят таъмин менамояд. Бо ин васила иқтидори истеҳсолии вилоят низ афзоиш меёбад. Ин мантиқан дуруст аст. Вале дар ин ҷо боиси зикр аст, ки на танҳо афзоиши теъдоди корхонаҳо дар ҳудуди МОИ “Суғд”, балки фаъолияти самаранокии онҳо, яъне натиҷаҳои мусбие, ки имрӯз корхонаҳои саноатӣ дорад, дар ҳудуди МОИ нигоҳ дошта шуда бошад ё ки суръати нав дода шуда бошад, инчунин ҷойҳои нави корӣ афзоиш ёбад, он гоҳ ин ақида дуруст мебошад.

Бинобар ин баҳри баланд бардоштани самаранокии корхонаҳое, ки дар ҳудуди МОИ “Суғд” фаъолият доранд, дар навбати аввал бояд шароити мусоиди инвеститсионӣ фароҳам оварда шуда бошад. Зеро танҳо афзоиши инвеститсияҳо ба фондҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои МОИ “Суғд” барои инкишоф ё ин ки барои афзоиш додани теъдоди корхонаҳо имконияти заминавӣ мегузорад.

Дар асоси суханҳои қайдгардида метавонем гӯем, ки на танҳо дар МОИ “Суғд” дар дигар МОИ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, барои нигоҳ доштани рақобатпазирии худ, таъмини рушди устувор ба масъалаҳои зерин аҳаммияти аввалиндараҷа диҳад:

- ҷалби кадрҳои баландихтисос, мутахассисони соҳа;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини ҷаззобияти минтақа ҳам барои сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам ба сармоягузорони ватанӣ;

- истифодабарии техникаву технологияи нав дар истеҳсол ва пешниҳоди молу маҳсулот;

- ворид намудани технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар истеҳсолоти молу маҳсулот;

- ташкил намудани фаъолияти оптималии маркетингии ҳудудӣ дар МОИ;

- таҳияи механизмҳои махсуси ҳавасмандии давлатӣ дар ҳудуди МОИ;

- таҳияи стратегияҳои рушди корхонаҳои дар ҳудуди МОИ оид ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ;

- таъсиси консепсияҳои рушди МОИ аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо.

Сабаби асосии таваҷҷуҳ барои рушди МОИ дар он аст, ки дар ин замина имкониятҳои минтақа барои ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва воридотивазкуниро таъмин намояд.

Ҳоло тибқи барнома ва консепсияҳои рушди иқтисодиёти минтақа дар ҳар як МОИ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, амалишавии лоиҳаҳои сармоягузории бузург дар назар аст. Алалхусус, ҳар сол дар ҷараёни ташрифи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қаламрави МОИ “Суғд” корхонаҳои нави саноатӣ ба истифода дода мешавад.

Зимни сафарҳои кории худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд санаи 19 ноябри соли 2024 дар МОИ “Суғд” корхонаи ҶДММ “Сайр Суғд”–ро расман ифтитоҳ намудаанд.

ҶДММ “Сайр Суғд” бо Қарори Маъмурият аз 15 ноябри соли 2023, №19 дар асоси қисми 4-и моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва протоколи №7 ҷаласаи комиссияи Муассисаи давлатии Маъмурияти МОИ “Суғд” ҳамчун субъекти минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ба қайд гирифта шуд, Тасдиқнома таҳти №4884510057 супорида шудааст.

Корхонаи истеҳсолии мазкур аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Умаров Мирзоҷон Яқубович бо маблағгузории 23,00 млн. сомонӣ (2 000 000 доллари ИМА) таъсис дода шуда, бо истеҳсоли бозичаҳои бачагона (мошинчаҳо) ва трисиклҳои барқӣ машғул буда, зиёда аз 60 нафар кормандон дар ду баст кор мекунанд. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол аз 240000 адад мошинчаҳои бачагона ва зиёда аз 3000 адад трисиклҳои барқӣ иборат мебошад.

Пешбурди содирот ва ҷойивазкунии маҳсулоти воридоти вилояти Суғд бо 5 вилоятҳои Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад. Аз ин лиҳоз нақши вилоят ҳамчун маркази транзитӣ байни дигар кишвар ва кишварҳои ИДМ дорои аҳамияти махсус мебошад.

Ҳамзамон МОИ “Суғд” дар якҷоягӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи “Баланд бардоштани рушди устувории соҳаи кишоварзӣ” дар мавзеи МОИ “Суғд” барои сохта ба истифода додани “Марказҳои тақсимоти яклухти маҳсулоти кишоварзӣ ва сохтани сардхона” 2 гектар замин ҷудо намудааст, ки аз тарафи Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳангоми пурра ба истифода додани маркази мазкур 15 нафар ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар маҷмуъ аз ҷониби 7 адад субъекти навтаъсис маблағгузории 5,4 млн. доллари ИМА, аз он ҷумла сармояи хориҷӣ ба маблағи 3,5 млн. доллари ИМА ва сармояи ватанӣ ба маблағи 1,9 млн доллари ИМА бо таъсиси 240 адад ҷойи корӣ доими пешбинӣ мегардад.

Дар шароити имрӯза яке аз омилҳое, ки метавонад ба рушди истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда ва дар ин замина афзун намудани маҳсулоти содиротӣ мусоидат намояд, ин такмил додани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Дар ин самт афзалият додан ба истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ба ин васила рақобатпазир намудани молҳои истеҳсоли худӣ метавонад дар ҳалли як қатор мушкилиҳои соҳаҳои истеҳсолӣ мусоидат намояд.

Дар вилоят ҳоло ҳам иқтидорҳои мавҷуда ва имкониятҳои истеҳсолӣ пурра истифода бурда намешаванд. Хусусан, иқтидорҳои бузурги истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда ба монанди маҳсулоти кишоварзӣ, нассоҷӣ, дӯзандагӣ, ресандагӣ, мебел ва коркарди оҳан мавҷуд мебошанд.

Ба роҳ мондани диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ метавонад дар рушди содироти маҳсулоти соҳа заминаи мустаҳкам гузорад, зеро дар таркиби сохтори содироти маҳсулоти кишоварзӣ асосан бартарияти меваҷот, пахта, меваи хушк, пиёз, пӯст ва пилла ба назар мерасад. Дар ин самт беҳтар намудани сифати маҳсулот, банду баст, тамғагузорӣ, реклама ва дар ин замина рақобатпазир намудани он яке

самтҳои афзалиятнок дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди вилоят маҳсуб меёбад.

Бунёд гардидани инфрасохтори зарури наздисарҳадӣ (шоҳроҳи Айнӣ – Панҷакент - сарҳади Ӯзбекистон, Деҳмой – Конибодом - Исфара - сарҳади Ӯзбекистон ва Қирғизистон, бозорҳои наздисарҳадӣ) ба рушди гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намуда, дар доираи Барнома ҳамчун афзалият пайгирӣ карда мешавад. Бинобар ин, таъсис ва фаъолгардонии бозорҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикию нақлиётӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен ва Ашт яке аз афзалиятҳои асосии рушди савдои наздисарҳадӣ маҳсуб меёбад. Мушкилоти асосии алоқаманд бо савдои хориҷиро ба таври зайл баён мекунем: расмиёти мураккаб ҳангоми гузаштани марз (ҳамчун монеа барои воридкунандагон ва содиркунандагони молу маҳсулот); самаранокии пасти истеҳсолоти мавҷудаи содиротӣ, бахусус сатҳи пасти даромаднокии бахши энергетикӣ, зарурати пешбурди лоиҳаҳои инвеститсионии саноатӣ, инфрасохторӣ, содиротӣ ва сайёҳӣ, инчунин лоиҳаҳои ҷойгузинкунии маҳсулоти воридотӣ; диверсификатсияи сусти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии ба содирот нигаронидашуда.

Дар давраи миёнамуҳлат таъмини намудани афзоиши содирот ва ҷойгузин намудани маҳсулоти воридотӣ яке аз вазифаҳои асосии вилоят ба ҳисоб меравад. Барои ба даст овардани мақсади асосӣ татбиқи вазифаҳои зерин зарур аст:

- баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи ватанӣ ва мутобиқ кардани он ба стандартҳои байналмилалӣ, ба монанди ISO, HACCP, GlobalGap;

- инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунанда;

- такмилдиҳии низоми маркетинг ва брендинги маҳсулоти ватанӣ;

- рушди саноати заргарӣ;

- рушди истеҳсоли меваҳои хушк ва донакдор;

- рушди истеҳсоли шакар;

- рушди саноати истихроҷи маъдан.

Бо мақсади рушди содирот чорабиниҳои зерин татбиқ хоҳанд шуд:

- корбарӣ бо сохторҳои сатҳи миллӣ ҷиҳати татбиқи ислоҳоти миллӣ оид ба содда кардани расмиёти содиротӣ ва воридотӣ;

- баланд бардоштани иқтидори содироткунандагон дар вилоят бо мақсади таъмини рақобатпазирии молу маҳсулот ва хизматрасонии корхонаҳои содироткунанда;

- мусоидат дар таъмини дастгирии молиявии корхонаҳои содироткунанда аз ҳисоби рушди механизмҳои молиявию қарзӣ; таҳияи низоми таъминот бо ашёи хом барои саноати коркард;

- ба кор андохтани корхонаҳои замонавии ба навъҳо ҷудокунӣ ва бандубасти маҳсулот;

- барқароркунии ҳунарҳои мардумӣ аз қабили қолинбофӣ, адрасу атласбофӣ ва рушди саноати заргарӣ;

- бартараф намудани монеаҳо ҷиҳати рушди бахшҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда;

- бартараф намудани монеаҳои дохилӣ ҷиҳати вусъатдиҳии содирот.

3.2. Такмили танзими фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар МОИ

Шаклҳои дастгирии давлатии рушди инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ МОИ, пеш аз ҳама, дастгирии молиявӣ дар асоси ройгон, маблағгузориҳо аз ҳисоби барномаҳои давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд, пешниҳод намудани андозҳои имтиёзнок ба корхонаҳои хурде, ки навъҳои фаъолияти афзалиятноки иқтисоди миллиро амалӣ мегардонанд; қарзҳои имтиёзнок ва суғуртакунии

субъектҳои соҳибкории хурд; дар асоси озмун ба корхонаҳои хурд пешниҳод намудани фармоишоти давлатӣ доир ба истеҳсол ва таҳвили навъҳои гуногуни маҳсулот ва кору хизматрасониҳо барои манфиатҳои давлатӣ ва шаклҳои дигари дастгирӣ мебошанд.

Бинобар ин равияҳои такмили танзими давлатӣ ва механизмҳои дастгирии он дар шароити муосир дар навбати аввал барои беҳтар намудани шароити мусоид барои бахши соҳибкорӣ мебошад. Яке аз механизмҳои чунин дастгирӣ ҳоло густариш додани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Аз ин лиҳоз дар ҷараёни такмили механизми танзим ва дастгирии давлатӣ дар шароити муосир ба коркарди фишанги шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти хоса бояд дод.

Зеро дар ин механизм барои ноил гардидан ба самараи синергетикии бахши давлат ва бахши хусусӣ имконпазир мегардад. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ бештар ба соҳаи инфрасохторро дарбар мегирад. Дар ин маврид "...фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва амсоли он барои рушди соҳаи инфрасохтор бо захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва инноватсионӣ ифода меёбад...". [82, с. 73].

Бинобар ҳамин, миқдори чунин корхонаҳо дар тӯли панҷ-даҳ соли охир дар ин манотиқи кишвар хеле зиёд гаштанд. Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ чораҳоро барои васеъ намудани иштироки ҳама шаклҳои соҳибкорӣ, дар муомилоти содиротию воридотӣ, намоишу ярмаркаҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба амал мебароранд. Дар ин самт олимони ватанӣ чунин пешниҳод менамоянд: "...Вобаста ба ин, бинобар ба маълумоти оморӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар МОИ кишвар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Масалан, дар

МОИ «Суғд», тибқи маълумоти оморӣ ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ва андозҳои пардохтшуда суръати болоравиро инъикос намудааст. Дар ҳамин ҷода пешниҳод менамоем, ки баҳри пешрафти соҳа ва таъмини МОИ кишвар бо мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ дар мавридҳои созгор дар муассисаҳои марбутаи таълимии мамлакат хусусиятҳо, қоидаву қонуниятҳо ва бартариятҳои фаъолият дар МОИ пайваста омӯзонида шаванд...” [102, с. 82]. Бинобар ин, раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат дар замони хеле душвори иқтисодӣ, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуда, дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз тарафи ҳукумат баҳри таҳаввулоти саноатӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад [48].

Дар ҳудуди вилояти Суғд нисбатан корхонаҳои калонҳаҷм, ки беш аз 200 корхонаҳои муштарак, ҷамъиятҳои саҳҳомии кушода, пӯшида ва ғайра барои баланд бардоштани истеҳсолоти маҳсулотҳои саноатӣ ҳиссагузорӣ менамоянд. Дар байни онҳо калонтарин корхонаҳои зерин: ҶСК «Қолинҳо», КМ «Ҷавонӣ», ҶСК «Зиннат», ҶСК «Файз», ҶСК «Анзоб», КМ «Зарафшон» ва ғайраҳо мебошанд.

Фаъолияти ин корхонаҳо дар асоси сармоягузории мустақим амалӣ шуда истодааст. Умуман, дар солҳои охир нақши сармояи мустақим дар рушди иқтидори истеҳсоли вилоят хеле муҳим аст. Оид ба воридоти сармояи хориҷӣ дар вилоят дар яке аз сарчашмаҳо чунин омадааст: “...Тайи бист соли охир, ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст. Аз ин маблағ сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди саноат ҷалб гардидааст...” [2].

Дар 9 моҳи соли 2025 дар умум, 109 корхонаю ташкилотҳо бо сармояҳои хориҷӣ фаъолият намуданд. Дар ин давра ба вилояти Суғд 265,4 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба

ҳамин давраи соли гузашта 2,5 баробар зиёд шудааст.

Аз ҳаҷми умумии сармояҳои хориҷӣ 156,9 млн. долларро сармояҳои мустақим ва 108,5 млн. долларро дигар сармояҳо ташкил медиҳанд, ки он нисбат ба соли гузашта мутаносибан сармояҳои мустақим 3,8 баробар ва дигар сармояҳо 1,7 баробар зиёд шудааст.

Ҳаҷми сармояи хориҷӣ дар ин давра баргардонидашуда 128,5 млн. долларро ташкил дода, аз он ҷумла сармояи мустақим 47,0 млн. доллар, сармояи ҷомадонӣ 0,5 млн. доллар ва дигар сармояҳо 81,0 млн. долларро ташкил медиҳад.

Бақияи арзиши сармояҳои ба вилоят воридшуда то 1 октябри соли 2025 989,4 млн. доллар, аз он ҷумла сармояҳои мустақим 761,1 млн. доллар, ҷомадонӣ 0,8 млн. доллар ва дигар сармояҳо 227,5 млн. долларро ташкил додааст, (ниг. ба ҷадвали 3.6).

Ҷадвали 3.6. - Воридоти сармоя ба вилояти Суғд

млн. доллари ИМА

	с. 2018	***с. 2019***	***с. 2020***	***с. 2021***	***с. 2022***	***с. 2023***	***с. 2024***	***дар 9 моҳаи соли 2025***	***9 моҳи соли 2025нисбат ба 9 моҳаи 2024***
Ҳамагӣ	**255,5**	**280,0**	**147,6**	**291,1**	**197,9**	**112,9**	**160,5**	**265,4**	**2,5**
воридоти сармояи мустақим	171,0	182,3	79,6	182,0	134,7	20,05	73,3	156,9	3,8 бар
воридоти сармояи ҷомадонӣ	0,0	0,1	-	0,0	0,2	-	0,4	-	1,7 бар
воридоти дигар сармояҳо	84,5	97,5	68,0	109,1	63,0	92,4	86,8	108,5	1,7 бар
шумораи таш-килотҳое, ки ҳисобот пешниҳод надорад.	136	117	116	105	99	125	144	109	100,9

Манбаъ: *Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [20]*

Сармояи хориҷӣ, ки дар нуҳмоҳаи соли 2025 ба вилоят ворид шудааст, аз давлатҳои Люксембург 60,2 млн. доллар – 22,7 фоиз, Ҷумҳурии Мардумии Чин 151,3 млн. доллар – 57,0 фоиз, Олмон 19,6 млн. доллар – 7,4 фоиз, Британияи Кабир 8,7 млн.доллар – 3,3 фоиз ва ғайра мебошад.

Воридоти сармояҳои хориҷӣ асосан ба соҳаҳои фаъолияти молиявӣ 42,3 фоиз, саноати истихроҷи маъдан 55,3 фоиз, саноати коркард 2,3 фоиз ва ба дигар соҳаҳо 0,1 фоиз равона гардидааст.

Ҳолат ва хусусиятҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар бахши соҳибкории вилояти Суғд хос аст. Тамоюли инкишофи бахши соҳибкориро дар вилояти Суғд таҳлил карда, арзёбии шароитҳои ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар бизнес-сохторҳо сурат гирифтааст, ҳамчунин МОИ “Суғд” ба ҳайси муҳаррики соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа баррасӣ гардидааст.

Боиси қайд аст, ки фаъолнокии инноватсионӣ дар бахши соҳибкории иқтисодиёти вилояти Суғд хусусияти ноустувор дорад.

Дар иқтисодиёт, ки дар асоси принсипҳои бозори хоҷагидорӣ асос ёфтааст, соҳибкорӣ заминаи асосӣ ва субъекти муҳимми он ба ҳисоб меравад. Дар ин шароит субъектҳои хоҷагидорӣ, яъне ҳама гуна намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси худмаблағгузорӣ, худидоракунӣ, мустақилият, худмолиягузорӣ амалӣ карда мешавад. Бинобар ин ҳар як субъекти соҳибкорӣ барои дарёфти ашёи хом, самаранок истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ, таъмини фурӯши маҳсулотҳои истеҳсолкардаи худ масъулияти мустақилона дорад. Чунин шароити фаъолият нисбат корхонаҳои воқеъ дар ҳудудҳои МОИ низ тааллуқ дорад. Аз ин лиҳоз, субъектҳои хоҷагидор дар ҳудуди МОИ бояд дар навбати аввал вазъи бозори дохила ва берунаро бо фишангҳои

фаъолияти маркетингӣ таҳқиқ намуда, хулосаҳои ҷолиби талаботи муосир оид ба истеҳсоли молу маҳсулот, ҷалби технологияи муосир, фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардашуда, қарорҳои дахлдорро қабул менамояд [36]. Масалан, ҳоло ба вазъи саноат дар вилояти Суғд тавсифи умумӣ диҳем, гуфтан мумкин аст, ки ҳоло дар сохтори саноати вилоят соҳаҳои саноате, ки ба технологияҳои баланди саноатӣ (саноати кайҳонӣ, компютерӣ, телекоммуникатсионӣ, нанотехнологӣ ва ғайра) мавҷуд нест. Яъне дар сохтори саноатии вилоят асосан соҳаҳои саноати пасттехнологӣ (саноати бофандагӣ, пойафзол, хӯрока, нӯшока ва ғайра) ҳиссаи бузургро дорад. Бинобар ин ҳоло зарурати ташаккули саноат бо технологияҳои баланд масъалаи мубрам барои оянда боқӣ мемонад.

Олими ватанӣ М. Файзуллоев низоми инноватсионии минтақавиро чунин маънидод мекунад: “...маҷмуи ташкилотҳо (сохторҳо)-и ба ҳам алоқаманд, ки бо истеҳсол ва фурӯши тиҷоратии дониш ва технологияҳо машғуланд ва инчунин, маҷмуи муассисаҳои хусусияти ҳуқуқӣ, моддию молиявӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ дошта мебошанд, ки ҳамкории мутақобилаи ташкилоту сохторҳои таълимӣ, илмӣ, соҳибкорӣ ва ғайритиҷоратиро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар сатҳи минтақавӣ таъмин мекунанд...” [139].

Таҷрибаи иқтисодии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, хусусан ИМА, Чин, Олмон, Фаронса, Ҳолланд, Ҷопон, Канада ва ғайра нишон медиҳад, ки аҳамияти иҷтимоию иқтисодии соҳибкорӣ истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолӣ ва истифодаи иқтидори захираҳои табиии кишварро муайян мекунад. Қайд гардидааст, ки “...дар ин замина, ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ бо мақсади қонеъ кардани ниёзҳои шаҳрвандони алоҳида ва ҳам давлат, дар маҷмуъ, стратегияи рушди бахши соҳибкорӣ ва системаи устувори иқтисодии

минтақавӣ ба даст меояд. Албатта, ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз фаъолияти самараноки соҳибкорӣ, аз ҷумла бекорӣ, камбизоатӣ, рушди истеҳсолот ва ғайра вобаста аст...” [84, с. 201-207].

Дар шароити муосир дар иқтисодиёти вилояти Суғд фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Бо ибораи дигар гӯем, ҳоло ташаккул намудани иқтисодиёти инноватсионӣ дар ҳудуди вилояти Суғд дар марҳилаи аввал мебошад, ки ҳолати мазкур сабабҳои гуногунро дорад. Ба ин гуна сабабҳо метавонем зеринҳоро ворид намоем:

- мавҷудияти монеаҳои гуногуни маъмурӣ дар ҷараёни ташаккул ва фаъолияти соҳибкороне, ки дар соҳаи соҳибкории инноватсионӣ;

- нокофӣ будани захираҳо ё ин ки маҳдудияти маблағҳои соҳибкорӣ барои рушди фаъолияти инноватсионӣ;

- мавҷудияти рақобати шадид дар соҳаи инноватсионӣ бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти хориҷӣ;

- норасоии кадрҳои баландихтисос дар бахши соҳибкорӣ барои ташаккули фаъолияти инноватсионӣ;

- дар бештари сохторҳои соҳибкорӣ мавҷуд набудани стратегияи инноватсионӣ;

- коркард ва татбиқ нашудани механизми дастгирии давлатӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ;

- сатҳи пасти рақобатпазирии соҳибкорони ватанӣ, ки имконияти васеъ намудани фаъолияти инноватсиониро маҳдуд менамояд.

Дар натиҷаи сабабҳои дар боло зикргардида метавонем гӯем, ки ҳоло истеҳсоли маҳсулотҳои инноватсионӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи минтақаҳо хеле кам аст. Вале бо тавассути баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот дар МОИ «Суғд» ва дигар МОИ, ки дар

қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, барои истеҳсоли маҳсулотҳои инноватсиониро афзоиш додан имкониятҳо мавҷуданд. Вале масъалаи мазкур бевосита аз ҷалби сармояи хориҷии мустақим вобастагӣ дорад. Зеро сармояи хориҷии мустақим таъиноти асосиаш вориди техникаву технологияи нав ва бунёди корхонаҳои нави инноватсионӣ мебошад. Дар ин маврид таваҷҷуҳи худро ба ҷалби сармояи хориҷии мустақим дар МОИ, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият дорад, медиҳем.

Барои ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз роҳҳои муҳимтарин рушди МОИ мебошад, ки давлат мувозинати онро таъмин карда метавонад. Ҳамаи корхонаҳои саноатии дар минтақа ташкилшаванда бояд ба истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи технологияҳои нав самтгирӣ кунанд, ки пешрафти илму техникаро дар оянда муайян менамояд.

Боиси зикр аст, ки барои ташаккул ва рушди амалиётҳои инноватсионии бахши соҳибкорӣ, ки дар ҳудуди МОИ, ҳам берун аз он ҳамчун субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ фаъолият мекунанд, дар зери таъсири омилҳои зиёд қарор дорад. Дар ин ҷо мехостем бо тарзи схема мундариҷаи омилҳоро инъикос намоем. Омилҳоеро, ки ба фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, дар расми 3.2. дида мебароем:



Расми 3.2.- Муҳит ва омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Аз рӯи расми додашуда маълум мегардад, омилҳои асосие, ки ба фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, хислати махсус доранд: омилҳои инноватсионии дохилаи иқтидори илмӣ-техникӣ; иқтидори иттилоотии молиявӣ ва кадрҳои баландихтисос дар шароити иқтисодиёти рақамӣ.

МОИ минтақаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҷудошуда мебошанд, ки дар он ҳукуматҳо фаъолияти саноатиро тавассути ҳавасмандгардонии андоз ва танзим ва дастгирии инфрасохтор пеш мебаранд ва дар аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва бисёр пешрафта ба таври васеъ истифода мешаванд. Дар

ҳоле, ки иҷрои бисёр минтақаҳо аз интизориҳо пасттар боқӣ монда, сармоягузориҳои назаррасро ҷалб карда наметавонанд ё берун аз ҳудуди худ таъсири иқтисодӣ ба вуҷуд намеоранд, минтақаҳои нав инкишоф меёбанд, зеро ҳукуматҳо барои фаъолияти байналмилалии саноатии мобилӣ рақобат мекунанд [75].

Баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ тавассути ташкили дастгирии иттилоотию машваратии корхонаҳо бо мақсади баланд бардоштани иқтидори онҳо барои содирот ва такмилдиҳии низоми маркетинги маҳсулоти ватанӣ таъмин мегардад.

Дар натиҷаи вусъат бахшидан ба коркарди маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ба даст овардани даромади иловагӣ вазифаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд:

- ҷорӣ намудани технологияҳои нави коркарди маҳсулот;

- ҷорӣ намудани технологияҳои нави бастубанд;

-истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷудаи коркард тавассути таъмини пурраи талабот бо ашёи хом;

- ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои нав.

Ҳалли вазифаҳои мазкур ба таъсис додани ҷойҳои кори нав, зиёдшавии арзиши иловаи маҳсулот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот замина гузошта, ба афзоиши содирот ва пешбурди маҳсулоти вилоят ба бозорҳои рақобатноки кишварҳои ИДМ оварда мерасонад.

Мушкилоти асосии МОИ инҳоянд: норасоии техникаю технологияҳои нав (то 70 фоиз); даромаднокии нокифояи истеҳсолот; истифодаи нокифояи иқтидорҳои истеҳсолӣ (аз 5 то 25 фоиз); норасоии воситаҳои молиявӣ; норасоии кадрҳои баландихтисос ва ғайра.

Афзалияти асосӣ дар соҳаи мазкур рушди саноати сабук дар заминаи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Барои рушди саноати сабук ҳадафҳои зерин муайян карда шуданд:

- зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар саноати сабук;

- афзун намудани коркарди пурраи ашёи хоми дар дохили кишвар истеҳсолшуда;

- баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулот;

- рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ;

- омодасозии кардрҳои соҳаи саноати сабук;

- тақвияти фаъолият дар самти маркетинг.

Барои расидан ба ҳадафҳои пешбинигардида масъалаҳои зерин бояд ҳалли худро ёбанд:

- беҳтар намудани истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ;

- гузаронидани модернизатсия ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳо;

- рақобатпазир намудани маҳсулоти истеҳсолшуда;

- ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда.

Фароҳам овардани шароит барои коркарди ашёи хоми истеҳсолӣ, ҳалли масъалаи ба кор андохтани корхонаҳои навро дар заминаи ташаббусҳои бахши хусусӣ ва сармояи хориҷӣ талаб менамояд. Барои ба даст овардани ҳадафҳо амалӣ намудани вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- кам намудани монеаҳои маъмурӣ дар бахши савдо;

- таҷдиди инфрасохтори соҳа ва баланд бардоштани самарабахшии инфрасохтори институтсионалӣ;

- диверсификатсияи фаъолияти тиҷоратӣ;

- дастгирии самарабахши молиявии соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар бахши савдо амалӣ мегардонанд (паст кардани фоизи қарзҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи додани қарзҳо бо кафолат);

- ҷорӣ намудани механизмҳои суғуртаи фаъолият, фондҳои мол ва моликияти соҳибкорони машғул дар бахши савдо;

- мутобиқ намудани нуктаҳои фурӯш бо стандартҳои муосир (аз ҷумла бозорҳои тиҷоратӣ);

- фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои фурӯши маҳсулот аз ҷониби истеҳсолкунандагон дар бозорҳои вилоят;

- ба роҳ мондани алоқа байни истеҳсолкунандагони маҳсулот, бозор ва дигар муассисаҳои савдо;

- дар самти баланд бардоштани нақши илм зарурати фаъол сохтани фаъолияти инноватсионӣ дар бахши соҳибкорӣ.

Барои густариш додани мавқеи илм дар истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ, таъмини ҳамгироии илм бо истеҳсолот амалишавии тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- таъсиси стартапҳо, паркҳои технологӣ, технополисҳо, бизнес-инкубаторҳо дар ҳудуди МОИ;

- бо мактабҳои олӣ ҳамгироӣ намудан дар самти ташкил ва бурдани фаъолияти тадқиқотҳои илмӣ бо субъектҳои МОИ;

- барои рушди баланди технология пешниҳоди имтиёзҳои гуногун;

- таъсиси шуъбаи илм ва инноватсия дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал;

- таҳияи дурнамоҳо оид ба ҳамгироии илму техника.

Ба ақидаи мо, амалишавии тавсияҳои дар боло зикргардида барои рушди фаъолияти инноватсионии минтақа саҳми назаррас дорад.

Дар коркарди барномаи давлатӣ оид ба рушди МОИ дар қаламрави ҷумҳурӣ бояд масъалаҳои истифодабарии техникаву технологияи инноватсионӣ таваҷҷуҳи хоса дода шавад, ки дар оянда ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ба амал оварда шавад.

Дар солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҶТ барои ҷалби сармояи хориҷии мустақим аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Алалхусус, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи мазкур чунин

омадааст: «...Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Барои иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони бонангу номуси кишвар дар се соли охир беш аз 20 миллиард сомонӣ хароҷот карда шуд ...» [4].

Дар ҳақиқат дар шароити муосир дар муддати кутоҳ барои баланд бардоштани рушди иқтисодиёти миллӣ сармояи ватанӣ нокофӣ мебошад. Бинобар ин, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар ҳалли бештари муаммоҳои иқтисодӣ дар самти ташкили истеҳсолот метавонад самараи хуб диҳад. Дар ин ҷо бояд ҷалби сармояи хориҷиро ба он соҳаҳо равона созем, ки дар шароити муосир соҳаҳои хеле афзалиятнок мебошад. Дар навбати худ соҳаҳои афзалиятнок тибқи таҳқиқотҳои ҳамаҷонибаи илмӣ дар асоси омӯзиши вазъи глобалӣ фазои рақобатӣ муайян хоҳад гардид. Вале новобаста аз ин дар оянда бояд дар навбати аввал ба сармояи ватанӣ таваҷҷуҳи хоса диҳем, зеро дар шароити муосир бо сабаби тезу тунд гаштани вазъи сиёсӣ дар ҷаҳон манфиатҳои геополитикии кишварҳои алоҳида афзоиш додан, ғанӣ гардонидан ва истифода намудани сармояи дохилӣ роҳи беҳтарин ва самаранок мебошад. Аз ин лиҳоз, барои ҷалби сармояи ватанӣ ҷо ба ҷогузории он дар соҳаҳое, ки барои истеҳсоли арзиши изофаи зиёд мавҷуд аст, мувофиқи мақсад мебошад. Яке аз чунин равияҳо, ки ҳудудҳои МОИ мебошад. Вале ҷо ба ҷогузории сармояи хориҷӣ ва ватанӣ дар МОИ самараи дучандон медиҳад ва дар ҳалли масъалаҳои таъмини рушди устувор мусоидат менамояд. Инро бо он мудаллал менамоем, ки дар навбати аввал МОИ аз ҷониби давлат танзим ва барои таъмини рушд дастгирӣ карда мешавад. Аз тарафи дигар дар МОИ имтиёзҳои гуногун мавҷуданд, ки ҳам барои фаъолияти

сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам сармоягузорони ватанӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло сиёсати ободкорию созандагӣ ҳукмфармо аст боз ҳам густариш додани фаъолияти МОИ аз нуктаи назари мо имкониятҳои бузург мавҷуд мебошад. Бинобар ин дар асоси истифодабарии механизмҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии андозӣ, буҷавӣ, сиёсати қарзӣ, сиёсати гумрукӣ бидуни МОИ ташаккули дигар намудҳои минтақаҳои иқтисодии гуногун (минтақаҳои савдои бебоҷ, минтақаи савдои наздисарҳадӣ, минтақаи соҳибкории озод, паркҳои илмӣ, марказҳои инноватсионӣ, минтақаҳои сайёҳӣ ва ғайра) ба роҳ монда шавад, боз ҳам мувофиқи мақсад мебошад.

Нақши сармоягузорӣ дар истифодаи самараноки захираҳои рушди иқтисодӣ дар ҷадвали 3.7 оварда шудааст:

Ҷадвали 3.7. - Равияҳо сармоягузорӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ оид ба самараноки захираҳои истеҳсолӣ

Самти сармоягузорӣ	Натиҷаи интизорӣ
Сармоягузорӣ ба технологияҳои ҳозиразамон, техникаи муҳофизати табии	Камкунии маводғунҷоишӣ ба воситаи коркарди нисбатан амиқ ва маҷмуи ашёи хом, ҳимоя аз вайроншавии табиат
Сармоягузорӣ ба рушди инсонӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ	Баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат тавассути такмили таҳсилот, тандурустӣ ва беҳдошти ташкили меҳнат
Ноу-хау, ҳавасмандии меҳнат	Такмили доимии идора тавассути ҷорӣ намудани усулҳои муосир ва пешқадам
Ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нави рақамӣ	Зиёд намудани боздеҳи фондҳо ва беҳдошти сифати маҳсулот ба воситаи такмили технология ва ташкили истеҳсолот
Сармоягузорӣ ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ	Зиёд намудани фоида, молу хизматрасониҳои нав ва беҳтар кардани ҳифзи муҳити зист

Манбаъ: *таҳияи муаллиф бо истифодаи маводи [18].*

Қобили зикр аст, ки соҳибкорону сармоягузорон дар татбиқи афзалиятҳои муайянкардаи Ҳукумат, бахусус, доир ба рушди босуботи иқтисодӣ, воридоти технологияҳои ҳозиразамон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, инчунин, анҷом додани корҳои созандагӣ ва хайру эҳсонкорӣ фаъолона иштирок мекунанд. Дар натиҷаи ислоҳот ва тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар МОИ "Суғд" ба 41 адад расонида шуд, ки нисбат ба 5 соли пеш 15 адад зиёд мебошад. Вале бояд гуфт, ки дар самти фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузории мустақим ва дастгирии соҳибкорӣ ҳоло ҳам баъзе монеаҳои сунъии маъмурӣ ба назар мерасанд. Вазъи имрӯзаи фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ бо назардошти таъсири омилҳои берунӣ талаб менамояд, ки ба соҳибкорон имтиёзҳои бештар пешниҳод карда шаванд. Бинобар ин, Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бояд бо мақсади суръат бахшидан ба раванди саноатикунонӣ, рушди истеҳсолот ва содирот дар асоси омӯзишу таҳлилҳои ҳаматарафа механизми пешниҳоди дастгирии давлатӣ ва имтиёзҳоро барои истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молу маҳсулоти ватанӣ вобаста ба андозу гумрук ба сармоягузорон ҷиҳати воридоти таҷҳизоту технологияҳои нав пешниҳод намоянд. Бо назардошти сатҳи баланди ҳамгироии иқтисодиёти кишварамон ба савдои байналмилалӣ ҷиҳати рақобатпазирӣ дар ҷалби сармоя ва бозорҳои молии ҷаҳон, баробар кардани сатҳи андозбандӣ бо шарикони асосии иқтисодиву тиҷоратӣ ва давлатҳои ҳамсоя аҳамияти муҳим пайдо намудааст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат масъалаи мазкурро бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодиву молиявӣ ҳаматарафа омӯхта, ҷонибдорӣ намуда истодааст.

Нақши МОИ дар иқтисодиёти ҳар як минтақае, ки ташкил карда шудааст, дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақа саҳми назарраси

худро гузошта истодааст. Дар шароити имрӯза, ки рақобат дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ, прогресси илмӣ-техникӣ зиёд шуда истодааст, ташкили минтақаҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла МОИ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ аст. Зеро дар ин гуна минтақаҳо маҳсулотҳое истеҳсол карда мешавад, ки ба талаботи бозори дохила ва беруна барои қонеъ гардонидан равона карда мешавад.

Чӣ хеле ки дар боби дуюми рисолаи мазкур қайд карда будем, дар МОИ «Суғд» бо истеҳсоли ноқилҳои барқӣ, қубурҳои пластикӣ, профилҳои пластикӣ барои дару тиреза, коллекторҳои офтобӣ, қуттиҳои пластмассӣ ва ғайра ҳам талаботи иқтисодиёти миллӣ ва ҳам ба бозори беруна истеҳсол карда шуда истодааст. Баъзе факту рақамҳо оид ба истеҳсоли молу маҳсулот дар ҷадвали поён гирд оварда шудааст. (ниг. ба ҷадвали 3.8)

Ҷадвали 3.8. - Истеҳсоли маҳсулоти МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024

Номгӯи МОИ	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (ҳаз. сомонӣ)	Ҳисса (%)
МОИ «Суғд»	441979,9	84
МОИ «Данғара»	57512,9	10,93
МОИ «Кӯлоб»	201,6	0,038
МОИ «Панҷ»	26261,2	5
МОИ «Ишкошим»	-	-
Ҳамагӣ:	**525955,6**	**100**

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи [111]

Дар МОИ-ҳои кишвар то ин давра ба маблағи беш аз 525,9 млн сомонӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ анҷом дода шудааст, зеро ки тарафи МОИ «Данғара» ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 57512,9 ҳаз.сомонӣ, МОИ «Суғд» ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 441979,9 ҳаз.сомонӣ, МОИ «Панҷ» ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 26261,2 ҳаз.сомонӣ, МОИ «Кӯлоб» ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулот ба 201,6 ҳаз.сомонӣ баробар аст ва МОИ «Панҷ» бошад, умуман маҳсулот истеҳсол нашудааст, зеро ки ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ ниёз доранд.

Ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ дар соли 2024 ба МОИ афзоиш ёфта 114 миллион сомониро такшил мекунад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 11 фоиз зиёд мебошад.

Аз оғози фаъолият дар МОИ 1625 нафар ҷойҳои корӣ таъсис дода шуда, ҳаҷми умумии сармоягузориҳо бошад ба 2499 млн. сомонӣ расидааст.

Дар байни МОИ аз рӯйи ҳамаи параметрҳо, ки ба истиснои ҳаҷми сармоягузориҳо, МОИ “Суғд” мавқеи пешсаф дорад. Соли охир ҳаҷми калонтарини амалиётҳои байналхалқии ин минтақаҳо ба 47,3 млн. сомонӣ расидааст. Дар афзоиши ин ҳаҷми маҳсулот ҳиссаи вилояти Суғд хело назаррас аст, яъне зиёда аз 84 фисади истеҳсоли маҳсулоти умумиро ташкил медиҳад.

Ш. Ш. Бозоров ҳангоми муайянкунии хусусиятҳои асосии бозори молҳои саноатӣ як қатор нишонаҳоро, ба монанди миқдоран кам будани харидорон; баробари камшумор буданашон, харидори бузург будани онҳо; ба таври ҷуғрофӣ ҷамъ шудан; кам шудани талабот ва вобастагии он аз талабот ба молҳои серистеъмол; ногаҳон дигаршавии талабот таъкид намудааст. Дар ин радиф ӯ чунин меҳисобад: «...фурӯшандагони молҳои саноатиро зарур аст, ки ба ин омилҳо риоя карда, тактикаи худро ба омилҳои мушаххаси вазъи муҳит, хусусиятҳои ташкилот, муносибатҳои байнишахсӣ ва хусусиятҳои шахсияти инфиродӣ, ки ба харидкунӣ таъсир мерасонад, мувофиқ кунанд...» [39].

Нақши асосиро дар ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба марзи МОИ, ки яке аз фаъолияти сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ширкатҳои муштарак мебозанд. Дар солҳои охир дар ин самт низ корҳои муайян иҷро шуда истодааст. Барои тасдиқи он метавонем гуем,

ки ҳар сол дар чорчӯбаи иҷроиши нақша чорабиниҳо оид ба пешвоз гирифтани 35-солагии Истиқлолият дар ҳар як субъекти алоҳидаи МОИ корхонаҳо ташаккул дода истодааст, ки онҳо дар воситаи ахбори омма васеъ паҳн шуда истодааст.

Ҳамин тариқ, дар МОИ-ҳои кишвар рушди раванди инноватсионӣ дар асоси истифодаи комёбиҳои пешқадами илму техника имконпазир аст. Дар ин самт дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам аҳамиятӣ калон дорад.

Такмили танзими фаъолияти инноватсионии иқтисодиёт ва ҷалби сармоягузорӣ дар МОИ яке аз омилҳои калидии рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоқикистон ба ҳисоб меравад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, зарур аст, ки механизми иқтисодӣ ва ҳуқуқии МОИ такмил ёбад, шароити мусоид барои соҳибкорон ва дастгирии давлатии инноватсияҳо фароҳам оварда шавад. Ба он беҳсозии инфрасохтор, дастрасӣ ба сармояи хориҷӣ ва таҳкими рушди технологияҳои нав ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ, инчунин институтҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ, омили муҳими густариши иқтидори иқтисодии МОИ маҳсуб меёбад.

Сиёсати сармоягузории давлат - маҷмуи чораҳо ва ҳадафҳои бо ҳам алоқамандест, ки ба таъмини зарурии сатҳ ва сохтори маблағгузориҳо ба иқтисоди кишвар ва бахшҳои ҷудогонаи он равона гардида, боис ба болоравии фаъолнокии сармоягузории ҳама агентҳои асосии фаъолияти такрористеҳсолӣ, аҳолӣ, корхона ва давлат мегардад. Ба таври соддатар агар баён намоем, сиёсати сармоягузорӣ - ин фаъолияти давлат ҷиҳати дарёфти манобеи сармоягузориҳо ва барқарорнамоии самтҳои оқилонаи истифодаи ин воситаҳо шуморида мешавад.

Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва тавсеаи муносибатҳои бозорӣ, МОИ дар Тоҷикистон метавонанд ҳамчун платформаҳои калидӣ барои ҷалби сармоя ва пешбурди навовариҳо

хизмат кунанд. Барои расидан ба ин мақсад, такмили танзими ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва маъмурии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар МОИ муҳим арзёбӣ мегардад.

Пеш аз ҳама, зарур аст, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти МОИ бо талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шуда, механизмҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ бештар гардонида шаванд. Дастгирии ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи технологияҳои нав, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ бошанд.

Дуюм, рушди инфрасохтори муосир, аз ҷумла шабакаҳои нақлиётӣ, энергетикӣ, телекоммуникатсионӣ ва логистикӣ, барои ҷалби сармоя ва таъмин намудани шароити мусоид барои фаъолияти ширкатҳои инноватсионӣ зарур аст. МОИ бояд ба марказҳои воқеии рушди технологияи инноватсионӣ табдил ёбанд, ки дар онҳо имконияти ҳамгироии илм, истеҳсолот ва бозор вуҷуд дошта бошад.

Сеюм, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар самтҳои инноватсионӣ ва соҳибкорӣ, яке аз омилҳои калидии рушди МОИ мебошад. Ҳамкории мустаҳками муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо ширкатҳои инноватсионӣ метавонад заминаи илмӣ ва амалӣ фароҳам оварад.

Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки танзими фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ бояд бо истифода аз таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва дар асоси таҳлилҳои иқтисодӣ амалӣ карда шавад. Хусусан дар ҳудуди МОИ бо тавассути самаранок истифодаи захираҳо, ҷалби техникаю технологияи нав, барои истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ саҳми назаррас гузоштан мумкин аст. Инчунин, мавҷудияти дар ҳудуди МОИ муҳити мусоиди соҳибкорӣ ҳам барои вусъат бахшидан ба ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, рушди робитаҳои байналмилалӣ, таъмини рушди устувори минтақаҳо имконият медиҳад.

ХУЛОСА
Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи иҷрои кори илмӣ–таҳқиқотии мазкур якчанд хулосаҳои зерин руйи кор омаданд:

1. МОИ ҳамчун калид барои кушодани роҳҳои нави савдои хориҷӣ, таъминоти сатҳи болоравии содиротӣ, дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамаи он мақсадҳое, ки барои рушди иқтисодиёти кишвар равона карда шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи мустаҳками нав оид ба дастгирии давлатӣ, ҳавасмандии маҳсулоти содиротӣ, барномаҳои тиҷоратӣ, ташкили ширкатҳои ҳуқуқӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар асоси тараққиёти технологияҳои инноватсионӣ бояд равона карда шаванд.

2. МОИ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо мақсади рушди тиҷорати хориҷӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ сурат мегиранд. Бо ин васила имконият медиҳанд, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ худро дар бозори ватанӣ ва ҷаҳонӣ таҳким бахшад ва ба рушди иқтисодиёти рақобатпазир ва инноватсионӣ ноил гардад. Ҳамзамон, бо роҳандозии стратегияҳои самараноку равишҳои дурусти идоракунӣ, имконият фароҳам меояд, ки иқтидори истеҳсоливу содиротии кишвар ба марҳилаи нав бардорад. Ин тадбирҳо метавонад ҳамчун воситаи устувори рушди иқтисоди миллӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ хидмат намоянд.

3. Истифодаи таҷрибаи кишварҳои Туркия ва Қазоқистон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба дастгирии давлатии рушди корхонаҳои саноат дар минтақаи озоди иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад. Хуб мешуд, агар дар МОИ кишвар пардохти боҷҳои гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда ё фоизи онро камтар ҷорӣ шаванд, ин маблағҳо барои рушди корхонаи саноатии МОИ равона гарданд. Бо

мақсади пурзӯр намудани воридшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ташкили истеҳсолоти хеле самаранок, аз ҷумла истифодаи технологияҳои баланд ва ба содирот нигаронидашуда, азхуд намудани навъҳои нави маҳсулот, ҷалби маблағгузорӣ, такмил додани меъёрҳои ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, татбиқи усулҳои муосири хоҷагидорӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ зарур мебошад.

4. Минтақаҳои озод нисбат ба дигар манотиқи кишвар муҳити мусоидтар ва фасеҳи тиҷоратро барои афзоиши тиҷорат ва содирот барои баъзе фаъолиятҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ пешниҳод мекунанд. Манфиатҳои минтақаҳои озод: арзиши ками меҳнат ва замин; озодкунӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, андоз аз даромад, андоз аз корхонаҳо ва андозҳо аз амалиёти бонкӣ; озодии тиҷорати хориҷӣ, канорагирӣ аз маҳдудиятҳои қонунӣ; барои иштироки сармояи хориҷӣ дар минтақаҳои озод ҳеҷ гуна маҳдудият вуҷуд надорад; инфрасохтори рушдёфта ва шароити хубӣ корӣ.

5. Барои рушди иқтисодӣ бояд бештар омилҳои интенсивӣ истифода бурда шаванд ва тараққиёти он, пеш аз ҳама, таъмини илмию техникӣ ва натиҷаҳои татбиқи он дар истеҳсолот аст, ки ба баланд шудани сатҳи ҳосилнокии меҳнат боис мегардад. Вобаста ба ин, истифодаи самараоварии тамоми намудҳои воситаҳои асосии амалкунандаи корхона, аз ҷумла воситаҳои асосии истеҳсолӣ, ки дар болоравии сатҳи бозdeҳи фондҳо, миқдори бастнокӣ, бештару хубтар кор кардани таҷҳизот, истифодаи шакли пешқадами хоҷагидорӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи ислоҳоти иқтисодӣ, инчунин механизми иқтисоди бозорӣ аҳамияти бениҳоят муҳим доранд.

6. Ташаккули кластерҳо дар ҳудуди МОИ «Суғд» оид ба воридотивазкунӣ ба содиротнигаронидашуда, фаъолияти самарабахши

МОИ «Суғд»-ро вусъат медиҳад. Дар ин самт дастгирии мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал бо таҳия намудани барномаҳои махсуси рушди МОИ дар асоси консепсияи стратегияи рушди ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад мебошад.

7. Фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидорӣ дар МОИ дар зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад. Алалхусус:

- сиёсати давлатӣ оид ба фароҳам овардани шароити муносиб барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ;

- тақсимоти захираҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ ё аз буҷети маҳаллӣ барои рушди инфрасохтори МОИ;

- сиёсати кадрӣ дар МОИ;

- таъминнокӣ ба ашёи хом ва дигар нишондиҳандаҳо.

Дар самаранокии МОИ коркард ва ҷорӣ намудани барномаҳои махсус, чорабиниҳои дастгирӣ аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, инчунин амалишавии шарикии давлат ва бахши хусусӣ нақши калидӣ дорад.

8. Яке аз механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ дар ҳудуди МОИ ин таъсис ва истифодабарии шарикии давлат бо бахши хусусӣ мебошад. Зеро дар ин ҳолат афзалиятҳои рақобатии бахши давлатӣ бо афзалиятҳои рақобатии бахши хусусӣ ҳамоҳанг гардида дар баланд бардоштани самараи синергетикии корхонаҳои мазкур мусоидат менамояд. Инчунин, ҷалби техника ва технологияҳои инноватсионӣ, таъсиси корхонаҳои нави муштарак, дар самти саноати баланди технология, қобилияти содиротию воридотивазкунии МОИ-ро афзоиш медиҳад.

9. Дар шароити муосир таъсис ва фаъолияти МОИ дар ҳудудҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷалби сармояи хориҷӣ ба фишанги асосӣ табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, дар масъалаи ҷойгиршавии МОИ ҷанбаҳои

ҷуғрофӣ, ҳадафҳои стратегии давлатӣ, вазъи рушди иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо ба инобат гирифта шавад мувофиқи мақсад аст. Зеро бо тавассути ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ фароҳам овардани фазои сармоягузории муносиб дар корхонаҳои саноатие, ки дар ҳудуди МОИ фаъолияткунанда лоиҳаҳои сармоягузории гуногуне, ки барои рушди иқтисодиёти давлатӣ зарур аст, ба амал татбиқ мегардад.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Баҳри рушди МОИ «Суғд» татбиқи чораҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- дар сатҳи миллӣ ташаккул додани консепсияи возеҳ дар соҳаи МОИ бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ;

- таҳия ва қабули заминаи дахлдори қонунгузорӣ ва меъёрие, ки раванди ташкил ва фаъолияти МОИ-ро танзим мекунад;

- қобилияти мақомоти миллӣ ҷиҳати ҷудо намудани маблағҳои зиёди буҷетӣ барои ташаккули инфрасохтори МОИ «Суғд» бо дарки он, ки самараи воқеӣ барои кишвар дар оянда ба даст оварда мешавад;

- кадрҳои нави баландихтисос, мутахассисоне лозиманд, ки аз ҷомеаи ҷаҳонӣ донишҳои муосири академӣ гирифтаанд, инчунин дар соҳаи иқтисодиёт, ҳуқуқ, менеҷмент, усулу воситаҳои муосири идоракунӣ, забонҳои хориҷиро медонанд.

Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар ҳудуди МОИ чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:

- дар асоси таҳия ва истифодабарии таҳқиқотҳои стратегияи маркетингӣ муайян намудани талаботи муосири бозори дохила ва беруна ба молу маҳсулотҳои истеҳсолшаванда;

- ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар амалӣ намудани ҷараёни истеҳсолот ва пешниҳоди молу хизматрасониҳо;

- ҳавасмандии ҳамаҷониба барои ташаккули фаъолияти инноватсионӣ ҳар як корманди корхона;

- баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузорӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ;

- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ барои самаранок истифодабарии захираҳои истеҳсолии корхонаҳо;

- коркарди барномаҳои махсус ва стратегияи рушди корхонаҳо дар асоси таҳқиқи вазъи конъюктураи бозор;

- таъмини ҳамоҳангии муносибатҳо бо мактабҳои олӣ оид ба таъминнокӣ бо кадрҳои баландихтисос ва амалӣ намудани ҳамгироии илм бо истеҳсолот ва ғайра.

Амалишавии чорабиниҳои қайдгардида барои рушди МОИ «Суғд», ки дар умум механизми дастгирии давлатӣ маҳсуб меёбад, дар сатҳи баланд мусоидат менамояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. Душанбе: Шарқи озод, 2023. – 64 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” // Минбари халқ. 2022. № 51 (1397), 28 декабр.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиии ҷумҳурӣ” (ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024). – Душанбе; нашриёти “Шарқи озод”, 2024. – С.21-22
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиии ҷумҳурӣ” (ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024). – Душанбе; нашриёти “Шарқи озод”, 2024. – С.4.
5. Суханронии Президенти ҶТ дар маҷлиси васеи Ҳукумати ҶТ доир ба рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2005 ва вазифаҳои минбаъда. Душанбе, 30 январи 2006.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2030. Душанбе, 2016. С. 5–12.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17.05.2004, № 24.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” № 700 аз 25.03.2011.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд»» аз 02.05.2008, № 227.
10. Қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1146 ва № 1147 аз 29.10.2008.
11. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара»» № 74 аз 20.02.2009.
12. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсиси Фонди ҷумҳуриявии рушди

минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» № 565 аз 8 октябри 2012.
13. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсиси Шӯрои нозирон оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ» № 664, 30 декабри 2014.
14. Қарори Ҳукумати Қазоқистон № 1151 аз 22.11.2005. Дар асоси маводҳои Маркази пешбурди сармоягузории Қазоқистон.
15. Низомнома «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 05.12.2005, № 191.
16. Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» ва «Панҷ» бо қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ № 1146 ва 1147 аз 29.10.2008.
17. Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» бо қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ № 2010 ва № 1545 аз 20.01.2010.
18. Барномаи давлатии миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025. С. 61.
19. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016–2020. 45 с.
20. Вазъи иҷтимоиву иқтисодии вилояти Суғд, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2025, саҳ. 107
21. Омори солонаи вилояти Суғд, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон дар вилояти Суғд, 2025. 182 с
22. Омори солонаи вилояти Суғд, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон дар вилояти Суғд, 2025. – 11с.
23. Омори солонаи вилояти Суғд, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон дар вилояти Суғд, 2025. – 79с.
24. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.- Хуҷанд,

2025 – 296с.

25. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.- Хуҷанд, 2025 – 258 с.
26. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.- Хуҷанд, 2024

Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

27. Абдусамадов, Г. С. Хусусиятҳои минтақаҳои иқтисодӣ дар вилояти Суғд. Душанбе: Ирфон, 1998. – 180 с.
28. Абдуллоев, М. А. Таърихи фикрҳои иқтисодӣ. Душанбе: Дониш, 2018. – 350 с.
29. Абдуллоев, Ш. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ. Душанбе: Ирфон, 2015. С. 45–60.
30. Абдуллоев, А. Иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.
31. Абдураҳмонов, Ҳ., Раҷабов, Қ. Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисод. Душанбе: Ирфон, 2010. – 491 с.
32. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Теҳрон: Институти адабиёти форсӣ, 2001. – 1080 с.
33. Авасто. Перевод и комментарии. Душанбе: Ирфон, 2005. – 430 с.
34. Авдокушин, Е. Ф. Мировая экономика. М.: Инфра-М, 2010. – 384 с.
35. Авдокушин, Е. Ф. Свободные (специальные) экономические зоны. М., 1993. С. 145.
36. Аминов, И. А. Предпринимательство: учебное пособие. Душанбе: Ирфон, 2007. – 132 с.
37. Аристотель. Политика: перевод с древнегреческого. М.: Наука, 1982. – 480 с.
38. Бобоев, М. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва рушди иқтисоди миллӣ.

Душанбе, 2017. – 256 с.

39. Бозоров, Ш. Ш. Маркетинг (китоби дарсӣ). Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 424 с.
40. Бойматов, А. А. Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Душанбе: Дониш, 2001. – 220 с.
41. Вайнер, Я. Теория экономической интеграции. М.: Международные отношения, 1995. – 256 с.
42. Воронков, А. Н.; Лопаткина, Т. Н. Транспортно-складская логистика строительства: Монография. Н. Новгород: Нижегор. гос. Архитектур строит. ун-т., 2010. – С. 76.
43. Друзик, Я. С. Свободные экономические зоны в системе мирового хозяйства: Практическое пособие. Минск: ФАУ информ, 2000. – 304 с.
44. Зименков, Р. И. Свободные экономические зоны. М.: ЮНИТИ–ДАНА, 2005. – 223 с.
45. Киреев, А. П. Международная экономика: в 2-х т. Т.1: Международная торговля. М.: Международные отношения, 2005. – 528 с.
46. Қодиров, Ф. А. Малая открытая экономика Республики Таджикистан: вопросы привлечения региональных форм иностранного инвестирования: Монография. Душанбе: Ирфон, 2012. – 112 с.
47. Маҳмадназарбеков, М. Рушди минтақавии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити бозорӣ. Душанбе: Ирфон, 2012. – 240 с.
48. Мирсаидов, А. Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. Хуҷанд, 2008. – 252 с.
49. Муминов, Н. Г. Свободные экономические зоны: Учебное пособие. Ташкент: Национальный университет Узбекистана имени Мирзо Улугбека, 2005. – 203 с.
50. Назаров, Т. Истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Маориф ва фарҳанг,

2014. – 222 с.

51. Назаров, Т. Истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар минтақаҳои махсуси Тоҷикистон. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 198 с.
52. Олин, Б. Интеррегиональная и международная торговля. М.: Экономика, 2000. – 372 с.
53. Платон. Государство (Сиясат). М.: Наука, 1977. – 512 с.
54. Ражабова, З. А. Свободные экономические зоны: мировой опыт и перспективы развития в СНГ. М.: Наука, 2007. – 267 с.
55. Раҳимов, Н. Н. Иқтисод дар фарҳанги тоҷику форс. Душанбе: Ирфон, 2017. – 275 с.
56. Саидмуродов, Л. Асосҳои ташаккули минтақаҳои иқтисодии инноватсионӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: Сино, 2020. –185 с.
57. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики. Душанбе: Дониш, 2021. – 294 с.
58. Саидмуродов, Л. Таҳқиқоти минтақаҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе: Сино, 2020. –190 с.
59. Саидмуродов, Л. Таърихи назарияи иқтисод ва мероси фарҳангии халқи тоҷик. Душанбе: Сино, 2022. – 210 с.
60. Султонзода, И. М. Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ. Душанбе, 2021. С. 62–69.
61. Тиберг, Я. Международная экономика: Учебник. М.: Финансы и статистика, 1998. – 415 с.
62. Тиницкая, О. В.; Макарова, Г. В. Свободные экономические зоны: Учебное пособие. СПб.: ИЦ «Интермедия», 2017. – 252 с.
63. Умаров, Х. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе: Аржанг, 2017. – 210 с.
64. Унсурулмаолӣ, Кайковус. Қобуснома. Душанбе: Ирфон, 2004. –320 с.
65. Уоллис, Х. Экономическая интеграция и региональное развитие. Лондон: Allen & Unwin, 1968. – 289 с.

66. Ҳакимов, А. Ҳ.; Каримова, М. Т.; Қодиров, Д. Б.; Шодиева, Т. Ғ. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
67. Ҳакимзода, А. Минтақаи иқтисодӣ. Душанбе: Ирфон, 2005. – 245 с.
68. Ҳакимзода, А.; Раҷабов, Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. С. 7.
69. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Душанбе: Дониш, 2010. –250 с.
70. Шейман, И. Либерализация экономики Европы. Москва: Юность, 2005. С. 76–81.
71. Шоидарвозова, М. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: Дониш, 2016. – 198 с.
72. Шоидарвозова, М. С. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе: Аржанг, 2016. –200 с.
73. Ястребов, О. А. Механизм государственно-частного партнерства при реализации инвестиционно-строительных проектов в форме концессий. М.: Наука, 2010. –234 с.

Мақола ва маърӯзаҳо

74. Udaya, V. Significance of free economic zones: A study from an international perspective // International Journal of Trade & Global Business Perspectives. – 2016. – №5. – P. 3111–3120.
75. Александрова, Е., Лагутенко, Б. Специальные экономические зоны в мировом хозяйстве // Внешнеэкономическая деятельность. – 1997. – № 4. – С. 15–22.
76. Алиҷонов, Д.А. Самтҳои асосии татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар Тоҷикистон // Таҳқиқоти иқтисодӣ. – Душанбе: ДМТ, 2019. – №4(18). – С. 33–40.
77. Андерсен, А.П. Обзор основных положений Федерального закона о

государственно-частном партнерстве // Пробелы в российском законодательстве. – 2016. – №1. – С. 55–59.

78. Богуславский, М.М. Особые экономические зоны во внешнеэкономической деятельности // Журнал российского права. – 2004. – №6. – С. 95–105.

79. Вохидов, У.М. Применение методов моделирования для анализа эффективности налоговой политики // Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Серия: экономических наук. – Душанбе: ТГПУ, 2012. – №5(48). – С. 285.

80. Ғаффаров Ф.М. Нақши сармоягузорӣ ва минтақаи озоди иқтисодӣ дар раванди саноатикунонии кишвар // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2019. – №3 - С. 130-139.

81. Гулов, Б.М. Асосҳои методии арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020. – №1/1(71). – С. 195.

82. Дадоҷонова, Н.М., Сафоев, Ҳ.С. Дастгирии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №1(32). – С. 73–77.

83. Иброҳимзода, И.Р. Таҳаввулоти назариявии пайдоиш ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №2(31). – С. 76–81.

84. Игамназаров, Н.И., Ризокулов, Т.Р. Региональные аспекты развития предпринимательства: состояние и проблемы // Издательство экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 201–207.

85. Икромов, Ҷ.З. Таърихи саноатикунонии иқтисоди Тоҷикистон // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои

ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №4(261). – С. 184 –191.

86. Кодиров, Ф.А. Инновационная инфраструктура – основа развития промышленного предпринимательства // Финансово-экономический вестник. – 2020. – №4(24). – С. 49–58.

87. Лайченкова, Н.Н. Особые экономические зоны: мировой опыт и российские реалии // Налоговая политика и практика. – 2006. – №6(24). – С. 36–39.

88. Маъруфджони, Садруддин. Налоговое регулирование свободных экономических зон и его роль в развитии инвестиционной деятельности // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2017. – №3(55). – С. 375–387.

89. Мирсаидов, А.Б., Гулов, Б.М. Институциональные аспекты эффективного использования инвестиционного потенциала в аграрной экономике // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №4 часть I. – С. 158–164.

90. Назарова, З. С. Масъалаҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ Тоҷикистон // Номаи Донишгоҳ. – 2023 - №4(66). – С. 85–92

91. Низомова, Т.Д., Раҳмонов, Ҷ.Р. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – №2(78). – С. 134–149.

92. Одинаев, М.А., Давлатов, Н.А. Таҳлили омории ҳолати сармоягузориҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 129–137.

93. Ризоқулов, Т.Р. Воридотивазкунӣ ҳамчун унсури стратегияи миллии рушди иқтисодӣ // Иқтисодиёт ва идора. – Душанбе: ДМТ, 2020. – №2(12). – С. 45–51.

94. Рожков, Г.В. Социальные факторы развития свободных

экономических зон // Транспорт и бизнес в России. – 2021. – С. 87–88.

95. Сафаров, Б.Г. Мезоуровневая интеграция как результат самодвижения открытой экономики регионов страны // Финансово-экономический вестник, ТГФЭУ. – 2020. – №4(24). – С. 42–49.
96. Солехзода, А. Оценка качественных характеристик малой открытой экономики Таджикистана // Вестник «Финансы и экономика». – Душанбе: ТГФЭУ, 2019. – №3. – С. 76.
97. Стратегический анализ социально-экономического развития регионов: принципы, основные направления, проблемы / под ред. В.А. Гневко, В.Е. Рохчина. – СПб.: ИРЭ РАН, ИУЭ, 2014. – 288 с.
98. Файзуллоев, М.К. Индустриализация как базис инновационно-промышленной политики и драйвер модернизации экономики Таджикистана // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. – №1. – С. 60–67.
99. Фролова, Т.А. Сущность СЭЗ и причины их создания // ТТИ ЮФУ, 2012. – 14 с.
100. Холиқов, Ҳ. Қ. Нақши минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ миллӣ // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 112–118.
101. Хушвахтзода, Қ.Х., Асрорзода, У.С. Аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии халқии Хитой // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №10-1. – С. 44–52.
102. Шарифзода, М.М., Солиев, Ҳ.А. Минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №1(86). – С. 81–88.
103. Шмонов, Н.Н. Историческое исследование проблем развития особых экономических зон. – Казань: Изд-во КГУКИ, 2010. – С. 156–161.

104. Эраджи, Д. Роль свободных экономических зон в улучшении инвестиционного климата // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства / под ред. З.О. Адамановой. – Симферополь, 2021. – С. 720–723.

Диссертатсия ва авторефератҳо

105. Нематсалимзода, С.С. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун воситаи ҷалби сармояи хориҷӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) : автореф. дисс. … номз. илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – 24 с.
106. Махсудов, А.М. Ҳаёти иқтисодӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991–2021) : дисс. … номз. илми таърих : 6D020301 / Махсудов Аслиддин Муҳаббатович. – Душанбе, 2022. – С. 195.
107. Шоидарвозова, М.С. Свободные экономические зоны как форма привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан: автореф. дисс. к.э.н. – Душанбе, 2005.

Захираҳои электронӣ

108. China Free Trade Zone. Official website of China Free Trade Zones [Электронӣ]. – URL: http://fta.customs.gov.cn/ (санаи мурочиат: 25.02.2024).
109. Foreign-Trade Zones Act of 1934 [Электронӣ]. – URL: https://www.govinfo.gov/content/pkg/COMPS-5394/pdf/COMPS-5394.pdf (санаи мурочиат: 15.09.2022).
110. International convention on the simplification and harmonization of customs procedures [Электронӣ]. – URL: http://www.wcoomd.org//media/wco/public/global/pdf/topics/facilitation/instruments-and%20tools/conventions/kyoto-convention/revised-kyoto-convention/body_gen-annex-and-specific-annexes.pdf?la=en (санаи мурочиат: 12.09.2022).

111. Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan. About the Ministry [Электронӣ]. URL: https://egov.tj/site/rushdiiktisod?lang=tg (санаи мурочиат: 18.03.2025)
112. Pressa.tj – Дар бораи фаъолияти Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» [Электронӣ]. – URL: https://pressa.tj/sez-sugd-narashhivaet-obem-proizvodstva (санаи мурочиат: 21.12.2024).
113. Shanghai Free Trade Zone. Overview and Development [Электронӣ]. – URL: http://fta.customs.gov.cn/ (санаи мурочиат: 25.02.2023).
114. Special Economic Zones: Performance, Lessons Learned, and Implications for Zone Development [Электронӣ]. – URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/343901468330977533/pdf/458690WP0Box33150 (санаи мурочиат: 12.05.2023).
115. Special Economic Zones: Progress, Emerging Challenges, and Future Directions / The International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank [Электронӣ]. – URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/752011468203980987/pdf/638440PUB0Exto00Box0361527B0PUBLIC0.pdf (санаи мурочиат: 12.09.2022).
116. Sughd Free Economic Zone Administration. Free Economic Zone “Sughd” [Маводи электронӣ]. URL: http://ww.fezsughd.tj (санаи мурочиат: 18.01.2025).
117. T.C. Ticaret Bakanlığı (Вазорати савдои Ҷумҳурии Туркия). Serbest Bölgeler Mevzuatı [Электронӣ]. – URL: https://ticaret.gov.tr/serbest-bolgeler/serbest-bolgeler-mevzuati (санаи мурочиат: 05.03.2023).
118. World Investment Report 2019: Special Economic Zones. UNCTAD [Электронӣ]. – URL: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2019_en.pdf (санаи мурочиат: 12.09.2022).
119. Асосҳои андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ // Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронӣ]. – URL: https://andoz.tj (санаи мурочиат: 10.07.2025).

120. Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурии Қирғизистон. Минтақаи озоди иқтисодии «Bishkek» [Электронӣ]. – URL: https://sez.kg/?lang=en (санаи мурочиат: 05.05.2023).
121. Гузаргоҳҳои сарҳадии Тобыл ва Бӯрабой – маълумоти Кумитаи даромадҳои давлатии Қазоқистон [Электронӣ]. – URL: https://www.gov.kz/memleket/entities/kgd (санаи мурочиат: 10.07.2023).
122. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйироту иловаҳо) – Боби 49. [Электронӣ]. – URL: https://andoz.tj/docs/kodex/KATJ2021_tj.pdf (санаи мурочиат: 3.06.2025).
123. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» [Электронӣ]. – URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31492067 (санаи мурочиат: 05.06.2023).
124. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 марти соли 1992 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/ru/zakonodatelstvo/investitsii/ (санаи мурочиат: 10.07.2025).
125. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 5 майи соли 2009 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/ru/zakonodatelstvo/hozdejatelnost/ (санаи мурочиат: 10.07.2025).
126. Маркази пешбурди сармоягузории Қазоқистон [Электронӣ]. – URL: http://www.aitc.kz (санаи мурочиат: 3.12.2024).
127. Маълумот аз сомонаи www.esbas.com.tr [Электронӣ]. – URL: https://www.esbas.com.tr (санаи мурочиат: 30.11.2024).
128. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Қирғизистон [Электронӣ]. – URL: https://sez.kg/?pageid=466 (санаи мурочиат: 10.12.2024).

129. Налоговый кодекс Республики Таджикистан [Электронный ресурс] : Закон Респ. Таджикистан от 23.12.2021, № 1858 (в ред. от 14.05.2025 № 2168). – Режим доступа: [URL Andoza.tj или Adliya.tj]. (Санаи мурочиат 24.09.2024)
130. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ (аз 30.08.2025) // https://www.president.tj/event/ speeches/52531 (Санаи мурочиат 24.09.2025)
131. Суханронии Президенти ҶТ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, 14.09.2023. Душанбе. Захираи электронӣ: http://www.prezident.tj (санаи мурочиат: 16.09.2023).
132. Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронӣ]. – URL:https://tpp.tj/businessguide2017/rus/svobodnie%20economicheskie_zony_ses_ishkashim_rus.htm (санаи мурочиат: 21.02.2024).
133. Сомонаи иттилоотии Sputnik Тоҷикистон [Электронӣ]. – URL: https://sputnik.tj/ (санаи мурочиат: 25.07.2023).
134. Сомонаи расмии Минтақаи озоди иқтисодии «Дангара» [Электронӣ]. – URL: http://fezdangara.tj/ (санаи мурочиат: 21.02.2024).
135. Сомонаи расмии Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» [Электронӣ]. – URL: http://fezpanj.tj/ru/ (санаи мурочиат: 21.02.2024).
136. Сомонаи расмии Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» [Электронӣ]. – URL: http://fezsughd.tj/# (санаи мурочиат: 21.02.2024).
137. Сомонаи расмии Минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон [Электронӣ]. – URL: https://www.fez.tj/tg/taxonomy/term/19 (санаи мурочиат: 21.02.2024).
138. Сомонаҳои иттилоотӣ [Электронӣ]. – URL: https://sadoimardum.tj; https://mmk.tj/content/ (санаи мурочиат: 23.12.2023).
139. Файзуллоев М. К. Формирование РИС и развитие региональной инновационной системы: состояние и проблемы / М. К. Файзуллоев [Электронӣ]. – URL: http://refdb.ru/look/1211235.html (санаи

муроҷиат: 31.10.2024).

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Бобоева Ш.Ғ. Низоми давлатии дастгирии корхонаҳои бизнеси хурду миёна дар иқтисодиёти минтақавӣ. [Матн] / Ш.Ғ. Бобоева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - 2020. - №1(52). - С.97-103. ISSN 2077-4974

[2-М] Бобоева Ш.Ғ. Моҳияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва зарурати дастгирии давлатии он (дар мисоли МОИ «Суғд») [Матн] / Ш.Ғ. Бобоева // Ахбори ДДҲБСТ // Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ: №1 (94), 2023. – С. 46-53. ISSN 2411-1945

[3-М] Бобоева Ш.Ғ. Самаранокии дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ ва вазъи рушди он (дар мисоли МОИ «Суғд» [Матн] / Ш.Ғ. Бобоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ: Қисми 2 №1/3 (113) 2023. – С. 246-251. ISSN 2663-5534

[4-М] Бобоева Ш.Ғ. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии Суғд [Матн] / Ш.Ғ. Бобоева // Номаи донишгоҳ // Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ: №1(68), ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, 2024. – С. 213-217 ISSN 2077-4974

Б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[5-М] Бобоева Ш.Ғ. Основние факторы информатизации предпринимательской деятельности [Текст] / Ш.Г. Бобоева // Рушди

иқтисодиёти инноватсионию индустриалӣ: назария, усулҳо, таҷриба // Маводҳои конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён: ДИС ДДТТ (19-26 апрели соли 2019), Хуҷанд, 2019. – С. 76-77

[6-М] Бобоева Ш.Ғ. Совершенствование развития инновационного предпринимательства в регионе [Текст] / Ш.Г. Бобоева, М.М. Эгамкулов // Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ: ДИС ДДТТ, Хуҷанд, 2021. - С.375-380

[7-М] Бобоева Ш.Ғ Баъзе масъалаҳои назариявии маркетинги саноатӣ [Матн] / З.А. Самадова, Ш.Ғ. Бобоева // Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ ба ифтихори ҷашни 25-солагии Ваҳдати миллӣ, ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гаштани солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат”: Хуҷанд Дабир 2022. – С.245-247

[8-М] Бобоева Ш.Ғ. Таҷрибаи давлатҳои хориҷаи муосир нисбати вазъи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, низоми дастгирии давлатии онҳо [Текст] / Ш.Ғ. Бобоева // Ҷанбаҳои молиявию иқтисодии тараққиёти сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (6-7 декабри соли 2023) – Хуҷанд, 2023. – С.392-397

[9-М] Бобоева Ш.Ғ. Ташаккули дастгирии давлатии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Ш.Ғ. Бобоева // Ҷанбаҳои молиявию иқтисодии тараққиёти сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (6-7 декабри соли 2023) – Хуҷанд, 2023. – С.404-409

[10-М] Бобоева Ш.Ғ. Афзалиятҳои асосии раванди таҳияи механизми ташкилию иқтисодии дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ дар МОИ [Текст] / Ш.Ғ. Бобоева // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯъи “Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат” Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (31 майи соли 2024). Душанбе 2024.- С.153-161